**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ҲУҚУҚ, БИЗНЕС ВА СИЁСАТИ ТОҶИКИСТОН**

Бо ҳуқуқи дастнавис

**ВБД:** 343.1 (575.3)

**ТКБ:** 67.99 (2) 8 (2 тоҷик)

**К** – 13

**КАБИРЗОДА ГАВҲАРОЙ ҚОСИМӢ**

# ПЕШБУРДИ ПАРВАНДАҲОИ АЙБДОРКУНИИ ХУСУСӢ: АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ-ҲУҚУҚӢ ВА АМАЛИЯИ СУДӢ

**ДИССЕРТАТСИЯ**

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ
аз рӯйи ихтисоси: 5.5.9. Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ

**РОҲБАРИ ИЛМӢ:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Искандаров З.Ҳ.

**Душанбе – 2026**

# МУНДАРИҶА

**НОМГӮИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ…..............3-4**
**МУҚАДДИМА………………………………………………….……..5-21**
**БОБИ 1. ТАҲКУРСИИ ИҶТИМОӢ-ТАЪРИХИИ ТАШАККУЛИ АЙБДОРКУНИИ ХУСУСӢ …………………………………………..22-38**
1.1. Моҳияти таърихии пайдоиш ва инкишофи падидаи ҳуқуқии айбдоркунии хусусӣ………………………………………………..22-31
1.2. Ташаккули тартиби пешбурди айбдоркунии хусусӣ дар замони шуравӣ ва пасошӯравӣ..........................................................................31-38
**БОБИ 2. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ – ҲУҚУҚИИ ПЕШБУРДИ АЙБДОРКУНИИ ХУСУСӢ ……………………………..……….39-72**
2.1. Амалишавии функсияи айбдоркунӣ дар мурофиаи ҷиноятии ватанӣ…………………………………………………………..................39- 49
2.2. Таносуби айбдоркунии хусусӣ ва хусусӣ-умумӣ...........................49-72
**БОБИ 3. МАСОИЛИ МУБРАМИ ПЕШБУРДИ АЙБДОРКУНИИ ХУСУСӢ ……………………………………………………………...73-150**
3.1. Хусусиятҳои пешбурди тосудии парвандаҳои ҷиноятии айбдоркунии хусусӣ: мушкилот ва роҳҳои ҳалли онҳо …………………………....73-107
3.2. Хусусиятҳои пешбурди судии парвандаҳои ҷиноятии айбдоркунии хусусӣ: тобеияти судӣ; оғоз намудани парвандаҳо; исбот ва асосҳои қатъ шудани пешбурди парванда……………………….………….........107-135
3.3. Тартиби умумӣ ва махсусӣ баррасии парвандаи ҷиноятии айбдоркунии хусусӣ дар маҷлиси судӣ……………………….…...136-150
**ХУЛОСА……………………………………………………………151-155**
**ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ...........................................................................................155-156**
**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ (МАЪХАЗҲО)..........................................157-181**
**ФЕҲРЕСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ.................................................................................................182-184**
**ЗАМИМАҲО……………………………………..……………185-193**

## НОМГӮИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

**ҶТ** – Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ФР** – Федератсияи Россия

**ИДМ** – Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил

**ИҶШС** – Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шӯравии Сотсиалистӣ

**КҶ ҶТ** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**КМҶ РСС Тоҷикистон** - Кодекси мурофиавии ҷиноятии Республикаи Советии Сотсиалистии Тоҷикистон

**КМҶ ФР** – Кодекси мурофиавии ҷиноятии Федератсияи Россия

**КМҶ Ҷумҳурии Ӯзбекистон** – Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Ӯзбекистон

**КМҶ Туркманистон** – Кодекси мурофиавии ҷиноятии Туркманистон

**КМҶ Ҷумҳурии Молдова** – Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Молдова

**КМҶ Ҷумҳурии Белорусия** – Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Белорусия

**КМҶ Ҷумҳурии Қазоқистон** – Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Қазоқистон

**КМҶ Ҷумҳурии Қирғизистон** – Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Қирғизистон

**ҚПСО ҶТ –** Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ҶШФСР** – Ҷумҳурии Шӯравии Федеративии Соиалистии Россия

**ҶМШС** Тоҷикистон – Ҷумҳурии мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон

**ҶШС Тоҷикистон** – Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон

**ВКД ҶТ** – Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ШВКД ҶТ** – Шуъбаи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ДСРТ** – Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон

**БУКЭП** - Белгородский университет кооперации, экономики и права

**Мис.: - Мисол**

**ғ.** – ғайра

**с.** – саҳифа

**С.** – саҳифа

**қ.** – қисм

**қ.қ.** – қисмҳо

**б.** – боб

**б.** – банд

**б.б.** – бандҳо

**м.** – модда

**м.м.** – моддаҳо

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Рушди ҷомеаи демократӣ ва ҳуқуқбунёд, таҳкими қонуният, таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва тантанаи адолати иҷтимоӣ дар мурофиаи судии ҷиноятӣ ба таври доимӣ мубрам боқӣ хоҳад монд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ба марҳилаи нави рушд ва эъмори давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, баробари эълон шудани Истиқлолияти давлатӣ оғоз бахшида, дар сатҳи конститутсионӣ асосҳои сохти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии кишварро сифатан тағйир дод ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои ҳар шахсро ба мадди аввал гузошт.

Бо қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дурнамои рушди ҳаёти ҷомеаи кишвар муайян шуда, арзиши олӣ эътироф шудани инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ ҳамчун меҳвари сиёсати ҳуқуқии кишвар дар соҳаи ба амалбарории адолати судӣ муқаррар гардид.

Вобаста ба амалишавии сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи адолати судӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, дар паёми худ таъкид намуданд: «Таъмин намудани дастрасӣ ба адолати судӣ ва иттилоот оид ба фаъолияти судҳо, муҳокимаи ошкоро ва одилонаи судӣ ба таҳкими қонуният, пешгирӣ кардани содиршавии ҷиноят, эҳтиром ба қонун ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мусоидат менамояд» [3].

Бо вуҷуди дастовардҳо дар низоми ҳуқуқии муосири кишвар вазъи воқеии инсон ва шаҳрванд дар иртибот бо  таъмини адолати судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ беҳбудиро тақозо менамояд. Воқеан амалӣ шудани адлияи барқароркунанда, ки гунаҳгор дар он уҳдадор мешавад, ки зарари ба ҷабрдида расонидаро ба роҳи қонунӣ ҷуброн намояд ва давлат ба он мусоидат кунад, истифодаи оштидиҳӣ ва иваз шудани ҷазои маҳруми аз озодӣ ба намудҳои дигари ҷазо, тадриҷан ба татбиқи бевоситаи меъёрҳои ҳуқуқии конститутсионӣ ва инкишофи кафолатҳои

ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ки баланд бардоштани маърифати ҳуқуқиро ба миён меорад, таъмин карда мешавад [4].

Дар назарияи ҳуқуқ фаҳмиши мурофиаи ҷиноятӣ чун тарзи маъруфи ҳимояи ҳуқуқи инсон аз таҷовузҳои ҷинояткорона ва аз ғайриқонунӣ маҳдуд намудани ҳуқуқ ва таъқиби беасос ҳамчун ғояи асосӣ эътироф гашта, самти минбаъда ва дурнамои рушди адлияи ҷиноятиро муайян кардааст.

Қобили зикр аст, ки дар ин раванд фаъолияти мурофиавии мақомоти ҳокимияти судӣ бо салоҳияти назоратии суд васеъ гардида, нақши суд дар ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ҳуқуқу манфиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, манфиатҳои давлат ва ҷомеа, инчунин мавқеи фаъоли суд ҷиҳати беҳтар кардани сифати баргузории муҳикимаи судӣ бо иштироки тарафҳо тақвият ёфтааст [13]. Вобаста ба таъмини ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар асоси эътирофи принсипҳои ҳимояи судӣ, эҳтимолияти бегуноҳӣ, мубоҳиса ва баробарии тарафҳо, ошкоро будани муҳокимаи судӣ дар қонунгузории мурофиаи судии ҷиноятӣ оид ба айбдоркунии хусусӣ муқаррароти махсус пешбинӣ шуд, ки ба дастрасии ҳар шахс ба адолати судӣ, ҳифзи судӣ, шаффофу одилона баррасӣ шудани парвандаи ҷиноятӣ шароит муҳайё мекунад.

Лекин, инкишофи асосҳои ҳуқуқии адолати судӣ ва танзими боэътимоди муносибатҳои ҷамъиятӣ дар асоси ғояҳои конститутсионии мурофиаи ҷиноятӣ, мутобиқ ба стандартҳои байналмилалии муҳокимаи одилонаи судӣ, вобаста ба пайомадҳои замони муосир, бо дарназардошти дастовардҳои амалия ва илм дар ин соҳа бояд идома ёбад.

Дар сатҳи меъёрӣ бо назардошти тавозуни манфиати шахс ва давлат, бартарияти қадру қиммати инсон, васеъ карда шудани имкониятҳои мурофиавии ҷабрдида ва гумонбаршуда, айбдоршаванда, таъмини фаъолнокии озодона ва ошкорои онҳо дар мурофиаи судии ҷиноятӣ, пешбурди парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ бо соддагардонии

муҳокимаву баррасии онҳо, бидуни мавқуфгузории беасос ҳамчун инъикосгари воқеии амалишавии ҳуқуқ ба муҳокимаи одилонаи судӣ бояд густариш ёбад.

Бо ин мақсад фикру ақидаҳои назариявии олимон гуногун буда, баҳри таҳким бахшидани имкониятҳои ҳуқуқии мавқеи ҷабрдида дар таъқиби ҷиноятӣ, дар маркази муҳокима ва таҳқиқоти илмии олимони замони муосир қарор доранд.

Бо назардошти ҳадафҳои мурофиаи судии ҷиноятӣ ва таъмини кафолати ҳифзи ҳуқуқҳои ҷабрдида, танзими ҳуқуқии имконияти бахшидани гуноҳи ҳамдигар дар мурофиаи ҷиноятӣ [4] аз ҷумлаи масъалаҳое мебошанд, ки зарурати таҳқиқоти илмӣ ва муҳиммияти мавзӯро нишон медиҳанд.

Мавҷудияти пешбурди парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ ва такомулу рушди он имконият фароҳам меорад, ки ашхоси ҷабрдида аз ҷиноятҳои мушаххас, ки маҳз ба манфиати хусусӣ таҷовуз мекунанд, аз рӯйи хоҳишу ирода ва манфиати худ аз кафолати ҳифзи судӣ истифода намоянд.

Аммо омӯзишу, таҳлили қонунгузорӣ ва амалияи пешбурди парвандаҳои ҷиноятии айбдоркунии хусусӣ нишон медиҳад, ки дар амалияи пешбурди парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ норасоиву камбудиҳо ба назар мерасанд, ки коркарди роҳҳои ҳалли онҳо ба таҳқиқи амиқи илмӣ ниёз доранд.

Пешбурди парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ, ки дар боби 37 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир карда шудааст, тартиботи муайяни мурофиавиро фаро гирифта бошад ҳам, аммо мавҷуд будани як қатор мушкилиҳо дар фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва суд (саривақт қабул нашудани аризаи ҷабрдида, риоя нашудани мӯҳлати санҷиши аризаи ҷабрдида, оғози парвандаи ҷиноятӣ бе аризаи ҷабрдида, нодуруст муайян кардани тартиб ва мӯҳлати санҷиши аризаи ҷабрдида ва ғайраҳо) дида мешаванд, ки бартараф

карда шудани онҳо такмили минбаъдаи на танҳо меъёрҳои қонунгузорӣ, инчунин беҳтар ба роҳ мондани амалияи татбиқи ҳуқукро ба миён меорад.

Дар қиёс, агар соли 2014 дар миқёси ҷумҳурӣ 19.352 ҷиноятҳо ба қайд гирифта шуда бошанд, аз онҳо 61 парвандаи ҷиноятии айбдоркунии хусусӣ мебошанд. Дар соли 2023 – 21.319 ҷиноятҳо ба қайд гирифта шуда, ҳамагӣ 3 парвандаи ҷиноятии айбдоркунии хусусӣ буда, дар 5 моҳи аввали соли 2024 – 9.647 ҷиноятҳо дар умум ба қайд гирифта шуда, 15-тои онҳоро парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ ташкил додаанд [211]. Таҳлилҳо дар амалия нишон доданд, ки айбдоркунандаи хусусӣ бинобар ҷой доштани баъзе аз монеаҳо барои баррасӣ шудани парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ бо ариза ба мақомот муроҷиат намекунанд, ки дар натиҷа оқибатҳои ҷинояти рухдода бартараф нагардида мемонад, ки ба кафолатҳои конститусионии дастрасии адолати судӣ ва ҳифзи судии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таъмини воқеии кафолатҳои конститутсионии ҳифзи ҳуқуқҳои ҷабрдида ҳалли худро нафта мемонанд.

Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (м.24) теъдоди ками ҷиноятҳоро чун парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ муқаррар намудааст, ҳол он ки дар ҷомеаи озод чандин дигар кирдорҳои ҷиноятие мавҷуданд, ки маҳз ба манфиати ашхоси хусусӣ таҷовуз мекунанд, ки шахс дар ҳифзу ҳимояи он соҳибихтиёр аст. Бинобар ин, зарурати муайян ва ҷудо намудани пешбурди чунин ҷиноятҳо бо назардошти таъмини дастрасӣ ба ҳифзи судӣ бояд бо таҷдиди назар дар доираи парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ ба роҳ монда шаванд.

Масъалаҳои саривақт қабул намудани ариза, оғоз намудани пешбурди судӣ, тобеияти судии парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ, умумият ва махсусияти муҳокимаҳои онҳо, боздошт ва қатъи муҳокимаи судии чунин парвандаҳо дар амалия мушкилӣ дошта, ниёз ба омӯзиш ва таҳқиқот дорад.

Бинобар ин, масъалаҳои амалишавии айбдоркунии хусусӣ, иштироки ҷабрдида дар таъқиби ҷиноятӣ, имкониятҳои мурофиавии

ҷабрдида дар пешбурди айбдоркунии хусусӣ, муҳокимаи судии масъалаҳои мурофиавӣ бо айбдоркунии хусусӣ бештар ба таҳлили ҳуқуқӣ ва таҳқиқоти илмӣ ниёз пайдо кардааст, ки ҳолатҳои ишорагардида мубрамияти таҳқиқоти мазкурро ифода менамоянд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Таҳқиқоти асосҳои назариявӣ, танзими меъёрӣ-ҳуқуқӣ, махсусияти пешбурд, тартиботи мурофиавӣ, инчунин мушкилоти пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ бо айбдоркунии хусусӣ, дурнамои инкишофи ин падида дар илми мурофиаи ҷиноятии ватанӣ дар пайвастагӣ бо муаммоҳои дигари мурофиавӣ таҳлил мешаванд, вале ҳануз таҳқиқотҳои мустақили илмӣ оиди ин падидаи мурофиавӣ ангуштшуморанд. Коркарди дурнамои инкишофи ин падида, дар илми мурофиаи ҷиноятии ватанӣ идома дошта, Р.Р. Раҳмадҷонзода ба хусусиятҳои айбдоркунии хусусӣ дар доираи амалишавии таъқиби ҷиноятӣ баҳо медиҳад [180]. А.Л. Арипов, О.Т. Тоҳирзода дар таҳқиқоти худ ба номутобиқатии меъёрӣ нисбати ҷабрдида эътибор дода, баҳри ҳалли масъалаҳои пешбурди айбдоркунии хусусӣ меъёрҳои қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Тоҷикистон, Федератсияи Россия ва давлатҳои ИДМ-ро мавриди таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ қарор дода, андешаҳои худро оид ба истифодаи таҷрибаи татбиқи ҳуқуқ пешбарӣ мекунанд [106; 150].

Олимони ватанӣ низ ба паҳлуҳои алоҳидаи ин мавзуъ кор карда нуқтаи назари худро баён ва асоснок кардаанд, ба монанди П.Ҳ. Алиева [157], А.Л. Арипов [159], Э.Б. Бӯризода [44], З.Ҳ. Искандаров [55; 169], Н.А. Қудратов [63], Х.М. Мирзамонзода [162], Н.А. Нозиров [177], С.А. Раҷабов [178], Р.Р. Раҳмадҷонзода [181; 192], А.Э. Раҳматулоев [70], Ф.Т. Тоҳиров [86], О.Т. Тоҳирзода [88; 148; 149; 150], А.Ғ. Холиқзода [96], С.О. Юсупова [193; 194] вобаста ба паҳлуҳои ҷудоганаи он дида мешаванд.

Оид ба масъалаҳои назариявӣ ва амалии айбдоркунии хусусӣ олимони хориҷӣ ба монанди Е.И. Аникина [158], В.П. Божев [41; 42], Л.А. Василенко [160], В.В. Воронин [161; 112], Е.А. Грохотова [116], В.В. Дорошков [166], М.Ю. Жирова [167; 168], Н.Я. Калашникова [57; 58],

А.Л. Корякин [170], Т.Н. Мухтасипова [175], Т.П. Ретунская [71], И.Я. Савитский [72], Э.Л. Сидоренко [141], Л.Я. Таубер [84], З.З. Талинева [186], М.Б. Улишенко [188], Е.В. Ухова [189], В.В. Хатуаева [191], Е.В. Хаматова [190], П.С. Элкинд [155] ва дигарон таҳқиқот бурдаанд.

Бо вуҷуди ин, дар илми мурофиаи ҷиноятии ватанӣ на ҳама масъалаҳои такмил дода шудани пешбурди айбдоркунии хусусӣ ва ҳалли мушкилоти амалияи татбиқи ҳуқуқ мавриди таҳқиқотҳои фарогири илмӣ қарор дода шудааст, лекин асарҳои олимон ба таҳқиқоти назариявии марбут ба масъалаҳои бартараф карда шудани номутобиқатии сатҳи меъёрӣ, ташаккулёбӣ ва рушди қоидаҳои муосири айбдоркунии хусусӣ замина гузоштаанд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Диссертатсия дар доираи нақшаи дурнамои корҳои илмӣ - таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020 «Масъалаҳои такмил додани баамалбарории адолати судӣ ва назорати прокурорӣ дар партави ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва барои солҳои 2021-2025 дар самти «Рушди асосҳои адолати судӣ ва назорати прокурорӣ дар партави Консепсияи сиёсати ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (барои солҳои 2018-2028) ва Барномаи давлатии муқовимат ба ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (барои солҳои 2021-2030), омода гардидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Аз пешбарии асосноки мафҳум ва моҳияти айбдоркунӣ, айбдоркунии хусусӣ, дақиқ ва мушаххас кардани намудҳои айбдоркунӣ, дар ҳамин замина бар асоси маҳаку хусусиятҳо муайян намудани доираи парвандаҳои ҷиноятие, ки мансуб ба намудҳои алоҳидаи таъқиби ҷиноятӣ мебошад, мураттаб намудани асосҳои меъёрӣ-ҳуқуқии танзимгароии ин намуди айбдоркунӣ, ҷудо намудани хусусиятҳои пешбурди он дар марҳилаи тосудӣ ва судӣ, аниқ намудани мушкилоту муаммои дар амал татбиқ намудани пешбурди айбдоркунии

хусусӣ, пешниҳоди хулосаҳо бахри такмил додани қонунгузории мурофиавӣ ва амалияи татбиқи он иборат аст.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои ноил гардидан ба мақсади тадқиқоти илмии мавзуи мазкур вазифаҳои зерин гузошта мешаванд:

– дар заминаи омӯзиши таърихи марҳилаҳои бавуҷудоӣ, инкишоф ва рушди падидаи ҳуқуқии пешбурди айбдоркунии хусусӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ;

– муайян намудани мафҳум, моҳият ва табиати ҳуқуқии айбдоркунии хусусӣ;

– таҳлили амалияи татбиқи пешбурди айбдоркунии хусусӣ;

– таъмин гардидани баррасии ҳамаҷониба, пурра ва холисонаи парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ дар суд;

– таҳлил ва муқоисаи таҷрибаи мақомоти судии давлатҳои хориҷӣ оид ба тартиби соддашудаи мурофиаи судӣ ва амалишавии айбдоркунии хусусӣ;

– коркарди пешниҳодҳо ҷиҳати беҳтар намудани пешбурди парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ ва рафъи камбудиҳо дар ин самт;

– пешниҳод намудани хулосаҳои асоснок ҷиҳати такмил додани меъёрҳои қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ оид ба тартиби пешбурди айбдоркунии хусусӣ.

**Объекти таҳқиқот.** Ба сифати объекти таҳқиқоти мазкур Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ва ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Барномаҳои давлатӣ дар соҳаи сиёсати ҳуқуқии кишвар, Паёмҳо ва асарҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, асарҳои олимони ватаниву хориҷӣ, амалияи судиву тафтишотӣ, омори расмии мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва натиҷаи муҳовара бо ҷабрдидагону кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва судяҳо баромад намуданд.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқот.** Масъалаҳои назариявӣ, танзимоти меъёриву ҳуқуқӣ ва амалияи мақомоти судӣ оид ба баррасии

парвандаҳои ҷиноятии айбдоркунии хусусӣ мавзуи таҳқиқоти мазкурро ташкил намудааст.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот).** Таҳқиқоти мавзуи мазкур аз марҳилаҳои ташаккулёбии моҳияти айбдоркунии хусусӣ дар низоми ҳуқуқи зардуштӣ, мусулмонӣ, Россияи подшоҳӣ, ИҶШС шурӯъ гардида, то замони муосирро фаро гирифтааст.

Диссертатсияи мазкур дар кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон ба иҷро расонида шуда, омода карда шудааст. Таҳқиқоти диссертатсионӣ солҳои 2014-2025 дарбар гирифтааст.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Асосҳои назариявии таҳқиқоти диссертатсиониро корҳои илмиву назариявии олимони ватаниву хориҷӣ оид ба пешбурди парвандаи айбдоркунии хусусӣ ташкил медиҳанд. Инчунин санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҷорӣ аз соҳаҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ; ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ васеъ истифода шудаанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Асосҳои методологии таҳқиқотро усули диалектикии даркнамоӣ, таҳлил, таҷдид, муқоиса, таҳлили ҳуқуқӣ ва хронологӣ ташкил медиҳанд. Дар баробари ин чунин методҳои таҳқиқ - методҳои забонӣ-ҳуқуқӣ; оморӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ; шаклӣ-ҳуқуқӣ, таърихӣ инчунин методи мантиқии таҳлил истифода гардидааст.

Истифодаи усулҳои илмӣ имконият доданд, ки мавзуъ, муаммоҳои амалияи пешбурди парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ мавриди таҳқиқоти фарогири илмӣ қарор дода шаванд. Айбдоркунии хусусӣ дар низоми таъқиби ҷиноятӣ ва айбдоркунӣ мавриди таҳқиқот қарор дода шуда, тафовут ва пайвастагии онҳо муқаррар карда шудааст.

**Заминаҳои эмпирикӣ**. Таҳқиқот бо такя ба амалияи судию тафтишотӣ дар солҳои 2019-2025, ба хусус таҷрибаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқи вилояти Суғд ва маълумоти оморӣ-таҳлилии ҷумҳуриявӣ оид ба парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ, гузаронида шудааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз масъалаҳои мубрами назариявӣ ва амалии падидаи

айбдоркунии хусусӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ шаҳодат медиҳанд. Таҳлили мавзуи мазкур оид ба пешбурди мурофиаи судии парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ бо дарназардошти навгониҳои ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ ва амалияи судӣ ҷудо карда шудааст. Таърифи муаллифонаи падидаи айбдоркунии хусусӣ ва таносуби айбдоркунии хусусӣ бо айбдоркунии хусусӣ-умумӣ ва умумӣ, аз назари муаллифӣ марҳилаҳои таърихии рушди падидаи айбдоркунии хусусӣ дар асоси маълумоти расмӣ ва натиҷаи таҳқиқоти олимони ватанӣ бо назардошти рушди қонунгузории мурофиавӣ пешбарӣ карда шудааст.

Навгонии илмии рисолаи мазкур дар хулоса ва пешниҳодҳои илмиву амалан асосноки мубрам, ки зимни иҷрои вазифаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба даст оварда шудаанд, ифодаи худро ёфтаанд, ки чун нуктаҳои ҳимоявӣ баромад мекунанд:

**I. Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Муаллиф мафҳуми айбдоркуниро ҳамчун амали тасдиқкунандаи мурофиавӣ таъриф дода, асоснок намудааст, ки моҳияти онро амали ашхоси аз ҷиноят ҷабрдида ва ё тибқи қонун соҳибваколат ташкил менамояд, ки мувофиқ ба он шахсро дар содир намудани ҷиноят бар асоси далел бо мақсади ҳифзу ҳимояи манфиати хусусӣ ё оммавӣ дар назди суд айбдор мекунад.

Муаллиф мафҳуми айбдоркуниро ба ҷузъиётҳои зерини таркиби тақсимбандӣ кардааст:

а) амали тасдиқкунандаи айби ашхоси муайян дар назди суди босалоҳият;

б) ба сифати субъекти айбдоркунӣ шахси воқеие, ки аз ҷиноят зарар дидааст ва ё аз ҷониби қонун ба ин кор ваколатдор шудааст, баромад намуда, мавқеи мурофиавии уро инъикос мекунад;

в) шахсро дар содир намудани ҷиноят дар асоси далелҳои саҳеҳ, боэътимод, қобили қабул ва кофӣ айбдор медонад;

г) айбдоркунӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ баҳри ҳифзу ҳимояи манфиати шахс ё омма амалӣ мегардад;

Асоснок карда мешавад, ки бо кирдори таҷовузкорона зарар расонидан ба манфиати хусусӣ ё оммавӣ, ҳимояи ҳуқуқу манфиат ва барқарор намудани адолат – чун ангезаи айбдоркунӣ баромад мекунад. Дар асоси муқаррароти м. 24 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки се намуди айбдоркунӣ «айбдоркунии хусусӣ, хусусӣ-умумӣ ва умумӣ»-ро пешбинӣ намудааст, муаллиф бо ваҷҳи асоснок ду намуди онро (айбдоркунии хусусӣ ва айбдоркунии оммавӣ)-ро ҷудо карда, пешниҳод менамояд, ки намуди айбдоркунии хусусӣ-умумӣ умуман аз Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон хориҷ карда шавад. Муаллиф бар асоси чунин таснифоти нав маҳакҳои зеринро гузоштааст: а) ҳимояву ҳифзи манфиати ашхос ё омма аз кирдори ҷиноят; б) ташаббус ва иродаи озоди айбдоркунандаи хусусӣ; в) хусусият ва дараҷаи хавфнокии кирдор, ки ба манфиати шахс ва ё ҷамъияту давлат таҷовуз мекунад; г) таъмини адолати иҷтимоӣ.

**2.** Айбдоркунии хусусӣ - «яке аз намудҳои айбдоркунӣ нисбат ба кирдори шахсе, ки ба муқобили манфиати ашхоси алоҳида таҷовуз мекунад, дониста шуда, бо иродаи озоди шахси аз чунин ҷиноят зарардида шурӯъ гашта, минбаъд мавриди муҳокимаи суд қарор гирифта, бо баробари оштии тарафҳо пешбурди парвандаи ҷиноятӣ қатъ карда мешавад». Аз ин рӯ, муаллиф асоснок намудааст, ки як қисми ҷиноятҳое, ки дар қ. 3 м. 24 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода шудаанду ба манфиатҳои оммавӣ таҷовуз мекунанд ба ҷузъ аз ҷиноятҳои дар «қ. 1 м. 113, м. 114, м. 170 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишондодашуда», ба ҷиноятҳои айбдоркунии оммавӣ мансуб дониста шаванд.

Муаллиф сиёсати ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба роҳбарӣ гирифта, бо дарназардошти тамоюли рӯ ба инкишофи муносибатҳои ҷамъиятӣ дар асоси авлавияти манфиати шахс, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ, асоснок кардааст, ки теъдоди

ҷиноятҳои айбдоркунии хусусӣ аз ҳисоби ҷиноятҳое, ки дар моддаҳои «қ. 1 м. 113, м. 114, м. 170, қ. 1 м. 246, қ. 1 м. 298 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» пешбинӣ шудаанд, зиёд карда шаванд.

**3.** Бо вуҷуди он, ки оғози парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ аз дигар намуди парвандаҳо тафовуте дошта башад, ҳам ва ё аз шахси зарардида вобаста буда, ба мавҷудияти ҳодисаи ҷиноят шубҳае набошад ҳам, вале мавзуи айбдоркунӣ бояд санҷида ва мавриди муҳокимаи судӣ қарор дода шавад. Бинобар ҳамин, дар оғоз намудани чунин парвандаҳо нақши айбдоркунандаи хусусӣ, аввалиндараҷа буда, нақши суд моҳиятан ҳалкунандаи айбдоркунӣ мебошад.

Муаллиф асоснок мекунад, ки чунин амалҳои судя, ба монанди: қабули ариза дар бораи ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс; омода намудани варақаи омории шакли №1 ва ба Маркази иттилоотии ахборотӣ ирсол намудани нусхаи он; вазифадор намудани аризадиҳанда барои бартараф намудани камбудиҳои далеловарӣ; мусоидати судя барои ҷамъоварии далелҳо ба доираи салоҳияти суд дохил шуда, моҳиятан ба корҳои омодагирӣ ба муҳокимаи судӣ мансуб буда, мазмуни таъқиботи ҷиноятиро ифода намекунанд.

Пешниҳод карда шудааст, ки қарори суд дар бораи ба пешбурд қабул намудани ариза ин санади мурофиавие мебошад, ки мавқеи мурофиавии аризадиҳандаро чун айбдоркунандаи хусусӣ ва шахсе, ки дар содир намудани ҷиноят айбдор карда мешавад – чун судшаванда муайян намуда, нақши санади мурофиавии оғоз намудани пешбурди судии парвандаи ҷиноятиро иҷро мекунад.

4. Баҳри такмили қонуни мурофиавии ҷиноятӣ тағйиру иловаҳои зерин асоснок ва пешниҳод карда мешаванд:

а) тибқи Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба «…хусусият ва дараҷаи вазнинии ҷинояти содиршуда айбдоркунӣ дар суд бо тартиби хусусӣ ва оммавӣ ба роҳ монда шавад».

б) аз Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон қисми 3 м. 24 ихтисор шуда, парвандаҳои ҷиноятӣ ба истисноӣ дар қ. 2 м. 24

кодекси мазкур пешбинишуда, парвандаҳои дорои хусусияти оммавӣ дониста шавад.

в) ибораи «айбдоркунии хусусӣ-умумӣ»-ро аз меъёри м. 24 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ихтисор намуда, қисме аз теъдоди ҷиноятҳои вобаста ба онро ба айбдоркунии хусусӣ, қисми дигарро ба айбдоркунии «оммавӣ» ҷудо намудан ба мақсади мурофиаи ҷиноятӣ мувофиқ дониста шудааст.

г) муқаррароти м. 24 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба ду шакли айбдоркунӣ ҷудо ва бо номи дигар пешниҳод намудан ба маврид аст: «айбдоркунии хусусӣ ва айбдоркунии оммавӣ».

д) дар м. 354 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррарот оид ба пайдарҳамии амалҳо ва барасмиятдарории ҳуҷҷатҳо аз ҷониби судя дақиқ карда шавад, ки чун қоида, пеш аз қабулиоиода намудани қарор «дар бораи ба пешбурди суд қабул кардани аризаи айбдоркунии хусусӣ» вазифадор аст, ки аризаи айбдоркунии хусусӣ ва маводҳои пешниҳодшударо мавриди санҷиш қарор диҳад. Муҳлати санҷиши ариза бояд на кам аз 3 шабонарӯз дар доираи муҳлати пешбиникардаи қ. 2 м. 356 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шавад, ки мутобиқати татбиқи меъёрҳо бо шартҳои умумии муҳокимаи судӣ таъмин гардад.

е) Қисми 3 м. 355 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мазмуни зерин «бо пешниҳод намудани дархосту талаби айбдоркунандаи хусусӣ ва судшаванда судя ба ҷамъоварии далелҳо мусоидат намояд» илова карда шавад.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Таҳлили ҳамаҷонибаи пешбурди айбдоркунии хусусӣ, хусусӣ-умумӣ тибқи меъёрҳои қонунгузории мурофиавии ҷиноятии ватанӣ ва хориҷӣ ба муаллиф имконият додааст, ки таърифи мафҳумҳои айбдоркунӣ, намудҳои онро бо мазмуни наву ғанӣ пешниҳод намуда, дар назарияи мурофиаи ҷиноятӣ бо дарназардошти дигаргун гаштани муносибатҳои ҷамъиятӣ,

арзишу принсипҳо ду намуди айбдоркунӣ: хусусӣ ва оммавиро пешниҳод намояд.

Илми мурофиаи ҷиноятӣ бо нуктаҳои нави назариявӣ ва бо пешниҳодҳои илмӣ ташаккул дода мешавад.

Ҳамин тариқ, бо назардошти ягона будани омилҳо ва хусусиятҳои айбдоркунии хусусӣ-умумӣ ва хусусӣ моддаҳои пешбинигардидаи айбдоркунии хусусӣ-умумӣ ба доираи айбдоркунии умумӣ ворид намудан ба маврид аст. Мисол, м.м. 115, 118, 119, 120, қ.қ. 1 ва 2 м. 123, 124, қ. 1 м. 125, қ. 1 м. 127, қ. 1 м. 128, қ. 1 м. 129 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба айбдоркунии хусусӣ-умумӣ мансуб дониста шудааст, бо дарназардошти ваҷҳҳои дар боло зикршуда ба қатори пешбурди парвандаҳои айбдоркунии оммавӣ шомил кардани онҳо ба мақсад мувофиқ аст.

Хулоса ва пешниҳодҳои овардашуда ба такмил ёфтани меъёрҳои қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ мусоидат намуда, метавонанд пешбурди сифатан самараноки парвандаҳои ҷиноятиро оид ба айбдоркунии хусусӣ таъмин намоянд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқоти мазкур дар амалияи пешбурди таъқиби ҷиноятӣ барои бартараф намудани маҳдудиятҳо ва ҳалли масъалаҳои гуногуни ҳуқуқӣ дар пешбурди айбдоркунии хусусӣ нақши муҳим дорад. Натиҷаҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқот метавонад дар раванди таълим ҳангоми омузиши фанҳои мурофиаи ҷиноятӣ, низоми судии Ҷумҳурии Тоҷикистон, курсҳои махсус, инчунин дар амалишавии адолати судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ, дар такмили ихтисоси кормандони мақомоти ҳокимияти судӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ истифода гарданд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Эътимоднокии таҳқиқот бо таҳлили меъёрҳои қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ, амалияи судӣ, омӯзиши адабиёт, ба назар гирифтани фикру ақидаҳои олимони соҳа баҳри бартараф намудани баъзе аз масъалаҳои амалияи судӣ асоснок шудааст.

Истифодаи таҷрибаи амалияи татбиқи ҳуқуқ ва ҷамъоварии маълумоти оморӣ оид ба пешбурди парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ, таҳлили пешбурди парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ ва маводҳои он мазмуни таҳқиқотро пурра ва ғанӣ гардонидаанд. Инчунин, ҳангоми таҳқиқот меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сарчашмаи дигари ҳуқуқӣ истифода шудаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуи рисолаи мазкур дар мавзуи «Пешбурди парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ: асосҳои назариявӣ-ҳуқуқӣ ва амалияи судӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ ба шиносномаи ихтисоси 5.5.9. Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 сентябри 2025, №10 тасдиқ карда шудааст, мутобиқ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Кӯшиши муаллифи диссертатсия ба сатҳи навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, ба нашр омода намудани мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-назариявӣ ва амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ дида мешаванд. Мақола ва маърузаҳои муаллиф дар конференсияҳо, семинарҳо, пешниҳод ва ироа шуда, кӯшиши муаллифро ҷиҳати таҳқиқоти самти пешбурди парвандаҳои ҷиноятии айбдоркунии хусусӣ дар бар мегиранд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон омода ва мавриди муҳокимаҳои илмӣ қарор гирифта, ба ҳимоя пешниҳод карда шудааст. Ба табъ расидани нуктаҳои алоҳидаи диссертатсия дар шакли мақола ва маърузаҳои муаллиф дар конференсияи ҷумҳуриявию байналмилалии илмӣ-назариявӣ ва амалӣ дар чунин корҳо инъикоси худро ёфтааст:

**а) байналмилалӣ:**

– конференсияи байналмилалии илмӣ- амалии Академияи ВКД ҶТ дар мавзуи: «Тафтишоти пешакӣ ва дурнамои инкишофи он» - маърӯза дар мавзуи: «Вопросы уголовного судопроизводства домашнего насилия и защита прав потерпевших» (Душанбе, 07 апрели 2018);

– VII – умин конференсияи илмӣ-амалии байналмилалии ДСРТ дар мавзуи: «Национальная правовая система Республики Таджикистан и стран СНГ: анализ тенденций и перспектив развития», бахшида ба 25 - солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон - маърӯза дар мавзуи: “Некоторые особенности уголовно-процессуальной ответственности по частным обвинениям» (Душанбе, 31 октябри 2019);

– VIII – умин конференсияи илмӣ-амалии байналмилалии ДСРТ дар мавзуи: «Национальная правовая система Республики Таджикистан и стран СНГ: анализ тенденций и перспектив развития» - маърӯза дар мавзуи: «Баррасии парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Душанбе, 30 октябри 2020);

– III – юмин конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалии Академияи ВКД ҶТ дар мавзуи: «Таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон» - маърӯза дар мавзуи: «Ҳимояи ҳуқуқии айбдоркунандаи хусусӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ» (Душанбе, 10 декабри 2020);

– конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи: «Илм ва инноватсия дар низоми татбиқи ҳадафҳои Стратегияи миллӣ» - маърӯза дар мавзуи «Тартиби баррасии парвандаҳои ҷиноятии айбдоркунии хусусӣ дар суд» (Хуҷанд, 30 апрели соли 2021);

– I – умин конференсияи илмӣ-амалии байналмилалии Академияи ВКД ҶТ дар мавзуи: «Илми ҳуқуқшиносӣ ва амалияи он» - маърӯза дар мавзуи «Амалӣ гардидани ҳимояи давлатӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ» (Душанбе, 29 апрели 2022);

– X – умин конференсияи илмӣ-амалии байналмилалии ДСРТ дар мавзуи: «Национальная правовая система Республики Таджикистан и стран СНГ: анализ тенденций и перспектив развития» - маърӯза дар

мавзуи «Краткая история правового феномена частного обвинения» (Душанбе, 28 октябри 2022);

– V – умин конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалии Академияи ВКД ҶТ дар мавзуи «Ҳуқуқи инсон ва ҷаҳонишавӣ» - маърӯза дар мавзуи «Рафъи маҳдудиятҳо дар пешбурди айбдоркунии хусусӣ баҳри ҳимояи ҳуқуқҳои айбдоркунандаи хусусӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ» (Душанбе, 10 декабри соли 2022);

– Конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи: «15-солагии Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: вазъият ва дурнамо» бахшида ба 15 солагии қабули Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эълон гардидани «Соли маърифати ҳуқуқӣ» - маърӯза дар мавзуи: «Хусусиятҳои баррасии парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ дар суд» (Душанбе, 3 декабри 2024).

**б) ҷумҳуриявӣ:**

– конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии Академияи ВКД ҶТ дар мавзуи: «Илми тоҷик: имрӯз ва фардои он» - маърӯза дар мавзуи «Баррасии парвандаи айбдоркунии хусусӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ» (Хуҷанд, 25 апрели 2023).

– конференсияи илмӣ-амалии профессорону омӯзгорон ва муҳаққиқони ҷавон бахшида ба ифтихори ҷашни «35 – солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Соли маърифати ҳуқуқӣ ва Рӯзи илми тоҷик» - маърӯза дар мавзуи «Ҷараёни падидаи айбдоркунии хусусӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ» (Хуҷанд, 19 апрели 2024).

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Оид ба мавзуи диссертатсия ва муҳтавои асосии он 18 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 6 адад дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба нашр расидааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз номгӯйи ихтисорот, муқаддима, се боб, ҳафт зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, руйхати адабиёт ва

интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия 193 саҳифаро дар бар мегирад.

# БОБИ 1. ТАҲКУРСИИ ИҶТИМОӢ-ТАЪРИХИИ ТАШАККУЛЁБИИ АЙБДОРКУНИИ ХУСУСӢ

## 1.1. Моҳияти таърихии пайдоиш ва инкишофи падидаи ҳуқуқии айбдоркунии хусусӣ

Таҳлили назарияи мурофиаи ҷиноятӣ нишон медиҳад, ки вобаста ба рушди ҷомеа, гузаштан ба зинаи навбатии рушд навъҳои гуногуни қоидаҳои мурофиавии ҷиноятӣ низ инкишоф меёбанд.

Ҳуқуқи одатӣ бо қонунҳои навишташуда, иваз гардиданд, ки аз пайдошавии ҳуқуқи расмӣ гувоҳӣ медиҳанд.

Таърихи пайдоиш ва давраҳои ташаккулёбии мурофиаи ҷиноятӣ вобаста ба инкишофи муносибатҳои ҷамъиятӣ, зинаҳои гуногуни таърихиро тай намудааст.

Мурофиаи ҷиноятӣ вобаста ба давраҳои ташаккулёбӣ аз маҷмӯи донишҳои дар амал тасдиқёфта иборат буда, аз ибтидои давраи ғуломдорӣ арзи вуҷуд кардааст.

Тавре, ки таҳлили ташаккулёбии ҳуқуқ аз тарафи олими тоҷик Ф. Т. Тоҳиров, гувоҳӣ медиҳанд, мурофиаи судӣ бо ошкоргӯӣ ва шифоҳигӯӣ вуҷуд надошт. Суд парвандаро ба таври ғайриошкоро бе овардани далел ҳаллу фасл мекард [88, с. 53]. Вобаста ба ин дар Қонунҳои Хаммурапӣ меъёрҳои мутлақ мавҷуд набуданд. Қонунҳо дар шакли казус, яъне қарорҳои судии дар ҳолатҳои алоҳида қабулшуда ифода ёфта буданд [62, с. 36]. Низоми ҷазоҳо бо ҳукми қатл, намудҳои: сӯзонидан, дар об ғарқ намудан, дар мех шинонидан, бо тариқи маъюбкунӣ: буридани гӯш, забон, ангуштон, даст ва дигар узви тан, инчунин яке аз ҷазоҳо ин рондан ва ё бадарға намудан, ҷаримабандӣ намудан барои: осеб расонидан, таҳқири лафзию амалиётӣ, ба роҳ монда мешуданд.

Ҳар як марҳилаи таърихӣ, вобаста ба сатҳи инкишофёбии муносибатҳои ҷамъиятӣ дар омӯзиши фаъолияти мурофиавӣ - ҷиноятӣ таъсири ҷиддӣ расонидааст, ки аз ҷумлаи давраҳои ибтидои давлатдории Рими қадим низ ба ҳисоб меравад. Дар Рим аксарияти парвандаҳои судӣ

бо тартиби хусусӣ, баррасӣ мешуданд [88, с. 108]. Баргузории мурофиаи ҷиноятӣ оид ба ҳама гуна намуди парвандаҳо дар Рим бояд аз тарафи танҳо шахси ҷабрдида ба роҳ монда шуда аз шахсони ваколатдор вобаста набуд. Дар Юнони қадим парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ бо мурочиати хаттии айбдоркунанда оғоз карда мешуданд. Ба сифати айбдоркунанда худи шахс баромад менамуд, ки назар ба шакли айбдоркунии умумӣ он бо дараҷа ва категорияи ҷинояти содиршуда бартарият дошт. Дар давраи мазкур, ниҳодҳои давлатӣ нақши муҳимро оид ба мубориза бар зидди ҳуқуқвайронкуниҳо надоштанд ва қоидаҳои мушаххаси мурофиавӣ ҳам амал намекарданд. Муддати дароз ҳуқуқҳои поймолшудаи зарардида ҳалли худро намеёфтанд. Баҳри пойдор гардидани ҳуқуқҳои поймолгардидаи худи шахс ҳамчун айбдоркунандаи хусусӣ метавонист мустақилона далелҳоро ҷамъоварӣ намуда, ба суд пешниҳод намояд. Тарафҳо дар ин маврид ҳуқуқи баробар доштанд, дар ҳолати даст кашидани айбдоркунандаи хусусӣ аз айбдорӣ, парванда қатъ карда мешуд. Яъне, шакли аввали дифои ҳуқуқ – мустақилона интиқом гирифтан буд. Баъдан дифои ҳуқуқ ба воситаи мақомоти давлатӣ амалӣ карда мешуд. Ин амал давра ба давра, ба воситаҳои зерин: а) ба тартиб даровардани ҷазоҳои хусусӣ; б) низоми фидия; в) ба мақоми давлатӣ вогузор намудани масъалаи дифои ҳуқуқ татбиқ мешуд [66, с. 19].

«Аз давраи аввали пайдоиши муносибатҳои ҷамъиятӣ ва танзими ҳуқуқӣ, оғоз аз давраи ғуломдорӣ дар Рими қадим (тақрибан асри IV мелод) то имрӯз шаклҳои зерини таърихии мурофиаи ҷиноятӣ, мурофиаи даъвогӣ-хусусӣ, мурофиаи айбдоркунанда-ҷустуҷуӣ (инквизитсионӣ), мурофиаи мубоҳисавӣ ва мурофиаи омехта» [74, с. 31] амал намуда буданд. «Маҳз дар давраи ғуломдорӣ, Юнон ва Рими қадим, давлатҳои низомашон англосаксонӣ, Франсия, Олмон, Австрия, Белгия шаклҳои асосии мурофиаи ҷиноятӣ пайдо шуданд, ки пайдоиши ин қолаб то замони муосир арзи вуҷуд дорад. Бояд қайд кард, ки шакли даъвогию хусусӣ, ки дар ибтидои давраи ғуломдорӣ арзи вуҷуд кардааст, унсурҳои

он дар Рими қадим, Юнон то асри XII дар Англия, Франсия асрҳои XI-XII ва Олмон асрҳои X-XIII-ро дар бар гирифтааст» [63, с. 26]. Хусусияти ин намуди айбдоркунӣ дар он аст, ки унсурҳои таърихии он бо урфу одатҳо  пайдо шуда, бо ташаббуси шахси аз ҷиноят зарардида, баргузор мешуданд.

Дар ҳоле, ки айбдоркунии хусусӣ дар давраи ғуломдорӣ ба вуҷуд омада буд, онро ҳамчун хусусӣ-даъвогӣ, хусусӣ-мубоҳисавӣ мегуфтанд, ки он дар марҳилаи аввали ҷомеаи феодалӣ пурра инкишоф ёфтааст. Хусусияти хоси пешбурди ин намуди айбдоркунӣ аз лиҳози оғоз ва қатъ гардидани парвандаи ҷиноятӣ аз иродаи айбдоркунанда (ҷабрдида) вобаста буд. Ҷамъоварӣ намудани далел, дастгир шудани айбдоршаванда низ ба уҳдаи айбдоркунанда (ҷабрдида) вогузор гардида буд. Ҷараёни мурофиаи судӣ бо тартиби мубоҳисавӣ ва ошкоро сурат гирифта, парванда дар асоси далелҳои пешниҳодшудаи тарафҳо гузаронида мешуд. Ин шакли айбдоркунӣ дар Рими қадим, Юнони қадим, Англия, Франсия ва Олмон амал карда, бо таъсири ҷаҳонбии ҳамондавра, яъне қасамхурӣ, муҳориба, санҷишҳои обӣ ва оташ рушд кардааст. Яъне, аз давраҳои ибтидои ғуломдорӣ сарчашма гирифта, ҳама гуна баҳсҳоро аз рӯйи қоидаҳои ахлоқ, динӣ, мазҳабӣ ҳал мекарданд.

Таҳлилҳои назариявии пайдоиши айбдоркунии хусусӣ дар он аст, ки ҳар як давра бо шаклҳои гуногуни гузаронидани мурофиаи ҷиноятӣ, ба худ хусусиятҳои хос дошт. Давраи зардуштӣ (тоисломӣ) низ ҳукмронии сулолаҳои подшоҳии Хахоманишиҳо, Сосониён ва дигар сулолаҳоро дар бар гирифтааст, ки ҳуқуқи судӣ дар таърихи башарият якчанд марҳилаи ташаккули худро паси сар кардааст.

Марҳилаи аввали ташаккулёбии мурофиаи ҷиноятӣ, ин замонест, ки шахс ба ҳимояи ҳуқуқи худ шурӯъ кардааст. Мурофиаҳои судӣ ба таври «худмаҳкумкунӣ» ва «муҳорибаи тан ба тан», ки одатан «бо санҷишҳои ҷисмонӣ» ҳал карда мешуданд, ба роҳ монда шудааст. Воқеан ҳам дар ин давра мурофиаи судӣ ташаккул ёфта, иштироки бевоситаи

шахс дар амалишавии адолат ҷойи марказиро ишғол кардааст, ки натиҷаи он ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои ҳар шахс ба ҳисоб мерафт.

Баргузории мурофиа низоми ҳуқуқиро бо дин зич алоқаманд карда, принсипҳои мурофиавиро инкишоф додааст. Олими маъруфи тоҷик А. Ғ. Холиқзода доир ба давраи зардуштӣ қайд мекунанд ки дар он мустақилияти судяҳо, мисли вазифаҳои илоҳии «фариштаи Рашна» сарфи назар аз шахсе вазифаҳои ҳакамро (судя) ба амал мебарорад, инчунин шакли ғайримантиқии мурофиаи судӣ - ба воситаи озмоиши оташ ва об (ордалия) ба роҳ монда шудаанд. Судя дар мурофиаи судӣ: холисона дар асоси татбиқшавии озмоиши оташ ва об (ордалия), ҷазоро таъин менамуд; мақсадҳое, ки дар раванди адолат ба роҳбарӣ гирифта мешуданд, барои ҳама шахс якхела ва аҳаммияти калон дошта, ҳақро пойдор намуда, ҳақиқатро аз дуруғ ва некиро аз бадӣ ҷудо менамуд. Расидан ба ин гуна мақсадҳо бе мустақилият, холисона ва беғаразии ҳакам (судя) имконнопазир буд.

«Сарчашмаҳои таърихӣ нишон медиҳанд, ки мурофиаи он давра дар байни ҳамаи халқҳо ба «ордалия» асос ёфта, ба ҳалли дастаҷамъӣ ва маҳкумкунии умумӣ асос ёфта буданд. Воқеан ҳам низоми судии давраи зардуштӣ ба охир расидани давраи худмаҳкумкуниро инъикос менамояд. Дар ин марҳила имконият пайдо мешавад, ки ба ҳақ ва адолат рӯ оварда шавад» [95, с. 103-104].

Таҳлили адабиёти илмӣ нишон медиҳанд, ки яке аз давраи исломӣ ин давраи ҳукмронии сулолаи Сомониёнро дар кишварҳои Осиёи Миёна ташкил медиҳад [45, с. 26]. Дар он давра, сабабҳои оғоз ва қатъ кардани пешбурди парванда пурра ба иродаи ҷабрдида вобаста карда шуда, ҷамъоварии далелҳо, даъвати судшаванда ба уҳдаи ҷабрдида вогузор шуда буданд. Мурофиаи судӣ ба таври мубоҳисавӣ сурат гирифта, бо пешниҳод шудани далелҳо ҷараён мегирифт. Дар давраи мазкур айбдоркунии хусусӣ мавқеи марказиро ишғол мекард. Аломатҳои махусуси мурофиа бо айбдоркунанда (даъвогар) ҷабрдида ва

айбдоршаванда (ҷавобгар) дида мешуданд. Онҳо тарафҳои баробар ҳисобида шуда, мустақилона мурофиаро пеш мебурданд. Ҳам айбдоркунанда ва ҳам айбдоршаванда ҳуқуқ доштанд далелҳо пешниҳод намуда, норозигиашонро баён намоянд. Мурофиаи ҷиноятиро дар ҳуқуқи мусулмонӣ, олими рус А. В. Смирнов ва дигарон ҳамчун шакли мурофиаи айбдоркунӣ ҳисобидаанд [73, с. 191-192; 49, с. 19-20; 40, с. 9-12; 60, с. 4-7]. Маҳз барои оштидиҳии тарафҳо баргузор шудани мурофиа, ки шакли даъвогӣ хусусии мурофиа кишварҳои Осиёи Миёнаро дар бар мегирифт бо паҳн шудани меъёрҳои Шариат, ақида ва донишҳои созанда ва роҳбарикунандаи таҳаммулпазирӣ, оштии тарафҳо, муросо, ба назар гирифтани ҳолати иҷтимоии тарафҳо, беғаразии қозӣ, одилона таъин кардани ҷазо, хусусият ва мазмуни навро гирифт [105, с. 35-40]. Ба манфиати ҷабрида ҳал шудани парванда аз исботи худро ёфтани далелҳои айбдорӣ, ки ҷабрдида онро пешниҳод мекард, вобаста буд.

Омӯзиши марҳилаҳои таърихӣ аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки дар тамаддуни инсоният якчанд типпи (шакли) таърихии мурофиаи ҷиноятӣ амал кардааст ва аз қадим то ба имрӯз чун таълимоти зардуштӣ, мусулмонӣ, Шӯравӣ ва замони муосир эътироф шудааст.

Пайдоиши давлат ва инкишофи меъёрҳои ҳуқуқ ба равандҳои таърихӣ рост меояд, ки то имруз инкишоф ёфтаанд. Собиқаҳои таърихӣ имконият додааст, ки меъёрҳои нави қонунгузории мурофивӣ ташаккул ёбанд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки меъёрҳои гуногуни амалкунандаи таърихии мурофиавӣ дар миёни асри XIX, ки Осиёи Миёнаро қонунгузории империяи Россия ташкил медод, ба сохтори судӣ ва фаъолияти судҳо тағйиротҳои нави назаррасро аз низоми ҳуқуқии романо-германӣ (бо унсурҳои мубоҳиса, мурофиаи ошкоро, иштироки тарафҳо, имконияти муросои тарафҳо ва ғайраҳо) ҷорӣ кардааст, ки навгониҳои куллиро дарбар гирифт. Татбиқи мурофиаи судиро низоми ҳуқуқии империӣ танзим намуд.

«Ислоҳоти судӣ-ҳуқуқии соли 1864 дар низоми судии Россия, дигаргуниҳоро ба миён овард. Соли 1864 дар Россия аввалин шуда баҳри пешбурди парвандаи ҷиноятӣ «Оинномаи пешбурди судии парвандаҳои ҷиноятӣ» қабул гардид. Тибқи «Низомномаи муваққатии идоракунӣ дар вилоятҳои Туркистон» аз 6 августи соли 1865 «қозӣ» таъин шуда, «судя» низ аз ҷониби губернатори ҳарбӣ пешниҳод шуда буд» [140, с. 34]. Ба қозиҳо ваколат дода шуда буданд, ки ҳама гуна масъалаҳоро мувофиқи санадҳои меъёрӣ - ҳуқуқии Россия мавриди баррасӣ қарор диҳанд. Ғайр аз ин қозиҳо ҳуқуқ доштанд, ки қоидаву расму оинҳои диниву одатҳои маҳаллиро вабаста ба ҳолат ба назар гиранд. Мурофиа дар қозиёт бо шакли шифоҳӣ гузаронида мешуд.

«Фаъолияти судӣ дар қисмати шимолии Тоҷикистони муосир, сараввал то соли 1886 тибқи лоиҳа ва баъдан бо «Низомномаи идоракунии кишвари Туркистон» ба танзим дароварда шуд. Соли 1898 қонун «Дар бораи тағйири судҳо дар Туркистон ва Степной» қабул шуд. Тибқи он низоми судии империӣ ба Оинномаи соли 1864 мувофиқ карда шуда, судяҳои оштидиҳанда таъсис дода шуданд. Танҳо дар уезди Хуҷанд чор суди оштидиҳанда ва судяи оштидиҳӣ амал кардааст» [96, с. 283].

Натиҷаҳои ин ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ ба таъсисёбии судяҳои оштидиҳанда ва ваколатдори пешбурди айбдоркунии хусусӣ поя гузошт. Оинномаи мурофиавии судии ҷиноятии соли 1864 мавқеи тарафҳо ва тартиби оштӣ шудани онҳоро муқаррар кард.

Низоми судии кишвар соли 1886 баъди тасдиқ гардидани лоиҳа, расмияти худро тағйир дод. Тибқи низомнома қозиҳо, судяҳои халқӣ ва судяҳои уездҳо судяҳои оштидиҳанда номида шудаанд. Ҳамин тариқ, ба империяи Россия ҳамроҳ карда шудани Осиёи Миёна, аз он ҷумла дар шимоли Тоҷикистони муосир қонунҳои империяи Россия амал карданд. Аз замони ба империяи Россия ҳамроҳ шудани Осиёи Миёна маҷмуи қонунҳо ба тасвиб расиданд, аз он ҷумла «Оиннома дар бораи ҷазоҳое, ки судҳои оштидиҳанда таъин мекунанд».

«Тибқи м.117 Низомнома дар кишвари Туркистон ҳокимияти судӣ ба судяҳои халқии оштидиҳанда судҳои вилоятӣ ва Сенат таъаллуқ дошт. Барои сокинони маҳаллӣ бошад, судҳои халқӣ то замони Шӯравӣ амал кардааст. Минбаъд, баъди инқилоб, мувофиқи фармони Комиссариати халқии адлия аз 2 январи соли 1919 муассисаҳои кухнаи суд – судҳои округӣ ва оштидиҳанда аз 25 январ барҳам дода, коргузорӣ ба муассисаҳои нави суд ҳавола карда шудаанд» [87, с. 67]. Раванди ташаккул ва ишкишофи низоми ҳуқуқии ҶМШС Тоҷикистон дар ҳайати ҶШС Ӯзбекистон, имкон дод ки КМҶ ҶШФСР (соли 1922) дар таҳрири нав аз 15 феврали соли 1923 тасдиқ карда шуда, амал намояд [22].

Тибқи кодексҳои ҶШФСР (солҳои 1918-1923) дар ҳудуди шимоли Тоҷикистони муосир, баъзе меъёрҳои ҳуқуқи мусулмонии никоҳу оила ва одатҳои ҳуқуқиро қозиҳо татбиқ мекарданд. Лекин, бинобар ба қозиҳо муроҷиат накардани аҳолӣ бо қарори КИМ (аз 18 феврали соли 1928) онҳо барҳам дода шуданд. Бо мақсади аз байн бурдани меъёрҳои ҳуқуқии кухна ва бахри тақвият додани ҳокимияти сиёсии соли 1924 интишор ёфтани Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ дар ҳудуди Туркистон ва шимолӣ Тоҷикистони муосир ба миён омада буд [115, с. 95-96]. Ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқи ҳамон давра, қонунгузориҳои ҷиноятӣ ва мурофиавии ҷиноятӣ камшумор буданд, барои баровардани ҳукми суд маҷмӯи ақидаҳои ҳуқуқии инқилобии омма ба назар гирифта мешуданд, ки ин ҳолат то ҷорӣ шудани КМҶ ҶШФСР то 28 феврали соли 1924 давом кардааст. Дар Тоҷикистон ва якҷоя дар ҶШС Ӯзбекистон аз 1 июли соли 1926 мувофиқи «Асосҳои мурофиаи судии ҷиноятии ИҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ», кодекси аввали мурофиаи ҷиноятии ҶШС Ӯзбекистон ба тавсиб расид, ки он «6 фасл, 32 боб, 455 модда» иборат буда, мақомоми устувор байни ду давлат пайдо кард. Аз 1 августи соли 1929 (18 боб 175 модда) қабул ва ҷорӣ карда шудани Кодекси нави мурофиавии ҷиноятии ҶШС Ӯзбекистон, ки он дар ҶМШС Тоҷикистон низ амал кардааст, аз рӯйи ҳаҷм фарқият дошт. Бинобар байни олимон ва кормандони амалия мавриди баҳс қарор гирифтани кодекси мазкур,

25 августи соли 1935 якумин КМҶ ҶШС Тоҷикистон мавриди амл қарор гирифта шуд ва КМҶ Ӯзбекистон дигар амал накард. Доир ба кодекси нави ба тавсиб расида, олими тоҷик С. Раҷабов меъёрҳои маҳдуд доштани тафтиши пешакӣ ва таъқиби ҷиноятиро қайд карда буданд [68, с. 64]. Таҳлилҳои назариявӣ нишон медиҳанд, ки КМҶ ҶШС солҳои 1935 ва 1961 аз рӯйи сохт, функсия ва шаклҳои мурофиавии ҷиноятӣ фарқ мекарданд.

«Агар ба КМҶ ҶШФСР соли 1922 аҳаммият диҳем, тартиби оғоз намудани парвандаи айбдоркунии хусусиро бо пешниҳод намудани аризаи айбдоркунандаи хусусӣ ва қатъ шудани онро то ба хонаи машваратӣ рафтани судя муқаррар намуда буд» [205]. «Айнан ин меъёр дар КМҶ ҶШФСР соли 1960 ва КМҶ РСС Тоҷикистон соли 1961 баробар бо «Асосҳои мурофиаи судии ҷиноятии ИҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқ» аз соли 1958 амал кардаанд» [18, с. 592; 15, с. 126; 19, с. 6].

Тартиби мурофиавии баррасии парвандаҳо оид ба айбдоркунии хусусӣ ба ду давра тақсим шуда буданд: «…марҳилаи якум - айбдоркунанда ва ҷавобгар талаботҳои худро ба вакил пешниҳод мекард; марҳилаи дуюм - вақте, ки кор аз тарафи судя дида баромада, қарори муайян қабул карда» мешуд.

Барои содир намудани баъзе ҷиноятҳо оид ба айбдоркунии умумӣ ба монанди куштор, хиёнат, шӯриш ва ғайра, консулҳо ваколатдор карда шуда буданд, ки нисбати судшаванда ҳукми қатл таъин намоянд. Бо вуҷуди ин, дар як шакли муайян, дар баъзе кишварҳои дигар айбдоркунии хусусӣ тадриҷан хусусиятҳои худро пайдо кард, ки инкишофи он ба таври дигар ба роҳ монда шуд. Дар ин замина қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Федератсияи Россияро низ мисол овардан мумкин аст, ки муддати тӯлонӣ тартиби (дифференсионии) тафриқавии мурофиаи судии ҷиноятӣ ҷараён дошт. Ин тартиб мавҷудияти як намуди алоҳидаи айбдоркуниро пешбинӣ мекард, аз ҷумла унсурҳои ихтиёриро дар бар мегирифт ва шахсе ки зарар дидааст

аз рӯйи иродаи худ барои ҳалли қарорҳои пешбурди парванда мустақил буд.

«…Ақидаи муҳаққиқ Б. С. Негматов оид ба кафолатҳои ҳуқуқии айбдоркунии хусусӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ дар он аст, ки мустақилияти айбдоркунандаи хусусӣ дар таъқиботи ҷиноятӣ дида шуда, иродаи ӯро дар салоҳияташ маҳсуб медонад» [176, с. 34].

Ҳамин тариқ, рушди қоидаҳои хоси айбдоркунии хусусӣ дар ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ аз охири асри XIX ва ибтидои асри XX ба қайд гирифта шуд, ки дорои на танҳо арзиши маърифатӣ, балки зинаи коркарди падидаи айбдоркунии хусусӣ дар мурофиаи судии муосир баҳри ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон шуда метавонад.

Бо ташаккул ва рушд ёфтани тамаддуни замон, раванди пешбурди парванда ба зиммаи шахсони ваколатдор (судяҳо ва муфаттишон) гузошта шуданд, ки онҳо дорои малака, дониш ва таҷрибаи соҳавӣ дошта, баҳри пешрафти натиҷаҳои парвандаи ҷиноятӣ саҳми беандоза доштанд. Ин имконият дод, шахсе, ки кирдори ғайриқонунӣ содир кардааст ба ҷавобгарӣ кашида шуда, сазовори ҷазо гардад.

Бо ин мақсад аз давраҳои зардуштӣ, заминаҳои таърихии ташаккул ва пайдоиши падидаи ҳуқуқии айбдоркунии хусусӣ инкишоф ва рушд ёфта, ҳамчун зуҳуроти таърихӣ-ҳуқуқӣ баҳри тақвияти низоми судиву ҳуқуқӣ пайдо гардидааст. Он дар давраҳои паҳншавии дини мубини Ислом ва минбаъд дар марҳилаи империявӣ то замони Шӯравӣ ва пасошӯравӣ пайваста тағйир ёфтааст. Аз ҷумлаи ба марҳилаҳои ҷудогонаи ташаккули таърихии рушди падидаи айбдоркунии хусусӣ, ки онро аз рӯйи хусусиятҳояш шартан тақсим намуда, эҳё ва истифодаи таҷрибаи пешқадами ниёгонро дар таъмин намудани адолат ба миён гузоштааст, ба таҳқиқоти илмӣ мувофиқи мақсад медонем.

Таҳқиқоти илмии таърихи ташаккул ва рушди падидаи айбдоркунии хусусӣ имконият медиҳад, ки мафҳум ва моҳияти намудҳои

айбдоркуниро дар марҳилаҳои ҷудогонаи таърихӣ бо назари нав баён намоем.

Аз замонҳои қадим аз рӯйи урфу одатҳои мазҳабӣ, маҳаллӣ, динӣ нисбати вайронкунандагони меъёрҳои амалкарда дар ҷомеа, таъқиби хусусӣ дар асоси ғояҳои таҳаммулпазирӣ, оштии тарафҳо, муросо, назардошти ҳолати иҷтимоии тарафҳо, беғаразӣ, ҳалли оқилона ва одилонаи баҳсу моҷаро ба роҳ монда шудааст. Бинобар таҳаввулоти ҷомеа, таъқиби хусусӣ бо тадриҷ ба таъқиби расмии ҷиноятӣ иваз карда шуда, давлат ва ё мақомоти ҳокимияти давлатӣ оид ба ҷиноятҳои содиршуда ухдадории таъқиби ҷиноятиро ба зимма гирифта, иштироки шахси зарардидаро дар таъқиби ҷиноятӣ кафолат додааст. Новобаста аз ин дигаргуниҳо айбдоркунии хусусӣ оид ба ҷиноятҳои начандон хавфнок то ҳол боқӣ мондааст, ки бо ташаббуси шахс пешбурди он оғоз мешавад.

### 1.2. Ташаккули тартиби пешбурди айбдоркунии хусусӣ дар замони Шӯравӣ ва пасошӯравӣ

«…Мурофиаи ҷиноятӣ, ки ҳамчун падидаи иҷтимоӣ мисли дигар падидаҳои ҳуқуқӣ, таърихи тӯлонии ташаккулёбиро аз сар гузаронидааст, ҳар як марҳилаи таърихии он ба инкишоф ва омӯзиши фаъолияти мурофиавии ҷиноятӣ таъсири назаррас гузоштааст». Вобаста ба зинаҳои таърихии ташаккулёбии ҳаёти ҷомеа ва шаклҳои инкишофёбии айбдоркунӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ, онҳоро ба се давраи таҳқиқотӣ ҷудо намудан ба маврид аст:

1. давраи тоинқилобӣ (то солҳои 1917);
2. давраи Шӯравӣ (1924-1990);
3. замони муосир (1990- то имрӯз).

Дар ҳар як давраи таърихии номбаршуда, шаклҳои айбдоркунии мурофиа инкишоф ёфтааст. Маҳз даврабандии овардашуда имкон медиҳад пай барем, ки дар давраҳои муайян кадом намуди айбдоркунӣ арзи вуҷуд дошт ва дар кадом сатҳ айбдоркунии хусусӣ байни онҳо қарор дошт.

Вобаста ба давраҳои аввали шаклҳои таърихӣ, айбдоркунӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ ба се гуруҳ ҷудо шуда буданд: 1) мурофиаи айбдоркунанда; 2) мурофиаи ҷустуҷуӣ (таъқибнамоӣ) ва 3) мурофиаи омехта.

Дар давоми таърихи рушди илми мурофиаи ҷиноятӣ таърифи гуногуни мафҳуми айбдоркунӣ пешниҳод шудаанд, ки онро бо маъноҳои гуногун ҳамчун: падидаи ҳуқуқӣ, даъвои ҷиноятӣ, тасдиқот, функсия ба сифати тараф дар мурофиа, ба ҳайси мавзуи мурофиаи ҷиноятии судӣ ва қисми таркибии таъқиби ҷиноятӣ пешбарӣ кардаанд [160, с. 14].

Таҳлили адабиёти ҳуқуқӣ нишон дод, ки дар таърихи замони Шӯравӣ ҳангоми пешбурди парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ, қонунгузор тартиби махсуси мурофиавиро танҳо бо имконияти шикояти ҷабрдида оғоз намудани парванда ва қатъ кардани он бо оштӣ шудани судшавандаро нишон медиҳад. Новобаста аз ин муҳаққиқон дар бораи номувофиқ будани мавҷудияти айбдоркунии хусусӣ ба ҳадафи мурофиаи ҷиноятӣ ақида баён кардаанд, ки дар қонунгузорӣ инъикоси худро наёфтааст.

«Қоидаҳои айбдоркунии хусусӣ бо қабули Асосҳои мурофиавии ҷиноятии ИҶШС инкишоф ёфт. Муқаррароти м.3 Асосҳои мурофиавии ҷиноятии ИҶШС ва давлатҳои иттифоқ [20], кодекси мурофиавии ҷиноятии ҳамаи давлатҳои собиқ ИҶШС ба суд салоҳияти оғози парвандаҳои ҷиноятии айбдоркунии хусусӣ-умумӣ ва умумиро дода буд» [21]. Мувофиқан, 17 августи соли 1961 КМҶ ҶШС Тоҷикистон қабул гардид, ки механизми қабулкунии қарори мурофиавии суд «оид ба оғози парвандаи ҷиноятӣ, дар бареи ирсол кардани парвандаи ҷиноятӣ ва ё ба пешбурди худ қабул кардани парванда»-ро пешбинӣ кард (қ. 3 м. 3, м.м. 105-110, м. 111; қ. 2 м. 257, м. 258, м. 263 КМҶ ҶШС Тоҷикистон тибқи тағйироти соли 1961).

«Оид ба оғоз намудани парвандаи айбдоркунии хусусӣ ақидаи М. С. Строгович чунин буд: «Аз таҳқиқи КМҶ ИҶШС бар меояд, ки ҳуқуқи

оғоз кардани парвандаҳои ҷиноятӣ аз ҷониби суд нишонаи он аст, ки қонуни мурофиавии ҷиноятии советӣ танҳо оғози парвадаи ҷиноятиро пешбинӣ мекунад, на ин ки иҷрои функсияи таъқиби ҷиноятиро» [79, с. 70-71]. А. М. Ларин таъкид мекард, ки функсияи таъқиби ҷиноятӣ ба суд ва судя умуман хос нест» [64, с. 38].

«Тибқи боби 34 КМҶ ҶШС Тоҷикистон (с. 1961) пешбурди парвандаи айбдоркунии хусусӣ бо воситаи бақайдгирии протоколӣ, яъне ин марҳилаи то судиро дар бар мегирифт, ки аз м.м.: 112 (қасдан расонидани зарари каме ба саломатӣ); м. 116 (задан ва азоб додан), м. 120 (занро маҷбур кардан ба аборт); м. 135 (ғайриқонунӣ маҳрум кардан аз озодӣ); м.136 (дар хатар монондан); м. 230 (вайрон кардани қоидаҳои иҷрои корҳои сохтмон ё мелиоративӣ), м. 232 (вайрон кардани қоидаҳои нигоҳ доштан, истифода бурдан, ба ҳисоб гирифтан ё кашондани моддаҳои тарканда ва радиоактивӣ); м. 234 (ғайриқонунӣ гирифта гаштан, нигоҳ доштан, харидан, тайёр кардан ё фурӯхтани яроқ ё моддаҳои тарканда); 235 (бепарвоёна нигоҳ доштани яроқи оташфишон), қ.1 м.237, қ.1 м.243, қ.1 м. 252, 256, қ. 1 м. 294 ва м. 342 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат буд» [16].

Шакли пешбурди мазкур ин санҷишӣ ариза оид ба муқаррар намудани аломати ҷиноятҳои айбдоркунии хусусӣ ва шахсе, ки онро содир кардааст, гирифтани маълумот бо тартиби (м. 406 КМҶ ҶШС Тоҷикистон с. 1961) ба протокол барасмиятдарорӣ ва ба суд ирсол кардан буд. Суд ҳангоми қабули маводҳо ва мавҷуд будани асос дар бораи оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ қарор қабул мекард. Ҳамин тавр, омодагӣ ва ирсоли парванда ба мурофиаи судӣ ба мақомоти таҳқиқ вогузор карда шуда буд [6]. Бо дарназардошти ин, барои аризадиҳанда дар барқарор кардани ҳуқуқҳои поймолшудаи худ ягон маҳдудият ҷой надошт. Таҳқиқи тамоми ҳолатҳои содиршуда бо амалҳои мурофиавӣ аз ҷониби мақомоти таҳқиқ анҷом дода мешуд.

Бо мурури замон то солҳои 2009, барои ба талаботи замони муосир ҷавобгӯй кардани меъёрҳои КМҶ ҶШС Тоҷикистон (с.1961) зарурати ворид намудани тағийроту иловаҳо ба миён омад.

«Дар раванди ташаккулёбии айбдоркунии хусусӣ М. С. Строгович андеша намуда буд, ки: «... айбдоркунии хусусӣ шакли таъқиби ҷиноятӣ аст, ки танҳо бо шикояти ҷабрдида оғоз карда шуда, дар сурати оштӣ шудани ҷабрдида бо судшаванда парванда қатъ мегардад» [76, с.101].

Олимони рус аз қабили М. А. Челтсов, И. Я. Фойницкий, В. К. Случевский, Н. Н. Полянский, И. М. Галперин, М. С. Строгович, В. М. Савитский, А. М. Ларин, А. Мелников, А. Л. Сипкин ва дигарон оид ба таснифи шакли айбдоркунӣ, саҳми худро гузошта, фикру андешаҳои худро ҳамчун воситаи муҳимми ба таври холисона баррасӣ намудани парвандаи ҷиноятӣ шуморида буданд.

Дар илми мурофиаи ҷиноятии муосир, шаклҳои таърихии мурофиаи ҷиноятӣ ба шакли мурофиаи айбдоркунанда, ҷустуҷуӣ (таъқибнамоӣ), мубоҳисавӣ ва омехта ҷудо карда шудаанд [65, с. 18-21].

«...М. С. Строгович меъёри диспозитивиро ҳамчун ҳуқуқи ихтиёрии тарафҳо муайян карда буд, аз он ҷумла оид ба пешбурди айбдоркунии хусусӣ низ. У чунин мешуморад, ки то андозае дар мурофиаи ҷиноятӣ меъёри диспозитивӣ татбиқ карда шавад, вале он чунон маҳдуд аст, ки онро меъёри асосии мурофиаи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ эътироф кардан ғайриимкон мегардад» [80, с. 81-82]. Аз моҳияти меъёри мазкур бармеояд, ки меъёри диспозитивӣ – ин имконияти озод (хоҳиш) доштани амали иштирокчиёни мурофиа ва муайян шуда буд.

А. Л. Сипкин меъёри диспозитивиро ҳамчун ҳуқуқи мурофиавии тараф шуморида, татбиқи ҳатмии онро зарур намешуморад [153, с. 132-135]. «Чунин ақидаро В. М. Савитский ва И. И. Потеружа ҷонибдорӣ намуда, қайд намуданд, ки аз ҷониби ҷабрдида истифода бурдани ҳуқуқҳо вазифаи мурофиавии ӯ нест. Ҷабрдида метавонад аз ҳуқуқҳои пешбинишудаи мурофиа истифода бурда, барои кушодани ҳолатҳои

ҳодисаи рухдода дар мурофиаи судӣ фаъолона иштирок намояд, вагарна ин меъёрро ба роҳбарӣ гирифта ӯ метавонад танҳо ба фаъолияти мақомоти дахлдори давлатӣ такя намояд» [72, с. 24-25]. Аз лаҳзаи ба роҳ монда шудани шакли айбдоркунии хусусӣ дар КМҶ ҶШС Тоҷикистон (с.1961) пешбурди парвандаи ҷиноятӣ бо айбдоркунии хусусӣ доимо муаллақ буда, дар таҷдиди назари доимӣ қарор дорад [131, с. 45-47].

Таҳлилҳои назариявӣ нишон медиҳанд, ки аксарияти олимони замони Шӯравӣ вогузор карда шудани оғози парвандаҳои ҷиноятии айбдоркунии хусусиро ба иродаи ҷабрдида ҷонибдорӣ менамуданд. Мисол, олими рус В. П. Божев қайд мекард, ки: ба парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ, танҳо ҷиноятҳои хусусияти ба ҷамъият начандон хавфнокӣ дошта, ки ҳуқуқи конститутсионии инсон ва шаҳрвандро маҳдуд месозанд, хос аст [43, с. 616], ки нисбати чунин ҷиноятҳо зарурати гузаронидани таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ ҷой надорад.

Аз лаҳзаи пайдо шудани айбдоркунии хусусӣ ба ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ ва гузаштани солҳои зиёду тағйиротҳои зиёд ворид гардидан ба қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ бидуни иштироки айбдоркунандаи давлатӣ баргузор намудани мурофиаҳои судӣ то ҳол боқӣ монадаанд [205]. «Ҳангоми аз тарафи прокурор оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ ва бо тасдиқи ҳуҷҷати хулосавӣ яъне фикри айбдоркуниро ба суд фиристодан, прокурор дар мурофиаи судӣ ҳамчун айбдоркунандаи давлатӣ ва ҷабрдида ҳамчун намояндаи тарафи айбдоркунӣ иштирок менамояд. Даст кашидани прокурор аз айбдоркунӣ шахси аз ҷиноят ҷабрдидаро аз ҳуқуқи дастгирӣ кардани айбдоркунӣ маҳрум намекунад [12, с. 156-157].

Бо мурури замон, қонунгузор дараҷаи начандон вазнин доштани кирдорро ба назар гирифта, пешбурди парвандаи айбдоркунии хусусиро то ҳадди ақал маҳдуд кардааст, ки танҳо се моддаи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бар мегиранд. Аз тарафи дигар, таъмини ҳуқуқи зарардида, ин мустақилона муроҷиат намудани ӯ ба суд баҳри

барқарор намудани ҳуқуқҳои худ барои оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ аст. Бо вуҷуди ин, инкор кардан ё дар канор мондани моҳияти айбдоркунии хусусӣ боиси фаҳмиши маҳдуди ин шакли пешбурд ё нопурра амалӣ шудани раванди мурофиавӣ мегардад. «М. М. Муллоев зикр намуда буд, ки парвандаҳои ҷиноятие, ки тарафҳо оштӣ шудаанд ва он ба манфиати ҷомеа ягон зарар намерасонанд, ҷабрдида ҳамчун шахси алоҳидаи хусусӣ баромад менамояд, масъалаи ба ҷавобгарӣ кашидани айбдоршаванда аз талаби ҷабрдида вобаста аст. Дар ин маврид агар ҷабрдида таъини ҷазоро талаб накунад шахс ҷазо дода намешавад. Парвандаҳо оид ба ҷиноятҳои куштор, дуздӣ ва дигар намуди ҷароҳатҳои расонидашуда, дар суд танҳо бо талаби ҷабрдида ва ё намояндаи қонунии ӯ дида баромада мешуданд. Дар чунин ҳолатҳо аз тарафи судшаванда ба ҷабрдида ва ё ба намояндаҳои ӯ подошпулиҳо пешниҳод мешуданд, то ки онҳоро розӣ намояду шикоят ба суд пешниҳод нагардад» [173, с. 17].

Сарчашмаҳои таърихӣ гувоҳи онанд, ки дар давлатҳои Осиёи Миёна, аз ҷумла дар Тоҷикистон қоидаҳои ин шакли мурофиа то аввали асри XX амал кардааст. Аз ин ру гуфтан мумкин аст, ки дар таърихи ташаккули ҳаёти ҷомеа, айбдоркунии хусусӣ шакли қадими ташкили баргузории мурофиа буда, дар зери таъсири омилҳои иҷтимоӣ ба вуҷуд омада, инкишоф ёфтааст.

Асосҳо ва андешаҳои назариявӣ дар давраҳои гуногун оид ба пайдоиш ва рушди айбдоркунии хусусӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ шаҳодати он аст, ки чун шакли амалишавии ҳимояи ҳуқуқ ин амали шахси зарари начандон вазнин гирифта буда, баҳри ҳимоя ва барқарор намудани манфиатҳои худ, дар доираи амалӣ гардидани адолат арзи вуҷуд кардааст. Ин воситаи мурофиавии барқарорнамоии ҳуқуқҳои поймолшуда ва манфиати шахси зарардида баргузор мегардад.

Воқеан ҳам, айбдоркунии хусусӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ яке аз падидаҳои ҳуқуқӣ ба ҳисоб рафта, ба ташаккули он омилҳои иҷтимоӣ, муносибатҳои шахсӣ ва кушиши ҳимояи манфиатҳои шахсӣ таъсир

расонидаанд. Айбдоркунии хусусӣ бо пайдоиши яке аз шаклҳои таърихии мурофиа, яъне мурофиаи даъвогӣ-хусусӣ алоқамандӣ дошта, бо ташаббуси шахси зарардида баргузор гаштааст [100, с. 27-28].

Дар натиҷаи таҳлил ба хулоса омадан мумкин аст, ки:

1. Ташаккулёбӣ ва рушду инкишофи меъёрҳои қонунгузории ҷории мурофиавии ҷиноятӣ дар Тоҷикистони Шӯравӣ, ба қонунгузории мурофиавии ҷиноятии тоинқилобии Россия таъсири ҷиддӣ расонидааст, ки сарчашмаҳои аввалини хусусияти расмӣ-давлатӣ гирифтани айбдоркунии хусусӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ ба миён омад.

2. Аз ҷониби империяи Россияи подшоҳӣ дар миёнаҳои асри XIX забт карда шудани ҳудуди давлатҳои Осиёи Миёна ба миён омад, ки ҷорӣ гаштани санадҳои расмӣ-ҳуқуқии қоидаҳои айбдоркунии хусусӣ бо қабули Асосҳои мурофиавии ҷиноятии ИҶШС инкишоф ёфт.

3. Давраҳои зерини ташаккули падидаи айбдоркунии хусусиро муаллиф бо рушди қонуни мурофиавии ҷиноятӣ чунин муайян намудааст: таҳаввулоти қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ (то соли 1864); давраи империявӣ-шӯравии рушди қонуни мурофиаи ҷиноятӣ (1864-1923/1924); давраи фаъолияти қонуни мрофиавии ҷиноятии ҶШС Ӯзбекистон (1926-1929); давраи рушди қонуни мурофиавии ҷиноятӣ (1935-1961); давраи шӯравии рушди қонуни мурофиавии ҷиноятӣ (1961-1991); давраи пасошӯравии рушди қонуни мурофиавии ҷиноятӣ (1991-2009); давраи муосири рушди қонуни мурофиавии ҷиноятӣ (2009 то имрӯз).

4. Моҳияти айбдоркунии хусусӣ аз давраҳои сипаригардида ва замони муосир ҳамчун тартиби махсуси пешбурд ва ба баррасии баъзе аз парвандаҳои ҷиноятӣ дар суд бетағйир мондааст. Зеро вазифаҳои ҳокимияти судӣ баҳри таъмин гардидани адолат дар асоси принсипу меъёрҳои демократии мурофиаи судӣ, аз ҷумла баробарҳуқуқии ҳама дар назди қонун ва суд, ҷараёни баҳсу мунозира ва ба тарзи ошкоро баргузор гардидани мурофиаи судӣ сурат мегирад.

Таҳлили таърихии ташаккулёбии қоидаҳои айбдоркунии хусусӣ нишон медиҳад, ки дар ҳама давраҳо қонунгузор кӯшиш кардааст вобаста ба дараҷаи содиршавии ҷиноят имконияти оштӣ шудани айбдоркунандаи хусусӣ бо судшаванда ва қатъ намудани пешбурди онро муқаррар намояд.

# БОБИ 2. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ - ҲУҚУҚИИ ПЕШБУРДИ АЙБДОРКУНИИ ХУСУСӢ

## 2.1. Амалишавии функсияи айбдоркунӣ дар мурофиаи ҷиноятии ватанӣ

Яке аз мафҳумҳои асосии назарияи мурофиаи ҷиноятӣ айбдоркунӣ мебошад. Айбдоркунӣ бо як қатор падидаҳои мурофиавии ҷиноятӣ алоқамандии зич дошта, ба иҷрои вазифаҳои мурофиавии ҷиноятӣ равона карда шудааст.

«...Мурофиаи ҷиноятӣ тарзи маъруфи ҳимояи ҳуқуқи инсон, манфиати ҷомеаву давлат аз таҷовузҳои ҷинояткорона, аз таъқиботи беасос, ғайриқонунӣ маҳдуд кардани ҳуқуқ ва озодии инсон буда, дар асоси Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ баҳри таъмин намудани ҳақиқат, адолат ва ё осоиши ҳуқуқӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ муқаррар шудааст, ки амалишавии он ҳатмист». Ин тарзи маъруф, тартиботи махсуси мурофиавиест, ки чун қоида ошкоро барои иштирокчиён шароити мусоиди баробар ба миён меорад, то ки онҳо аз он истифода намуда, ба осоиши ҳуқуқӣ ва ё адолат бирасанд.

Олими соҳа М. С. Строгович айбдоркуниро – маҷмуи амалҳои мурофиавие ки барои ошкор кардани шахсе, ки ҷиноятро содир кардаасту, бояд ба ҷавобгарӣ кашида шуда, сазовори ҷазо гардонида шавад, медонист. Ақидаи М. С. Строгович дар он аст, ки айбдоркунӣ ҳамчун шакли мурофиавии ҷиноятӣ, ин фаъолияти шахсони ваколатдоргардида ва ё шахсе мебошад, ки ашхоси муайянро дар содир кардани ҷиноят айбдор менамояд [75, с. 190]. Инчунин зикр намуда буд, ки айбдоркунӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ фаъолияти шахсони тибқи қонун ваколатдоргардида ё айбдоркунанда буда, дар суд судшавандаро барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан ошкор менамояд [74, с. 91]. Яъне, айбдоркунӣ, маҷмуи амалҳое, ки барои ошкор ва кушодани амали шахс дар содир кардани ҷиноят ва як ҷузъи таъқиби ҷиноятӣ, фаҳмида шуда, барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахси ҷиноятсодирнамуда,

танҳо дар ҳолате ҷоиз мегардад, ки далел ва асосҳои кофии раднашаванда ҷой дошта, дар кирдори айбдоршаванда барои амалҳои содир намудааш он танҳо бо роҳҳои қонунӣ кушода ва ошкор карда шаванд. Бинобар ин, айбдоркуниро В.П. Божев қайд менамояд, ки дар айни замон дар адабиёт байни олимон оид ба падидаи айбдоркунии хусусӣ ақидаи ягона вуҷуд надорад. Вале, дар қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ айбдоркунӣ воситаи ҳуқуқии мустақил буда, ҳам барои манфиати айбдоркунии хусусӣ ва ҳам айбдоркунии умумӣ пешбинӣ карда шудааст [41, с. 13].

Ақидаи таҳқиқотчиён оид ба шакли айбдоркунӣ дар замони Шӯравӣ тағйир ёфта, шакли айбдоркунии мурофиаи ба шакли ҷустуҷуӣ (таъқибнамоӣ) ва баъдан ин шакли мурофиа дар шакли мурофиаи омехта арзёбӣ мешавад.

Воқеан оид ба моҳияти айбдоркунӣ муҳаққиқони соҳа андешаҳои гуногун доранд. Айбдоркуниро О.Т. Тоҳирзода, ҳамчун «қувваи пешбарандаи мурофиаи судии ҷиноятӣ» эътироф намудааст [187, с. 21]. Мисол, К. М. Мадвализода, дар таҳқиқоти худ пешниҳод кардааст, ки ба қ. 2 м. 15 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бар ивази калимаи «айбдоркунанда», «айбдоркунандаи хусусӣ ва давлатӣ» ворид карда шавад [172, с. 14], ки баҳснок аст.

Қобили зикр аст, ки моҳияти айбдоркунӣ – фаъолияти мурофиавии мақомоти ваколатдори давлатӣ вобаста ба эълони исботи худро ёфтани айби дар содир кардани ҷиноят аст. Аз ҷониби дигар дар қонун се навъи айбдоркунӣ эътироф шудааст: айбдоркунии умумӣ (давлатӣ), айбдоркунии хусусӣ ва айбдоркунии оммавӣ, ки аз тарафи иштирокчиёни мурофиа амалӣ мешаванд [207].

Мурофиаи айбдоркунӣ, дар давраи ғуломдорӣ ба вуҷуд омада, дар ҷомеаи сохти феодалӣ инкишоф меёбад. Хусусияти хоси ин шакли мурофиа аз айбдоркунанда вобастагӣ дорад, ки одатан бо ташаббуси шахси аз ҷиноят зарардида амалӣ мешавад. Имрӯз ҳам оғоз ва қатъ

шудани пешбурди парвандаи ҷиноятӣ аз иродаи шахси зарардида, яъне айбдоркунанда вобаста шудааст. Қаблан ҳам, мурофиаи судӣ ба таври мубоҳисавӣ ва ошкоро сурат гирифта, дар асоси далелҳои пешниҳодшудаи тарафҳо баррасӣ мегардид. Ғайр аз ин, вобаста ба рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ, тартиби дида баромадан ва ҳал кардани парвандаҳои ҷиноятӣ ба тариқи расмӣ дар ягон санади алоҳида пешбинӣ нашуда буд. Ҳама гуна масъалаҳоро аз рӯйи қоидаҳои ахлоқ, динӣ, мазҳабӣ ҳал мекарданд. Мурофиа қатъиян бо қасамёдкунӣ, муҳориба ва дигар намудҳои санҷиш (ба оташ, об ва ғ.) гузаронида мешуд. Дар байни далелҳо нишондоди шоҳидон ва ба гуноҳи худ иқрор шудан бартарият доштанд. Чӣ хеле, ки сарчашмаҳои таърихӣ шаҳодат медиҳанд дар давлатҳои Осиёи Миёна, аз ҷумла дар Тоҷикистон низ, қоидаҳои ин шакли мурофиа то аввали асри XX амал кардааст.

Дар замони муосир ин намуди айбдоркунӣ чун шакли таъқиботи хусусӣ бо мақсади муайян намудани амали зиддиҳуқуқӣ ва шахсе, ки онро содир намудааст, бо аризаи айбдоркунандаи хусусӣ ҷалб намудани ӯ ба сифати айбдоршаванда ва татбиқи ҷазо ба роҳ монда мешавад. Вале муҳаққиқ «К. М. Мадвализода, ҳолати ҳуқуқии айбдоркунандаи хусусиро дар ҷамъоварии далелҳо маҳдуд намуда, зикр намудааст, ки «ҳолати ишора накардани айбдоркунандаи хусусӣ дар қ. 4 м. 86 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон собит менамояд, ки кодекси мазкур то кунун ба иштирокчии «нави» мурофиа, баҳои ҳуқуқии муносиб нагузоштааст» [172, с. 15]. Ба ин андешаи муҳаққиқ мо розӣ шуда наметавонем, зеро айбдоркунандаи хусусӣ иштирокчии нави мурофиаи ҷиноятӣ ба ҳисоб намеравад ва ӯ метавонад бо тасмимоти худ, новобаста аз ҳолати ҳуқуқиаш ба парвандаи чиноятӣ далелҳоро ҷамъ намуда аз имконияти мурофиавӣ истифода бурда, ба баррасии судӣ аз ҳуқуқҳои мурофиавиаш васеъ истифода барад.

Мавқеи айбдоркунии хусусӣ бо назардошти риояи принсипи ошкоро, бевосита, шифоҳӣ, мубоҳисавӣ ва баробарии тарафҳо дар назди суд аз он шаҳодат медиҳад, ки оғоз шудани парвандаи айбдоркунии

хусусӣ танҳо бо тасмимот ва ташаббуси айбдоркунандаи хусусӣ; мустақилона пешниҳод намудани далелҳои айбдоркунанда, таъмин ва даъвати шоҳидон; бо мувофиқаву оштии тарафҳо қатъ гардидани парванда; аризаи мутақобила (муқобил) пешниҳод намудан; ҳангоми хоҳишу дархост намудани айбдоркунандаи хусусӣ ба ӯ дар ҷамъоварии далелҳо мусоидат намудани судя, ифодаи бевоситаи нишонаҳои умумиэътирофгаштаи демократӣ ба ҳисоб меравaнд.

Ин намуди айбдоркунӣ аз муроҷиати шахси аз ҷиноят зарардида ба мақомоти давлатӣ барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс вобаста буда, аз мавқеи фаъоли айбдоркунандаи хусусӣ шаҳодат медиҳад. Он дар асоси баробарии расмии тарафҳои мурофиа, тарафи айбдоркунанда – айбдоркунандаи хусусӣ ва тарафи айбдоршаванда – судшаванда дар суд ҷараён мегирад. Айбдоркунандаи хусусӣ вазифадор аст, ки айби шахсро дар содир кардани ҷиноят бо пешниҳоди далелҳо исбот намуда, судшаванда мавқеи ҳимояро аз айби эълоншуда ишғол менамояд. Ин гуна қоидаҳо барои одилона ҳал шудани парвандаҳои ҷиноятии айбдоркунии хусусӣ шароити зарурӣ фароҳам меоранд. Лекин барои бартараф кардани ихтилофҳое, ки дар амалия ҷой доранд ва дар раванди ба амалбарории адолати судӣ борҳо вомехӯранд, бояд шаклу услубҳои гуногуни самаранок пешбарӣ ва татбиқ шаванд.

Таҳлили меъёрҳои ҳуқуқии қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ нишон медиҳанд, ки қонун шурӯи айбдоркуниро ба иродаи ҷабрдида вобаста намуда, ин парвандаҳоро – чун парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ муайян намудааст. Пешбурди парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ аз намудҳои ҷудогонаи кирдори ба ҷамъият хавфнок, ки Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ мекунад, вобастагӣ дорад. Чунки Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон кирдорҳоеро муайян кардааст, ки ба ҷамъият хавфи калон надошта, ҳангоми содир намудани онҳо манфиати шахсӣ мавриди мудохила қарор мегирад.

Қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ имконият медиҳанд, ки хусусиятҳои хоси айбдоркунии хусусӣ баҳри васеъ амалӣ гардидани

ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои шахс ба назар гирифта шуда, имкониятҳои айбдоркунандаи хусусӣ, хусусан манфиатҳои ӯ оид ба: товори зарарро бартараф намудани судшаванда; қатъ гардидани пешбурди парвандаи бинобар оштии тарафҳо бидуни татбиқи ҷазо ва гирифтани доғи судӣ; дар суд ба тариқи содда ва дар муҳлати кутоҳ дида баромадани парванда, бояд таъмин карда шавад. Амалишавии бартариятҳои айбдоркунии хусусӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ арзиши олӣ доштани ҳуқуқи инсон дар ҷараёни мурофиаи ҷиноятӣ ва беғаризии ҳокимияти судиро барои ҳалли парвандаҳое, ки барои ҷамъият хавфнок нестанд нишон медиҳад. Дар қиёс бо айбдоркунии оммавӣ, нисбати ашхос оғоз шудани парвандаи ҷиноятӣ, пеш аз ҳама шахсони ваколатдори мансабӣ бояд муайян намоянд, ки сабаб ва шароитҳои содир гардидани ҷиноят чи гуна буда, категорияи он, хавфнокӣ ва таъсирнокии он ба ҷамъият, зарурияти татбиқи чораҳои пешгирӣ, аз дигар намудани айбдоркуниҳо бартарият доранд. Чунки, аз як тараф, оғоз шудани парвандаи ҷиноятӣ нисбати шахс метавонад ҳаёти муътадили шахсеро халалдор созад, аз тарафи дигар, тобеияти тафтишоти онҳо мақомоти ваколатдор мансубият дорад, вазифадорӣ намоянд [123, с. 195-198], ки ба айбдоркунии хусусӣ хос намебошанд.

Бинобар ин, шаклҳои нави мурофиаи ҷиноятӣ, дар заминаи назари ҳифзи ҳуқуқи инсон чун масъулияти давлат баҳри ҳимояи ҳуқуқҳои шахси зарардида аз ҷиноят чун тарзи «маъруфи ҳимоя бар ҳақиқат» матраҳ карда мешавад. Моҳият ва мақсади мурофиаи ҷиноятӣ ин чун тарзи маъруфи ҳимояи ҳақ буда, масъулияти давлат дар назди оммаи шахсон аст, ки дар амал аз тарафи шахсони ваколатдори мансабӣ риоя ва иҷро карда мешавад. Вазифаҳои мурофиаи ҷиноятиро чунин мақсаднок баён намуд, ки он ҳимоя намудани тамоми ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ки аз ҷиноят зарар дидаанд, ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои давлату дигар шахсони ҳуқуқӣ, эмин нигоҳ доштан аз беасосии айбдорӣ, ғайриқонунӣ маҳдуд ва поймо нашудани ҳуқуқу

озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ҳимоя карда шуда, ба таври ягонаву низомнок чараёни пешбурди парванда ба роҳ монда мешавад.

Тибқи талаботи қ. 2 м. 24 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти кирдорҳои содиргардида, айбдоркуниро дар мурофиаи ҷиноятӣ вобаста ба хусусият ва дараҷаи ба ҷамъият хавфнокӣ ба шаклҳои хусусӣ, хусусӣ - умумӣ ва умумӣ ҷудо карда шудааст.

«Ф.Н. Фаткуллин, таснифоти айбдоркуниро вобаста ба он, ки «айбдоркунӣ»-ро дар марҳилаҳои мурофиаи ҷиноятӣ аз ҷониби кӣ ва аз номи кӣ дастгирӣ кардан мумкин аст ба: айбдоркунии давлатӣ, умумӣ, хусусӣ ва вобаста ба дараҷаи хавфнокии кирдори содиршуда, айбдоркунии умумӣ, хусусӣ-умумӣ ва хусусиро пешниҳод намуда буд» [94, с. 28-30]. «Яке аз олимони соҳа, М. А. Челтсов, чор намуди функсияҳои (тайиноти) асосиро дар мурофиаи ҷиноятӣ мавриди таҳлил қарор дода, лекин дар байни онҳо функсияи айбдоркуниро номбар намекунад. Ӯ айбдоркуниро яке аз шаклҳои назорати прокурорӣ дар раванди мурофиаи судӣ донистаанд» [99, с. 97].

Бо мақсади таҳлили ҳуқуқӣ, агар ба матни меъёрҳои мурофиавии ҷиноятӣ эътибор диҳем, истиллоҳи «айб»-ро дида меавонем, ки дар марҳилаҳои гуногуни мурофиаи ҷиноятӣ ва мавридҳои гуногуни пешбурди парвандаи ҷиноятӣ ин мафҳум дар танзими муносибатҳои мурофиавии ҷиноятӣ ҷойи марказиро ишғол мекунад. «Ба андешаи А. Э. Раҳматулоев, дар меъёрҳои Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон истиллоҳи «айб» бо мазмунҳои гуногуни «айбдоршаванда», «айбдоркунанда», «айбдоркунӣ», «айбдорӣ» пешбинӣ шудааст. Ба андешаи муаллифон ин мафҳумҳо мазмуни гуногун дошта, дар як вақт мазмуни ягонаро ифода карда наметавонанд» [139, с. 5]. Оид ба моҳияти ифодаёбии мафҳумҳои номбаргардидаи истилоҳи «айб» аҳамият диҳем хулоса намудан мумкин аст, ки он дар як вақт мазмуни якчанд мафҳуму моҳиятҳову қоидаҳои мурофиавии ҷиноятиро дар назар дорад, ки яке аз онҳо ифодаи тайиноти (функсияи) мурофиавии ҷиноятӣ (айбдоркунии

хусусӣ, хусусӣ-умумӣ ва умумӣ м. 24 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон) аст, ки ба мавзуи таҳқиқоти мазкур дахл дорад.

Мувофиқи андешаҳои муаллифони ватанӣ «айбдорӣ» дар кирдори ба ҷамъият хавфнок (ҳаракат ё беҳаракатӣ) зоҳир мешавад, ки боиси оқибат гаштааст [69, с. 130]. Мувофиқан «айбдоркунӣ» қоидаи мурофиавии ҷиноятӣ аст, ки ҷузъи таъқиби ҷиноятиро ифода карда, бо тартиби муайянкардаи қонун аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ ва дар баъзе мавридҳо аз ҷониби шахси алоҳида, ки аз ҷиноят зарар дидааст, амалӣ мешавад. Таҳлили мантиқии ин мафҳум нишон медиҳад, ки «айбдоркунӣ» аз ҷамъи амалҳои мурофиавӣ иборат аст, ки бо мақсади ба амалбарории адолати судӣ оид ба парвандаи ҷиноятӣ тибқи меъёрҳои мурофиавӣ иҷро мешаванд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки истилоҳи «айбдоркунӣ» маънои худро дорад, ки аз мафҳуми «таъқиби ҷиноятӣ» фарқ мекунад.

Бо истилоҳи дигар «айбдоркунӣ» ба ҷараёни мурофиаи ҷиноятӣ оид ба: пешниҳод ва нигоҳ доштани ваҷҳи айбдоркунӣ, ҷамъоварӣ ва пешниҳоди далелҳои айбдоркунанда дар марҳилаҳои то судӣ ва тафтиши судиро дар бар мегиранд.

Ҳамин тариқ, айбдоркунӣ фаъолияти мурофиавии айбдоркунанда буда, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани айбдоршаванда ва исботи айби шахс дар содир кардани ҷиноят аз давраҳои мурофиаи ҷиноятӣ вобастагӣ надошта, бо маънои васеъ ҳамчун таъқиби ҷиноятӣ баромад менамояд. Ба гурӯҳҳо ҷудо намудани айбдоркунӣ аз он далолат мекунад, ки ин ба шаклҳои гуногун ҷудо намудани таъқиби ҷиноят буда, ба манфиати шахсии ҷабрдидаву омма муҳим мебошад.

Яке аз шакли таъқиботи ҷиноятӣ ин айбдоркунии хусусӣ ба ҳисоб меравад. Айбдоркунии хусусӣ шакли қадимтарини мурофиаи ҷиноятӣ ба ҳисоб рафта, он аз айбдоркунии шахсоне (ҷабрдидагоне) ки аз ҷиноят зарар дидаанд, вобаста аст.

Низоми классикии айбдоркунии хусусӣ аз ҳуқуқи римӣ сарчашма мегирад» [39, с. 11]. «Ҳуқуқшиноси рими қадим Улпиан ҳуқукро вобаста ба манфиатҳо ба хусусӣ ва оммавӣ, тақсим намуда, самти оммавиро дар ин робита ба вазъи давлат ва хусусиро ба манфиати шахсони алоҳида вобаста кардааст [85, с]. Дар ин раванд олимони варзидаи ҷумҳурӣ М. А. Маҳмудов ва Ш. М. Менглиев, қайд намудаанд, ки шакли аввали дифои ҳуқуқ – ин мустақилона амал намудани шахси ҳуқуқаш поймолшуда ба ҳисоб рафта, ки ӯ метавонист худсарона ба шахси зараррасон ҷавоб гардонад. «Амали мазкур давра ба давра ба воситаи муқаррар намудани ба тартиби даровардани ҷазоҳои хусусӣ, низоми фидия ва ба зиммаи мақомоти давлатӣ вогузор намудани масъалаи дифои ҳуқуқ таҳлил карда шуд» [66, с. 19].

Дар пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ оид ба айбдоркунии хусусӣ, ҷабрдида тарафи айбдоркунандаро муаррифӣ мекунад. Шахсе, ки аз ҷинояти содиршуда ҷабру зулм, зарар дидааст, ба суд бо ариза муроҷиат намуда, хоҳиш менамояд, ки судшаванда ба ҷавобгарӣ кашида шавад. Бо ин сабаб мақоми ҷабрдида мақоми айбдоркунандаи хусусиро дорад». Таърифи ин намуди айбдоркуниро бо мазмуни дигар низ қайд кардан мумкин аст: айбдории хусусӣ – шакли махсуси таъқиби ҷиноятие мебошад, ки бо тасмимот ва ташаббуси ҷабрдида оғоз карда мешавад. Аҳамият ва хосияти пешбурди парвандаи айбдоркунии хусусӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ дар он ифода меёбад, ки пешбурди он танҳо бо пешниҳод намудани ариза ба суд бо ташаббуси шахсе, ки ба ӯ ҷинояти начандон вазнин ба саломатӣ расонида шуда буда танҳо доираи шакли айбдоркунии хусусидошта оғоз гардида, а воситаи худ ё тавассути намояндаи қонунии худ он дар суд оғоз карда мешавад. Хангоми оштӣ шудани айбдоркунандаи хусусӣ бо судшаванда парванда дар аз тарафи суд бе таъини ҷазо бо баровардани қарор қатъ карда мешавад.

Ҳамин тариқ таҳиқоти мавзуи амалишавии функсияи айбдоркунӣ дар мурофиаи ҷиноятии ватанӣ нишон дод, ки чунин хулосаҳо намоем. Аз таҳлили қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон

аз он шаҳодат медиҳад, ки  намуди айбдоркунӣ дар қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Тоҷикистон барои таъқиботи хусусӣ аз ҷониби айбдоркунандаи хусусӣ, бо пешниҳоди маҷмӯи ҳуқуқ ва уҳдадориҳоро барои дастрасӣ ба адолати судӣ, ки дар Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 пешбинӣ шудааст, таъмин намояд. Яъне, баҳри ба амалбарории адолати судӣ ва расидан ба мақсади мурофиаи ҷиноятӣ ва ба роҳбарӣ гирифтани: тавозуни манфиати шахс ва давлат; риояи қадру қимати инсон; ҳолатҳои ҷабрдида; имконияти бахшидани гуноҳи ҳамдигар муҳим аст, ки аз тарафи шахсони ваколатдори мансабӣ бояд ба назар гирифта шавад. Маҳз дар асоси Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба асос гирифтани эътирофи принсипҳои ҳимоя ва кафолати ҳифзи судӣ, эҳтимолияти бегуноҳии шахс, ба тариқи мубоҳиса ва баробарҳуқуқии тарафҳо баргуззор гардани мурофиа, ошкорову содда гузаронида шудани муҳокимаҳои судӣ аз мурофиаи он дар замони муосир аз мурофиаи айбдоркунӣ ба мурофиаи мубоҳисавӣ табдил дода шудааст. «Мурофиаи ҷиноятиро ҳамчун раванди маъруфи ҳифзи ҳуқуқи инсон аз ҳар гуна амалҳои ҷинояткорона ва поймол нагардидану барқарор намудани ҳуқуқу озодиҳои инсонва шаҳрванд, ба танзим даровандани таъқиботи беасос оид ба парвандаи ҷиноятӣ эътироф гардида, бо мақсади таъмин шудани адолат равона карда мешавад». Яке аз ҷабҳаҳои манфӣ доштани мурофиаи мазкур дар доираи ҳуқуқҳои расмӣ, ин раванди роҳбарикунанда ва муҳимм доштан барои рушди сиёсати ҳуқуқии кишвар буда оид ба барқарор намудани адлияи ҷиноятӣ ифода мегардад. Аз ин рӯ пешниҳод менамоем, ки:

1. Айбдоркунӣ ҷузъи «таъқиби ҷиноятӣ» буда, вазифаи мурофиавии ҷиноятӣ ва қисми салоҳияти айбдоркунандаи хусусиро ҷиҳати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани ҷинояткор ифода менамояд.

2. Мафҳуми айбдоркунӣ ҳамчун амали тасдиққунандаи мурофиавӣ буда, ашхоси аз ҷиноят ҷабрдида ва ё тибқи қонун соҳибваколат шахсро

дар содир намудани ҷиноят бар асоси далели кофӣ бо мақсади ҳифзу ҳимояи манфиати хусусӣ ё оммавӣ дар назди суд айбдор мекунад.

3. «Айбдоркунӣ - ин амали мурофиавии ҷиноятӣ буда, тибқи қонун аз тарафи шахсони ваколатдори давлатӣ, инчунин тибқи қонун аз тарафи шахсони алоҳида, ки аз ҷиноят зарар дидаанд», амалӣ мешавад. Таҳлили ин мафҳум нишон медиҳанд, ки «айбдоркунӣ» аз ҷамъи амалҳои мурофиавӣ иборат аст, ки бо мақсади баамалбарории адолати судӣ оид ба парвандаи ҷиноятӣ тибқи меъёрҳои мурофиавӣ иҷро мешавад.

4. Айбдоркунии хусусӣ фаъолияти мурофиавӣ-ҷиноятие, аст ки аз ҷониби шахси алоҳида (айбдоркунанда) амалӣ карда мешавад. Мазмуни ин моҳият нишон медиҳад, ки «айбдоркунӣ» аз ҷамъи амалҳои мурофиавӣ иборат буда, бо мақсади танзим ва таъмини манфиатҳои муқобил дар самти адолати судӣ оид ба парвандаи ҷиноятӣ тибқи меъёрҳои мурофиавӣ иҷро мешавад.

5. Айбдоркунии хусусӣ аз ташаббуси ихтиёрии шахси аз ҷиноят зарардида иборат аст, ки айбдоршавандаро дар содир намудани ҷиноят бо аризааш айбдор ва таъқиботи хусусиро амалӣ менамояд.

6. Ба роҳбарӣ гирифтани сархати 8 банди 56 «Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон», теъдоди ҷиноятҳои марбут ба айбдоркунии хусусиро аз доираи  айбдоркунии хусусӣ-умумӣ васеъ намуда, ҳимоя намудани ҳуқуқу озодиҳои инсонро ки имрӯз махсусан дар замони муосир накши бузург дорад, меъёрҳои қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ марбут ба пешбурди айбдоркунии хусусӣ такмил дода шаванд.

7. Фаъолнокии ҷараён ва раванди озоду соҳибихтиёрии айбдоркунандаи хусусӣ, дар меъёри қонунгузории мурофиаи ҷиноятӣ густариш дода шуда, падидаи рушди айбдоркунии хусусӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ такмил дода шаванд.

8. Микдор ва намуди моддаҳои марбут ба ҷинояте, ки бо тартиби хусусӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ пеш бурда мешаванд, дар меъёрҳои моддӣ ва расмии он бояд зиёд гардида, ба амалбарории он аз тарафи ҳокимияти

судӣ ба амал бароварда шаванд, ки ҳокимияти судӣ риоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсонро кафолат дода, фаъолияти он ба таъмин намудани қонуният ва адолати иҷтимоӣ равона шудааст.

**2.2.Таносуби айбдоркунии хусусӣ ва хусусӣ-умумӣ**

Дар мурофиаи ҷиноятии замони муосир айбдоркунии хусусӣ нақши пешбурди махсусро дошта, танҳо бо теъдоди маҳдуди «м.112 (қасдан расонидани зарари сабук ба саломатӣ), м. 116 (лату кӯб) ва қ.1 ва 2 м.156 (вайрон кардани ҳуқуқҳои муаллифӣ ва ҳуқуқҳои вобаста ба он)» Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад. Пешбурди парвандаҳои ҷиноятҳои мазкур бо шикояти шахсе, ки аз ҷиноят зарари начандон вазинин гирифтааст, бо пешниҳод намудани аризаи хаттӣ ба мақомоти судӣ оғоз гардида, дар мавриди оштӣ шудан бо судшаванда то ба хонаи машваратӣ рафтани раисикунанда бояд қатъ карда шавад. Агар шахсе, ки ҷиноят содир кардааст, ба айбдоркунандаи хусусӣ маълум набошад, пас ӯ метавонад ба мақомоти корҳои дохилӣ муроҷиат кунад. Пешниҳоди ариза ба суд низ имконпазир аст, аммо дар ин ҳолат судя вазифадор аст, ки аризаро ба мақомоти таҳқиқ ё тафтишот супорад (м. 35 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон).

Чунин таснифоти қонунгузорӣ шаҳодати он аст, ки айбдоркунии хусусӣ - шакли махсуси таъқиби ҷиноятӣ буда, бо ташаббуси ҷабрдида оғоз мешавад. Хусусияти пешбурди парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ дар он аст, ки ҷабрдида дар як вақт ба сифати айбдоркунанда баромад менамояд. Қонунгузор имконият додааст, ки муҳиммият ва кафолатдиҳанда будани ҳифзи ҳуқуқҳои поймолгардидаи айбдоркунандаи хусусиро дар мурофиаи ҷиноятӣ ин барои бо ташаббуси ҷабрдида оғоз гардидани мурофиаи айбдоркунии хусусӣ буда, яке аз сабабҳои қатъ гардидани пешбурд ва баррасии парвандаро бо сабаби оштии тарафҳо медонад. «Агар чунин парвандаҳо аҳаммияти ҷамъиятӣ дошта бошанд, прокурор тибқи талаботи қ. 4 м. 24 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад парвандаи ҷиноятиро оғоз

намуда, дар мурофиаи судӣ ба сифати айбдоркунандаи давлатӣ иштирок намояд» [204]. Мақсад ва мазмуни шакли айбдоркунии хусусӣ гувоҳи онанд, ки оғоз ва пешбурди парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ маҳз аз тасмимоти шахсе, ки ҷабрдида аст вобаста буда, ҷараёни он дар суд сурат мегирад.

«Барои равшан ифода кардани моҳияти масъала, ки тафовути айбдоркунии хусусиро дар мурофиаи ҷиноятӣ нишон медиҳад, фикри И. Я. Фойнитский ба маврид аст. Ӯ зикр намуда буд, ки айбдоркунандаи хусусӣ дар пешбурди парвандаи ҷиноятӣ ҳуқуқи истифодаи услуби ихтиёриро (диспозитивӣ) дорад» [93, с. 68]. Моҳияти ихтиёрдорӣ аз тарафи айбдоркунандаи хусусӣ он шаҳодат медиҳад, ки ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шудани шахс ҳамчун судшаванда ин аз рӯйи расонидани зарари сабук ба саломатӣ ва дараҷаи хавфнокӣ надоштан ба омма буда, танҳо бо хоҳиши шахс (аризадиҳанда) сурат мегирад. «Инчунин муаллиф В. В. Струкова дар таҳқиқоти худ дуруст ишора намудааст, ки: «айбдоркунии хусусӣ барои ошкор намудани ҷинояти айбдоркунии умумӣ кӯмак намуда, ҷинояткорро маълум менамояд» [185, с. 8].

Хусусияти намуди айбдоркунии хусусӣ – бо тасмимот ва иродаи айбдоркунандаи хусусӣ оғоз шудани парванда дар суд аз он гувоҳӣ медиҳад, ки қонунгузор ба айбдоркунандаи хусусӣ (ҷабрдида) имконият додааст ки мустақилона ба суд муроҷиат намуда, ҳуқуқ ва манфиатҳои худро ҳимоя намояд. Инчунин қонунгузор ба айбдоркунандаи хусусӣ имтиёз додааст, ки ба ҷойи ӯ намояндаи қонуниаш метавонад баромад намояд [46, с. 162]. «Ба андешаи Б. Т. Безлепкин оғоз шудани парвандаи ҷиноятии айбдоркунии хусусӣ ва исботи айби шахс дар содир намудани он, аз ҷониби ҷабрдида ё намояндаи қонунии ӯ барои пойдор намудани адолат дар суд вобаста аст» [22, с. 17].

Дар бораи намояндаи қонунӣ Ю. К. Якимович иброз намудааст, ки «намояндаҳои қонунӣ метавонанд танҳо дар сурати марги ҷабрдида муроҷиат кунанд» [104, с. 109], бинобар он, ки муҳаққиқ танҳо бо «марги

ҷабрдида» маҳдуд шуда истодааст, мо бо ин гуфтаҳо розӣ шуда наметавонем.

Ба назари мо, айбдоркунандаи хусусӣ ҳамчун иштирокчии мурофиаи ҷиноятӣ аз ҷабрдида тафовут надорад, то бо хоҳиши худ бевосита бо баёни айбдоркунӣ ба суд муроҷиат намояд. Айбдоркунандаи хусусӣ ҳамчун иштирокчии мурофиаи судии ҷиноятӣ тамоми ҳуқуқҳои ҷабрдидаро дорад, вале фарқият бо пешниҳод намудани аризаи хаттӣ; баён ва тавсифи пурраи ҳодисаи ҷиноят ва риояи боби 37 Кодекси мурофиавии ҷиноятиро бояд дошта бошад.

«Олимон И. М. Галперин, К. Ф. Гутсенко, В. М. Савитский, И. И. Потеружа, М. С. Строгович ақидаҳояшонро чунин зикр намуда буданд, ки ба парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ, кирдорҳои аз рӯйи дараҷаашон ба ҷамъият хавфнок нестанд, дида шуда, қонунгузор ба худи шахс (айбдоркунандаи хусусӣ) имконият додааст, ҳалли низоъи масъалаи бамиёномадаро танҳо бо фикри субъективии худ ба роҳ монанд» [113, с. 49].

Бинобар ин, аз замони шӯравӣ, вижагиҳои мурофиаи судӣ оид ба унсурҳои ҷиноят, ки боиси ба намудҳои айбдоркунӣ ҷудо шудани парвандаҳо гардид, дар қонунгузорӣ номи парвандаҳои айбдоркунии хусусиро гирифтааст [197]. Бо ин мазмун М. Н. Челтсов низ айбдоркуниро тасниф намуда, шакли айбдоркунии хусусиро ба манфиати шахси зарардида шуморидааст [98, с. 196].

«Солҳои 60-уми асри гузашта Л. Д. Кокорев оид ба пешбурди парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ баёни назар карда, чунин меҳисобид, ки ҷиноятҳои вобаста ба парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ ба ҷамъият хавфнокии кам доранд ва ба қонунгузор пешниҳод карда буд, ки ин категорияи парвандаҳои ҷиноятӣ бо тартиби умумӣ оғоз ва дида баромада шаванд» [61, с. 77-81]. Доир ба ин масъала андешаи мо чунин аст, ки бинобар теъдоди ин намуди ҷиноятҳо кам ва механизми

амалишавии он коста аст, таклиф мекардем шакли айбдоркунии хусусӣ-умумӣ ба хусусӣ муттаҳид карда шавад.

«Дар ин радиф Б. Сухаревский чунин меҳисобид, ки айбдоркунии хусусӣ аз қонунгузории мурофиавӣ хориҷ карда шавад» [143, с. 132]. Мо бо ақидаи олим бинобар муҳиммият доштани айбдоркунии хусусӣ дар қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ, ки он ҳамчун яке аз функсияи таъқиби айбдоркунии хусусӣ муқаррар карда шудааст, розӣ буда наметавонем.

Аз замони Шӯравӣ мухолифатҳо вуҷуд доштанд, ки дар Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ айбдоркунии хусусӣ ва хусусӣ - умумӣ вуҷуд надошта бошанд. Бархе аз олимон андеша доштанд, ки ин гуна намуди парвандаҳо ба таври умумӣ баррасӣ карда шаванд, бархе дигар олимон зикр мекарданд, ки ин намуди парвандаҳо танҳо баҳсҳои оилавӣ аст ва бигзор дар доираи оила боқӣ монад. «Л. Д. Кокорев бори дигар масъалаи ҷудо кардани айбдоркунии хусусиро дар мурофиаи ҷиноятӣ ба миён гузошта, пешниҳод карда буд, ки қонун бояд тартиби умумии оғоз ва баррасии парвандаҳои ҷиноятиро пешбинӣ намояд» [61, с. 77-88].

«Воқеан ҳам тартиби махсуси пешбурди парвандаҳо оид ба парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ ҳанӯз пеш аз қабул шудани Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2009 дар Кодекси мурофиавии ҷиноятии соли 1961 дар ҳолати аз 18 марти соли 2008 пешбинӣ шуда буд. Пешбурди парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ дар доираи шакли протоколӣ, ки тартиби он дар боби 34 Кодекси мурофиавии ҷиноятии 1961 (дар ҳолати аз 18 марти соли 2008) танзим шуда буд сурат мегирифт» [7]. То ин сол бошад, аз рӯйи м.104 КМҶ РСС Тоҷикистон (аз 1 декабри соли 1961) «Корҳои ҷиноятие, ки бо шикояти шахси ҷабрдида сар карда мешаванд» номгузорӣ шуда буду, пешбурд дар шакли протоколӣ дида намешуд. Дар ин моддаи мазкур «ҷиноятҳое, ки дар м.м. 115, қ. 1 м. 116, қ. 1 м. 138 КҶ РСС Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд, танҳо бо шикояти шахси ҷабрдида оғоз шуда ва дар сурати бо

айбдоршаванда оштӣ шудани ӯ қатъ карда мешуд. Оштишавӣ танҳо пеш аз он, ки суд барои ҳукмбарорӣ ба хонаи машваратӣ равад, мумкин буд».

Айни ҳол, тибқи талаботи м. 300 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон судя бояд оид ба дастрас гардидани ҳуҷҷати хулосавӣ муайян намуда, чӣ гуна ва кай ин кор анҷом дода шудааст» пешбинӣ гардидааст, ки ба пешбурди суръатнок ишора мешавад (м. 453).

«Тибқи қонуни мурофиавии ҷиноятӣ, суд метавонад парвандаи ҷиноятиро оид ба айбдоркунии хусусӣ ба баррасӣ қабул кунад. Доир ба ин А. В. Смирнов ва К. Б. Калиновский ибрози ақида доранд, ки дар аксари ҳолатҳо суд парвандаи ҷиноятиро бо назардошти хулосаҳои мантиқӣ баррасӣ мекунад. О. Тарнавский зикр мекунад, ки айбдоркунандаи хусусӣ аз даъвогари гражданӣ бо ҳолатҳои ҳуқуқиаш ягон фарқият надошта ба суд муроҷиат мекунад» [146, с. 194].

«Олимон А. В. Смирнов, К. Б. Калиновский, А. Б. Соловев ва Н. А. Якубович, ибрози ақида кардаанд, ки ба салоҳияти суд дохил намудани тафтиши парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ аз суд вақт ва кӯшиши зиёдро талаб мекунанд, ки ин ғайриимкон аст» [142, с. 79].

Таҳлилҳои илмӣ ва назариявӣ нишон медиҳанд, ки шуруъ аз рушди қонунгузории замони Шӯравӣ то имрӯз ба меъёрҳои айбдоркунии хусусӣ мустақилияти ба роҳ мондани ин раванд  дар қонунгузории мурофиавӣ пайдо шуда бошад ҳам, вале то ҳол пешбурди парвандаи айбдоркунии хусусӣ яке аз масъалаҳои ҳалталаби мубрами мурофиаи ҷиноятӣ боқи мондааст [52, с. 272]. Аз ин рӯй, баҳри манфиатҳои шахс ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ дар ҷомеа таклиф менамоем, ки доираи ҷиноятҳои айбдоркунии хусусӣ бо м.м. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон:

- «қ.1 м. 113 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: «Қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ дар ҳолати ҳаяҷони сахти руҳӣ», буда, дар асари расонидани зарар ба саломатӣ» ҳамчун ҳолати сабуккунандаи ҷазо эътироф мешавад. Барои он ҳолати сабуккунанда эътироф карда шудааст, ки сабаби чунин кирдор маҳз таъсиррасониҳои

равонии ҷабрдида ба судшаванда, пушаймонӣ аз кирдор ва амалҳову созишҳои (оштии) дутарафабайни айбдоркунандаи хусусӣ ва судшаванда мебошад, ки хавфи он ба ҷамъият надорад. Ҳамчунин, шахс дар вакти расонидани зарари миёна ё вазнин ба саломатӣ дар ҳолати муқаррарии руҳӣ қарор надорад. Дар ин ҷиноят, шахси ба ин ҳолати ҳаяҷони руҳӣ гирифторшуда қобилияти пурра идора намудани ҳолати руҳии худро аз даст медиҳад, ки ин дар муддати кутоҳ аз байн меравад, яъне баъди ба вуқуъ омадани ҳолати ҳаяҷони сахти руҳӣ, муддати кутоҳ гузашта аз байн меравад ва шахс ба ҳолати муқаррарӣ бармегардад. Ҳатто, баъди ба ҳолати муқаррарӣ баргаштан аз ҷунин амалҳояш пушаймон гардиданаш мумкин аст. Мисол, санаи 14 декабри соли 2014 С. муносибаташон бо З. вайрон гардида, онҳо қарор медиҳанд, ки бегоҳ ба боғи фарҳангию фароғатии «Дӯстии халқҳо» рафта, муносибаташонро бо ҷанги як ба як муайян мекунанд. Тибқи маслиҳати ҳамдигар бо ҳамроҳии шариконашон тахминан соати 19:00 ҳамон рӯз бо дашномҳои қабеҳ ҷанги як ба якро дар макони маслиҳаткардаашон оғоз мекунанд. З. С.-ро зада аз пой меафтонад ва ба сару рӯйи ӯ бо муштонаш зада, нисбати С. ва наздиконаш дашномҳои қабеҳ дода, суханҳои таҳқиромез гуфтааст. С. аз зӯрии З. раҳо ёфта натавониста, суханони дурушти теҳқиромезро шунида, ба ҳолати ҳаяҷони сахти руҳӣ афтода, аз тарси зарари ҷиддӣ ёфтанаш, аз кисааш қайчии харидаашро бароварда, бо он чанд маротиба ба бадани З. зада, худро аз ӯ халос мекунад. Баъд аз ин ҳолат ҳамроҳонашон З.-ро ба беморхона мебаранд. С. бошад ба ШВКД ҶТ дар н. Фирдавсӣ омада оид ба ҳодисаи бавуқуъомада хабар медиҳад. Мутобиқи хулосаи экспертизаи тиббӣ-судӣ №9550 аз 18 декабри соли 2014 ба саломатии З. зарари миёна расонида шудааст. Дар асоси хулосаи экспертизаи судӣ-психологӣ аз 06 марти соли 2015 С. ҳангоми бо кордча захмӣ намудани ҷабрдида З. дар ҳолати ҳаяҷони сахти руҳӣ (аффекти физиологӣ) физиологӣ қарор дошта, ҳангоми содир намудани ҷинояти мазкур метавонист ҳаракату амали худро дарк ва идора намояд. Суди н. Фирдавсии ш. Душанбе кирдори С.-ро бо банди «а» қ. 3 м. 237 ва қ. 2 м.

113 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бандубаст намудааст [209]. Ин ҳолати физиологии шахс ба ҷамъият хавфнок набуда, дар ҳолати муқаррарии руҳӣ ин кирдор содир намегардид.

- м. 114 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Қасдан расонидани зарари вазнин ба саломатӣ дар ҳолати баромадан аз ҳадди мудофиаи зарурӣ» (м. 40 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон). Муҳофизат, мудофиа, ҳимоя намудани ҷисму ҷон ва мол аз табиати зиндаи инсон сарчашма гирифта, сифат ва хислати табии ва физиологии одам мебошад. Бинобар ин, ҳифзу ҳимоя ҳаққи табии шахс буда, аз зумраи ҳуқуқҳои шахсии инсон ҳисоб мешавад.

Худи мафҳуми мудофиаи зарурӣ категорияи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ буда, на ҳар кас аз ӯ бархӯрдор асту дуруст сарфаҳм меравад. Гузашта аз он муайян намудани ҳадди он кори инсони оддӣ нест. Чунки ҳадди мудофиаи зарурӣ чунин муайян карда шудааст «Ҳангоми расонидани зарар дар ҳолати мудофиаи зарурӣ (моддаи 1081-и КГ) зарар бо асосҳои умумии масъулият барои расонидани зарар (моддаи 1079-и КГ) танҳо дар ҳолати аз ҳадди мудофиа баромадан сурат гирифта бошад, ҷуброн карда мешавад. Бояд дар назар дошт, ки мудофиаи зарурӣ - ин ҳимояи шахсият ва ҳуқуқҳои мудофиакунанда ё шахси дигар, манфиатҳои бо қонун ҳифзшавандаи ҷомеа ё давлат аз таҷовузи барои ҷамъият хавфнок бо роҳи расонидани зарар ба таҷовузкунанда содир шудааст, агар ин таҷовуз бо зӯроварӣ барои ҳаёти мудофиакунанда ё шахси дигар хавфнок бошад, ё ин ки бо таҳдиди бевоситаи истифодаи чунин зӯроварӣ алоқаманд аст, мебошад. Расонидани зарар дар ҳолати аз ҳадди мудофиаи зарурӣ баромадан, амали зиддиҳуқуқӣ мебошад. Ҳаракати қасдонае, ки баръало ба хусусияту дараҷаи хавфнокии таҷовуз мувофиқ нест, баромадан аз ҳадди мудофиаи зарурӣ эътироф карда мешавад» [10]. Аз ин рӯ, ҷинояти мазкур маҳз бо сабаби аъмоли ҷинояткоронаи шахси ҷабрдида ба вуқуъ пайваста аз чунин кирдор пеш аз ҳама ӯ зарар дида, пушаймонӣ суд надорад. Вале ӯ имконият дорад шахсро бахшад. Аз рӯйи парвандаи айбдоркунии хусусӣ бо баробари оштӣ шудан, пешбурд қатъ

карда мешавад. Аслан шахсияти нафари дифоъкунанда дар назари ҷомеъа манфур нест.

Мисол, дар нимаи шаб ба шахси мудофиакунанда бо овози баланду ниқоби пӯшида, бо мақсади лату кӯб ҳамла оварда шавад, пас мудофиакунанда, имконияти ба таври объективӣ баҳои дуруст додан ба ҳаракатҳои ҳамлакунандаро надорад, амалҳои шахси мудофиакунанда ки дар натиҷаи таҷовузи нобаҳангом ба вуҷуд омадааст, баромадан аз ҳадди мудофиаи зарурӣ ҳисобида намешавад. Категорияи ҷинояти мазкур начандон вазнин ба ҳисоб рафта, ба ҷамъият хавфнок нест, намуди санксия алтернативӣ мебошад.

Масъалае, ки доир ба моддаи 170 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мисол шуда метавонад, дузанагӣ ё серзанагӣ буда, тибқи қонунгузорӣ бисёрникоҳӣ манъ аст. Вале шахси ба синни никоҳ расида ва ё дар никоҳ қарор дошта дарк менамояд, ки дар натиҷаи соҳиби зани дуюм ва ё якчанд зан гаштан, ҳаёти маънавӣ ва моддии оилаи қонуниву ва ба никоҳи мусулмонӣ қабул кардаашро ҳангоми хоҷагии умумӣ бурдан аз ҷиҳати иҷтимоӣ ва иқтисодӣ таъмин карда метавонад.

Барпо намудани оила ин мустақилияти ҳар як шахси ба балоғат расидаву комилҳуқуқ ба ҳисоб рафта, бидуни маҷбурӣ ба роҳ монда мешавад. Дар ҳолатҳои маҳдуд гардидани ҳуқуқҳои конститутсионии худ, шахс метавонад баҳри ҳифзу ҳимоя намудани ҳуқуқҳои табиӣ бо пешниҳод намудани ариза ба суд оид ба айбдоркунии хусусӣ муроҷиат намояд, ки ин амал бо ташаббуси шахс, мустақилона ба роҳ монда мешавад.

- қ. 1 м. 252 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф». Ҷинояти мазкур аз тасарруфи автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бо он фарқ мекунад, ки дар он шахс мақсади тасарруфи нақлиётро надорад. Ӯ танҳо нияти муваққатан истифода бурдани воситаҳои нақлиётро дошт. Категорияи ҷинояти мазкур начандон вазнин эътироф гардида, ба ҷамъият хавфи калон надорад. Соҳибмулк аз амвол

ё наклиёт маҳрум намешавад, ҳуқуқи ихтиёрдорӣ кардани нақлиётро гум намекунад ва барқарор шудани ҳуқуқу манфиати ӯ ки аз ҷиноят зарар дидааст, бидуни таҳқиқ ё тафтиши пешакӣ имконпазир ва аён аст.

Яке аз таъқиботи ҷиноятӣ ин айбдоркунии хусусӣ-умумӣ мебошад. Дар фарҳанги истилоҳи ҳуқуқӣ айбдоркунии хусусӣ-умумӣ дар шакли «айбдории хусусию ҷамъиятӣ» пешбинӣ шудааст, ки ин гуна парвандаҳои ҷиноятӣ бо ташаббуси ҷабрдида оғоз карда мешавад ва ҳангоми оштӣ шудани шахси зарардида бо судшаванда, ҳамчунин барқарор намудани товони зарари ба шахси зарардида расонидашуда, пешбурди парванда қатъ мегардад. Чун қоида, баъди оғози парвандаи айбдоркунии хусуси – умумӣ пешбурди он аз тарафи таҳқиқбаранда бо риояи талаботи м. 151 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешавад. Дар ҳолатҳое, ки кирдор ба омма таъсири худро мерасонда бошад, прокурор метавонад бидуни аризаи ҷабрдида онро оғоз намояд» [91, с. 28].

Тибқи талаботи қ. 3 м. 24 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, пешбурди парвандаҳо оид ба ҷиноятҳои дар м.м. 113 - 115, 118 қ. 1, 119, 120, 123 қ.қ. 1 ва 2, 124, 125 қ. 1, 126 қ. 1, 127 қ. 1, 128 қ. 1, 129 қ. 1 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда, парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ-умумӣ эътироф гардида, бо аризаи шахси аз ҷиноят ҷабрдида, намояндаи қонунии ӯ оғоз карда мешавад. Дар сурати оштӣ шудани тарафҳо бо барқарор намудани товони зарари ба шахс расонидашуда, пешбурди парванда қатъ мегардад. Прокурор низ ҳуқуқ дорад, сарфи назар аз мавқеи ҷабрдида, таъқиби хусусӣ-умумиро пеш барад. Бинобар бо иродаи ҷабрдида оғоз гардидани парвандаи ҷиноятӣ аз айбдоркунии умумӣ фарқ мекунад. Субъектони оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ мақомоти таҳқиқ, тафтишот, прокуратура аст, вале оғоз гардидани парвандаи айбдоркунии хусусӣ-умумӣ аз ҷабрдида ё намояндаи қонунии ӯ вобаста карда шудааст. Барои оғоз гардидани парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ-умумӣ мавқеи

ҷабрдида нақши ҳалкунандаро дорад, зеро парванда танҳо бо хоҳиши ӯ ва тибқи аризаи ӯ бо қарори таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор дар бораи оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда мешавад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки қонунгузор новобаста аз оқибат ва дараҷаи ба ҷамъият хавфнокӣ пешбурди айбдоркунии хусусӣ-умумиро ба салоҳияти воҳидҳои таҳқиқ вогузор кардааст. Пешбурди ин гуна айбдоркунӣ: азназаргузаронӣ, ёфта гирифтан, кофтуков, ҳабси муросилоти почта, хабарҳои телеграфӣ ва хабарҳои дигаре, ки тавассути шабакаҳои алоқаи барқӣ ва алоқаи почта интиқол мешаванд, гӯш кардан ва сабти гуфтугӯ, нишон додан барои шинохтан, шаҳодаткунонӣ, дастгиркунӣ ва пурсиши гумонбаршуда, ҷабрдида ва шоҳидон ва дигар амалҳои мурофиавиро барои муқаррар ва мустаҳкам намудани изҳои ҷиноят бояд гузаронида шавад ба роҳ монда мешавад, ки ба андешаи мо аз айбдоркунии умумӣ тафовуте надорад [67, с. 278-279].

Хотима ёфтани тафтиши парвандаи айбдоркунии хусусӣ-умумӣ дар доираи таҳқиқ бо тартиб додани фикри айбдоркунӣ ё қарори қатъ кардани ин намуди парванда ба анҷом мерасад. Ин намуди пешбурд аз он шаҳодат медиҳад, ки ба монанди айбдоркунии умумӣ, танҳо бо мӯҳлати пешбурд фарқият дораду халос. Аз айбдоркунии хусусӣ бошад бо воҳид, мӯҳлат, шакл, намуд ва тартиби гузаронидани он. Ҳамин тариқ, бо назардошти ягона будани омилҳо ва хусусиятҳои айбдоркунии хусусӣ-умумӣ ва хусусӣ моддаҳои пешбинигардидаи айбдоркунии хусусӣ-умумӣ ба доираи айбдоркунии хусусӣ ворид намудан ба маврид аст. Мисол, м.м. 115, 118, 119, 120, қ.қ. 1 ва 2 м. 123, 124, қ. 1 м. 125, қ. 1 м. 127, қ. 1 м. 128, қ. 1 м. 129 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба айбдоркунии хусусӣ-умумӣ мансуб дониста шудааст, бо дарназардошти ваҷҳҳои дар боло зикршуда ба қатори пешбурди парвандаҳои айбдоркунии оммавӣ шомил кардани онҳо ба мақсад мувофиқ аст.

«Ба андешаи Р. Р. Раҳмадҷонзода, айни замон, тартиби мурофиавии парвандаҳои ҷиноятии айбдоркунии хусусӣ ва хусусӣ-умумӣ дар қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолати ногувор қарор дорад, чунки пешбурди айбдоркунии хусусӣ, ки дар асоси «муносибатҳои хусумати шахсӣ» оғоз гардида, аз айбдоркунии хусусӣ-умумӣ бо субъекти оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ фарқият доранд» [180, с. 41-43; 101, с. 82]. Инчунин қайд карданд, ки агар худи ҷабрдида (айбдоркунандаи хусусӣ) бо ариза дар бораи ҳодисаи рухдода ба суд муроҷиат накунад, оғоз кардани парвандаи ҷиноятӣ, ба ҷузъ аз қолабе, ки дар қ. 4 м. 24 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст, ғайриимкон аст. Таҳлили ин ду айбдоркунӣ нишон доданд, ки тартиби пешбурди парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ ва айбдоркунии хусусӣ-умумӣ бо ҳам монанд буда аз якдигар фарқияте надоранд.

Агар ба таносуби айбдоркунии хусусӣ ва хусусӣ-умумӣ назар намоем, ақидаи муҳаққиқони самти мазкур ягона нестанд. «Дар ин раванд К. В. Муравев андеша дорад, ки дар ҳолатҳое, ки айбдоркунандаи хусусӣ бо сабабҳои гуногун натавонад мустақилона бо тасмимоти худ ҳуқуқҳои худро ҳиф карда натавонад пас дар асоси аризаи ӯ пешбурд бояд аз рӯйи тартиби муқаррарӣ ё хусусӣ-умумӣ амалӣ карда шавад» [174, с. 305]. «Ба ақидаи З.З. Зинатуллин, Т. З. Зинатуллин ва З. Д. Еникеев, аз рӯйи шакли айбдоркунии хусусӣ ва хусусӣ-умумӣ ин меъёрҳои гуногун мебошанд. Т. Н. Мухтасипова» [175, с. 17] зикр мекунад, ки чунин тартиби айбдоркунӣ иштирокчиёнро бо ҳуқуқ ва уҳдадориҳои мурофиаивӣ вобаста мекунад. Ба андешаи мо, меъёри моддаҳои қисми махсуси Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар қ. қ. 2 ва 3 м. 24 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ карда шудаанд, аз рӯйи хавфнокӣ ва категория фарқият надоранд.

Вазъи ҳуқуқии айбдоркунандаи хусусӣ ва хусусӣ-умумиро «А. П. Гускова чунин мешуморад, ки мавқеи ҳуқуқии айбдоркунандаи хусусӣ аз

айбдоркунии хусусӣ-умумӣ бо мақом, ҳуқуқ ва уҳдадориҳояш фарқ мекунад» [48, с. 103]. Аммо ба назари мо, айбдоркунии хусусиро бо айбдоркунии хусусӣ-умумӣ – тавъам ва умумиро алоҳида дида баромадан ба мақсад мувофиқ аст. Зеро айбдоркунии хусусӣ бо айбдоркунии хусусӣ-умумӣ шабоҳат дошта, айбдоркунии умумӣ аз ин намуди айбдоркунӣ тафовут дорад.

Таркиби ҷиноятҳое, ки мавриди таҳлил қарор гирифтаанд, қисмати аз онҳо тибқи қ. 3 м. 24 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба айбдоркунии хусусӣ-умумӣ мансуб буда, ҳангоми оштӣ шудани тарафҳо пешбурди парванда қатъ карда мешавад, ки мо чунин муносибатро асоснок ҳисоб мекунем. Агар чунин аст, дигар зарурати таъқиботи оммавии онҳо боқӣ хоҳад монд. Гузашта аз ин, ҳангоми омӯзиш ва таҳлили таърифи муайяни ҷиноятҳо (ба мисоли м.м. 113, 114, 170, қ. 1 м. 246, қ. 1. м. 298 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон) мо ба хулоса омадем, ки бо дарназардошти он, ки ин ҷиноятҳо бештар ба манфиати хусусӣ таҳдиду зарар меорад, бо баробари оштӣ шудани тарафҳо зиёну зарар аз байн меравад, ба ҷамъият хавфнок набуда, Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ онҳоро ба айбдоркунии хусусӣ-умумӣ мансуб донинста, аз ҷумла, содиршавиву ҳолатҳои ба вуқуъ омадани он, тарз, кирдор ва аҳамияти онро ба ҷамъият таҳлил намуда, бо назардошти ғояву маҳакҳои таъмин гардидани  адолат иҷтимоӣ, қисмате аз онҳоро ба айбдоркунии хусусӣ мансуб дониста, қисми дигари онро (дар мисоли м.м. 115, қ. 1 м. 118, 119, 120, қ. 1, 2 м. 123, 124, қ. 1 м. 125, қ. 1 м. 127, қ. 1 м. 128, қ. 1 м. 129) ба айбдоркунии оммавӣ шомил намоем мувофиқи мақсад аст.

Агар оид ба ин масъала аниқтар ба масъалаи муайян намудани ҳадду ҳудуди манфиати хусусӣ ва оммавӣ, рӯ ба ҳуқуқи мусулмонӣ оварем, дар он муқаррароте мавҷуд аст, ки тибқи он ҷиноятҳое, ки ба манфиати хусусӣ таҷовуз мекунанд ба намуди ҷиноятҳои қисос мансуб дониста шудааст. Яъне он теъдоди ҷиноятҳое мебошанд, ки таҷовуз ба ҷисму ҷон шурӯъ аз нохуни пой то мӯйи сарро дар бар мегирад.

Мувофиқи қисос шахс ҳақ дорад бо риояи шароити қисос интиқом биёрад [132, с. 49-62], вале ҳақ дорад аз гуноҳаш гузарад, татбиқ гардад.

«Олими рус Н. Д. Дурманов дар бораи айбдоркунии хусусӣ ва хусусӣ-умумӣ чунин баён намуда буд, ки ин намуди ҷиноятҳо ба ҷамъият ягон таъсири ҷиддӣ надошта, танҳо ба манфиати ҷабрдида дахл доранд» [53, с. 157]. «В. Зенкович бошад зикр намуда буд, ки айбдоркунандаи хусусӣ ба манфиати ҷамъияту давлат баромад намекунад» [120, с. 980-983].

Байни олимони соҳаи мурофиаи ҷиноятӣ оид ба фаҳмиши айбдоркунии хусусӣ ва хусусӣ-умумӣ ихтилофи назар дида мешаванд. Новобаста аз он ки тартиби баррасии парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ хусусиятҳои мурофиавии худро дорад, онҳо моҳиятан танҳо нисбат ба ибораи «айбдоркунии хусусӣ» норозигӣ доранд. «Масалан, чи хеле ки М. С. Строгович ишора мекард, айбдоркунии хусусӣ - як намуди таъқиби ҷиноятӣ буда, танҳо бо аризаи ҷабрдида парванда оғоз мешавад» [76, с. 101]. Инчунин ҳангоми оштӣ шудани айбдоркунандаи хусусӣ бо судшаванда парванда дар суд қатъ карда мешавад. Мо бо андешаи В. З. Лукашевич, розӣ шуда метавонем, ки айбдоркунии хусусӣ ҳадди ақал мубоҳисаҳои махсуси мурофиавӣ доранд ва ҳамчун парвандаи дараҷаи муайян танҳо бо аризаи ҷабрдида маҳдуд нагардида, он бояд аз ҷониби дигар шахсони ваколатдор низ оғоз карда шаванд [59, с. 29]. Зикр намудан ба маврид аст, ки мурофиаи судӣ ба таври мубоҳисавӣ ки баргузор мегардад, дар он суд бояд вазифаи «довар беғараз»- ро иҷро намуда, назорат барад. Ба далелҳо вобаста аз ақидаи ботинии худ ва бодарназардошти далелҳои расмӣ баҳо диҳад. Масалан м. 19 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ошкоро баргузор гардидани мурофиаи судӣ ва м. 20 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон тариқи мубоҳисавӣ ва баробарӣ сурат гирифтани мурофиаро дарбар мегирад.

Ба андешаи М. С. Строгович, парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ ва хусусӣ-умумӣ, ки аз рӯйи хусусиятҳояш ба якдигар хос аст онҳоро сарфи назар кардан мумкин нест [77, с. 24]. Мо низ чунин ақидаро ҷонибдорӣ менамоем, ки ин намуди айбдоркуниҳо аз айбдоркунии умумӣ фарқият доранд.

То он даме, ки айбдоркунии хусусӣ аз хусусӣ-умумӣ ва умумӣ ҷудо карда шудааст, айбдоркунии хусусӣ ба пешбурди суд барои оғоз ва баррасӣ вогузор карда мешавад. Зеро мурофиаи ҷиноятии Тоҷикистон мансуб ба типпи омехтаи он буда, мақоми суд ҳануз дар мурофиа хеле фаъол буда, дар қаламрави ҷумҳурӣ ҳуқуқи ҳимояи судии шахсро низ таъмин менамояд.

Чи тавре, М. С. Строгович ақида дошт, парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ ва хусусӣ-умумӣ баъзе хусусиятҳои мурофиавии хоси худро доранд, ки онҳоро сарфи назар кардан мумкин нест [81, с. 92]. Асосҳои объективии дар боло зикркардашуда барои ба категорияи махсуси парвандаҳо ҷудо кардани пешбурди парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ ва хусусӣ-умумӣ буда, доираи он, ҷиноятҳоеро муайян мекунанд, ки ба қ. 2 м. 24 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон зикргардида мансуб дониста мешаванд.

Аммо камбудии асосии ҳамаи ин таклифҳо ва муқоисаҳои таҳлили меъёрҳои қонунгузорӣ дар он аст, ки онҳо ба таври бояду шояд ҷамъбаст ва таҷрибаи амалияро асос нагирифта, барои таҳқиқоти амалӣ заминаи кофӣ надоранд.

Оид ба пешбурди парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ ва хусусӣ – умумӣ, чунин ақида дорем, ки онҳро ба категорияҳои васеъ ва ё маҳдуд тақсим намудан, тариқи суд ва ё таҳқиқу тафтиш гузаронидани пешбурд ин хулосаҳои ниҳоӣ нестанд.

Ҳамин тариқ, тибқи меъёри Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, пешбурди парвандаҳои ҷиноятии айбдоркунии

хусусӣ бо асос ва тартиби мурофиавӣ аз тартиби хусусӣ-умумӣ ва умумӣ фарқ мекунад:

- бо тартиби махсуси пешбурди парвандаи ҷиноятӣ;

- бо имконияти бевосита ба суд муроҷиат кардан барои ба ҷавобгарӣ кашидани шахс;

- мутобиқати ариза дар бораи ҷиноят ба талаботи м. 354 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- дар ҳолатҳои риоя накардани талаботи қ. 3 ва 4 м. 354 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул нагардидани ариза ба мурофиаи судӣ;

- бинобар оштии тарафҳо қатъ гардидани парванда дар суд;

- тартиби махсуси исбот дар ҷараёни мурофиаи судӣ (мусоидати судя дар ҷамъоварии далелҳо).

Доир ба айбдоркунии хусусӣ – умумӣ, ки дар меъёри КМҶ РСС Тоҷикистон ин гуна мафҳум вуҷуд надошт чунин пешбинӣ шуда буд: «Корҳои ҷиноятие, ки дар қ. 1 м. 121 ва 150 КҶ РСС Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд, фақат бо шикояти шахси ҷабрдида сар карда шуда, вале дар сурати бо айбдоршаванда оштӣ шудани ҷабрдида қатъ карда намешаванд. Мурофиаи ин корҳо бо тартиби айбдоркунии умумӣ гузаронида мешаванд».

«Баъди бо Указ Президиуми Совети Олии ИҶШС аз 24 январи соли 1985 [11], яке аз шакли фарқкунандаи пешбурди мурофиавии ҷиноятӣ «шакли протоколии пешбурди тосудӣ» ворид гардид, ки доираи ҷиноятҳои бехавф ва равшану бебаҳс буданд». Аввали ин шакли пешбури мурофиавӣ доираи 19 намуди ҷиноятҳо ба монанди майдаавбошӣ, саркашӣ намудани аз пардохти алимент ва ғ. дида мешуданд. Ба ин намуди пешбурди мурофиавӣ то соли 1992 боз 35 таркиби ҷиноят ворид гардид, ки дар м. 414 КМҶ ҶШФСР пешбинӣ шуда буд.

Муваффақияти ин намуди пешбурд дар саривқт кушодани ҳуқуқвайронкуниву пурра ва ҳаматарафа санҷидани ҳолати корро нишон медод.

Омоданамоии маводи тосудӣ дар шакли протоколӣ аз тарафи мақомоти таҳқиқ гузаронида мешуд. Шахсони ваколатдоргардида, метавонистанд дар давоми даҳ шабонарӯз баъди расидани хабару маълумот маълумот дар бораи шахсе, ки ҷиноятро содир намудааст, аз ӯ баёнот гирифта, дар бораи ӯ маводҳо ҷамъоварӣ намуда, дигар намуди амали тафтиширо, ки барои суд аҳаммият дошт, ҷамъоварӣ мекарданд. Дар мавридҳои зарурӣ ҷустуҷу ва дарёфт кардан, пурсиши шоҳидон, гузаронидани ташхис, озмоиши тафтишӣ, аз он ҷумла гузаронидани азназаргузаронии ҷойи ҳодиса низ ба роҳ монда мешуданд. Вале Н. А. Якубович ва Т. А. Михайлова, гузаронидани азназаргузаронии ҷойи ҳодисаро зарур намешумориданд [156, с. 46-48]. Новобаста аз он, ки парвандаи ҷиноятӣ оғоз гардидааст ё нагардидааст барои пурра ва холисона муайян ва кушода шудани ҷиноят ҳатман сараввал бояд азназаргузаронӣ гузаронида шавад. Зеро амали тафтишии таъхирнопазир новобаста аз он ки парвандаи ҷиноятӣ бояд оғоз мегардид ё не барои гузаронидани баъзе амалҳои тафтишӣ равост (м.м. 182 ва 323 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон). Оид ба ҳолати содиршуда протокол тартиб дода мешуд, ки он ҳуҷҷати ҷамъбастӣ ба шумор рафта, мавқеи фикри айбдоркуниро мегирифт. Ба протокол баёнотҳо, маълумотномаҳо, шахсоне, ки бояд ба суд ҳозир шаванд ва дигар ҳуҷҷатҳо ҷамоварӣ гардида, замима мешуданд. «Маводҳои ҷамъоваригардида сараввал аз тарафи сардори воҳиди таҳқиқ мавриди санҷиш қарор дода шуда, баъдан ба прокурор барои муайян намудани хавф ба ҷиноят ирсол карда мешуд. Ҳуҷҷатҳои пешниҳодгардидаро прокурор тасдиқ карда, онро дар асоси м.10 КМҶ ҶШФСР барои дида баромадан ба суди рафиқона ё ин ки ба коллективи меҳнатӣ бинобар ислоҳ ва тарбия шудан фиристода мешуд» [33].

Ҳангоми ҳуҷҷатҳоро ба прокурор равон кардан таҳқиқбаранда уҳдадор буд: дар ҳолати ҷамоварӣ шудану кофӣ донистани маводҳо, барои баррасӣ ба суд равон мекард; дар ҳалати муайян нагардидани тамоми аломатҳои таркиби ҷиноят, парвандаи ҷиноятиро оғоз намуда, ба тафтишот равон мекард; дар мавриди муайян нагардидани ҳолатҳои рухдода бо қарори худ парвандаро қатъ мекард; дар мавриди нокифоягии далелҳои айбдоркунанда зарурияти ба тафтиши иловагӣ баргардонидани парвандаи ҷиноятӣ ҷой дошт; барои саривақт риоя нагардидан ё гузаронидани муҳлати 10 рӯза, ки камбудиҳо бартараф карда нашудаанд, прокурор аз рӯйи ваколати худ метавонист парвандаи ҷиноятиро оғоз намояд ва барои гузаронидани тафтиш ё таҳқиқ супориш медод.

Ҳуҷҷатҳо агар кофӣ бошанд судя барои дида баромадани парванда «Қарор дар бораи оғоз намудани парванда ё ин ки рад кардан аз оғози парванда» бароварда мешуд. Ҳангоми оғоз намудани парванда баъзе чораҳои маҷбурӣ андешида мешуданд.

Судя тафтиши судиро бо эълони протоколи омодакардаи мақомоти таҳқиқ ва тасдиқнамудаи прокурор оғоз менамуд. Барои таҳқиқи далелҳо судя ба пурсиши судшаванда, ҷабрдида ва шоҳидон шурӯъ мекард. Баъди баромади прокурор, ҳимоятгар ва дигар иштирокчиёни мурофиа, судя ба хонаи машваратӣ барои қабули ҳукм мерафт. Муҳлати пешбурди мурофиаи судӣ аз рӯзи пешниҳод гардидани протокол чордаҳ шабонарӯзро дарбар мегирифт.

Яке аз айбдоркунии паҳнгашта дар мурофиаи ҷиноятӣ ин айбдоркунии умумӣ мебошад. Айбдоркунии умумӣ – чунин намуди айбдоркуние мебошад, ки дар он оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ, ҷамъоварии далелҳо ва ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан ба зиммаи мақомоти ваколатдори давлатӣ вобаста гардидааст. Яъне, айбдоркунии умумӣ шакли асосии таъқиби ҷиноятӣ буда, ба манфиати ҷамъият ва давлат, ки аз ҷиноят зарар дидаанд, равона карда шудааст [42, с. 128]. Аксарияти парвандаҳои ҷиноятӣ бо тартиби айбдоркунии умумӣ сурат

мегирад, ки таъқиби ҷиноятӣ нисбати онҳо аз ҷониби прокурор, муфаттиш, таҳқиқ амалӣ карда мешавад.

Пешбурди парвандаҳои ҷиноятии айбдоркунии умумӣ вобаста ба дараҷаи хавфнокиашон ба ҷамъият, ба манфиати ҷамъият ва давлат ба роҳ монда мешаванд. Ва аксарияти ҷиноятҳо ба шакли айбдоркунии умумӣ дохил мешаванд, ки таъқиби ҷиноятӣ нисбати онҳо аз ҷониби прокурор, муфаттиш, таҳқиқбаранда амалӣ карда мешавад. «Оғоз намудани пешбурди ин намуди айбдоркунӣ вобаста аз иродаи ҷабрдида сурат мегирад. Тафтиш ва баррасии судии чунин парвандаҳо тибқи қоидаҳои умумии мурофиаи ҷиноятӣ сурат мегиранд, ба истисноии м. 151 ва қ. 2 ва 3 м. 24 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда» [22, с. 17]. «Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки барои кушодани ҷиноят тафтиши пешакӣ зарур аст, инчунин бидуни кушодани ҷиноят ҳимояи ҳуқуқи ҷабрдида имконнопазир аст... дар ин раванд фаъолияти мақомоти давлатӣ ва шахсони ваколатдор таъқиби ҷиноятиро ба амал мебароранд, аз ҷумла прокурор низ» [56, с. 237]. Аммо барои ба даст овардани далелҳои айбдоркунанда, сафедкунанда, расидан ба ҳадаф ва вазифаҳои мурофиаи ҷиноятӣ бояд аз м. 72, боби 19 ва боби 28 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, пешбурди парвандаро ба роҳ монд.

«Айбдоркунии умумӣ - яке аз шакли таъқиби мурофиаи ҷиноятӣ фаҳмида шуда, шахсони мансабдори мақомоти давлатӣ вазифадоранд онро анҷом диҳанд» [39, с. 173] «амалҳои мурофиавии ҷиноятӣ аз ҷониби шахсони ваколатдоргардида новобаста аз ихтиёрӣ ва ё тасмими шахсони манфиатдор гузаронида мешаванд» [50, с. 79].

Моҳияти айбдоркунии умумӣ дар фаъолияти мақомоти таъқиби ҷиноятӣ маънои онро дорад, ки новобаста аз ирода, хоҳиш, ба истисноии тартибе, ки дар қонунгузорӣ ба танзим даровардa шудаанд, ба роҳ монда мешавад.

Доир ба айбдоркунии умумӣ давлат манфиатдор аст, ки таъқиби ҷиноятиро анҷом диҳад, зеро нисбати парвандаҳое, ки ба айбдоркунии умумӣ дахл доранд (м. 161 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон) ҷиноятҳое ба ҳисоб мераванд, ки ба ҷамъият хавфу хатар доранд. Аз ин рӯй, таъқиби ҷиноятӣ оид ба парвандаҳои айбдоркунии умумӣ аз номи давлат сурат мегирад. Ба роҳ мондани таъқиби ҷиноятӣ тибқи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ аз тарафи шахсони ваколатдори мансабӣ анҷом дода мешавад.

Бо ҳамин хулоса агар ба мазмуни «айбдоркунии умумӣ» назар намоем, маълум мешавад, ки айбдоркунии умумӣ бо пешбурди амали тафтишӣ сурат гирифта, ҷинояти содиршуда бештар ба манфиати давлат ё аҳли ҷомеа хавфу хатар эҷод кардааст. Хавфи таҷовуз на танҳо ба манфиати фарди алоҳида, балки ба манфиати ҷамъият ва давлат равона шудааст.

Моҳияти шаклҳои айбдоркунӣ ва таъқиби ҷиноят аз рӯйи мазмун монанд буда, дар байни олимон-ҳуқуқшиносон оид ба ин масъала фикру ақидаи ягона вуҷуд надорад.

Баъзе муҳаққиқон дар он назаранд, ки механизми айбдоркунӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ ин таъқиби ҷиноятӣ мебошад.

Функсияи мурофиавии ҷиноятӣ – тайинот ва самти фаъолияти иштирокчии мурофиаро, ки қонун муқаррар кардааст, вобаста ба салоҳият, вазифа ва мақсад ки дар таъқиби ҷиноят иштирок мекунад, дониста мешавад.

Аз рӯйи талаботи меъёри м.6 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ухдадории исботи айби шахс ба зиммаи тарафи айбдоркунандаи мурофиаи судии ҷиноятӣ ба монанди: мақомоти амаликунандаи таъқиби ҷиноятӣ, яъне прокурор, муфаттиш, таҳқиқбаранда ва роҳбарони онҳо, ҷабрдида, айбдоркунандаи хусусӣ, даъвогари гражданӣ бо мақсади саривақт ошкор кардани шахси ҷиноятсодирнамуда вогузор карда шудааст. Саволе ба миён меояд, ки бо

кадом асосҳо таҳқиқбаранда, муфаттиш, сардори воҳиди таҳқиқ ва сардори воҳиди тафтиши пешакӣ, ки тибқи қонун салоҳияти таъқиби ҷиноятӣ, аз ҷумла исботи айб ва айбдоркуниро доранд дар м. 6 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба сифати тарафи айбдоркунанда номбар нашудаанд. Ба андешаи мо, иштирокчиёни номбаршуда, бинобар ваколатҳои мурофиавӣ бояд тарафи айбдоркунанда эътироф гарданд. Чунки таъқиби ҷиноятӣ, ки ҳамчун фаъолияти айбдоркунӣ мазмуни тамоми вазифаи айбдоркунии мақомоти номбаршуда ва шахсони мансабдори онро ифода мекунад ва аз ин сабаб онҳо наметавонад ҳамчун тарафи алоҳида ё бо зерфунксия баромад намояд.

«Олими рус Ф. Н. Фаткуллин чунин мешуморид, ки айбдоркунӣ дар муқоиса бо таъқиби ҷиноятӣ мазмуни маҳдуд дорад, яъне «ошкор кардани шахси ба сифати айбдоршаванда ҷалбшуда ва асоснок кардани ҷавобгарии ҷиноятии ӯ» [92, с. 31].

Ба андешаи мо, низ таъқиби ҷиноятӣ ва айбдоркунӣ мафҳуми баробар нестанд ва дар байни онҳо аломати баробар гузоштан ғайриимкон аст. Таъқиби ҷиноятӣ ин фаъолияти мурофиавии шахсони мансабдор ва хусусӣ мебошад, ки аз лаҳзаи пайдо шудани гумонбаршуда ё айбдоршаванда дар парвандаи ҷиноятӣ то қабули қарори ниҳоӣ ва гунаҳгорӣ ё бегуноҳии шахси мазкур амалӣ мешавад. Инчунин бо назардошти қ. 1 м. 26 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таъқиби ҷиноятиро шахсони ваколатдори мансабӣ вазифадоранд, ки дар доираи салоҳияти худ парвандаи ҷиноятиро оғоз намоянд. Дар сурати ошкор ва муқаррар намудани ҳолати рухдода, тамоми чораҳои пешбининамудаи қонуниро андешида, дар сурати ҷамъоварӣ шудани далелҳои кофӣ парвандаро барои баррасӣ ба суд супоранд. Зеро аз рӯйи м. 6 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, худ таъқиботи ҷиноятӣ – ин фаъолиятест, ки аз тарафи, прокурор, муфаттиш, мақомоти таҳқиқ бо мақсади фош кардани

гумонбаршаванда, айбдоршаванда дар содир намудани ҷиноят, ба амал баровварда мешавад. Ҳамчун функсияи мурофиавӣ-ҷиноятӣ дорои мазмуни васеъ мебошад. «М. С. Строгович таъқиби ҷиноятиро ҳатто бо баровардан ва ба қувваи қонунӣ даромадани ҳукми суд маҳдуд накарда буд [78, с. 196]. Фарҳанги ҳуқуқӣ таъқиби ҷиноятиро нисбати гумонбаршаванда дар содир намудани ҷиноят чун гумонбарӣ ва таъқиботи ҷиноятии айбдоршавандаро айбдоркунӣ, муайян менамояд» [90, с. 458]. Бояд тазаккур дод, ки мақомоти таҳқиқ ва тафтишот, яъне субъектони он таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор уҳдадор ҳастанд, ки ҳама гуна аризаву хабар ва маълумотро оид ба содир гардидани ҷиноят аз он ҷумла ариза оид ба айбдоркунии хусусиро ба қайд гирифта, мавриди санҷиш қарор диҳанд ва маводҳоро ҷамъ намуда, барои баррасӣ ба суд пешниҳад намоянд.

«Андешаи Р. Р. Раҳмадҷонзода дар он аст, ки таъқиби ҷиноятӣ ин амали мурофиавист, ки дар раванди он шахсони ваколатдори мансабӣ парвандаи ҷиноятиро оғоз мекунанд, амали тафтишӣ мегузаронанд, прокурор фикри айбдоркуниро тасдиқ намуда, парвандаро барои баррасӣ ба суд пешниҳод менамояд» [192, с. 22-23]. Ҷонибдори андешаи муаллиф ҳастем ва бо мақсади саривақт қабул ва баргузор намудани айбдоркунӣ ва таъқиби ҷиноятӣ барои барои шахсони ваколатдори мансабӣ ин уҳдадории мурофиавӣ буда, хусусияти расмӣ-давлатиро дошта, бояд зикр намуд, ки тартиб ва механизми амалӣ гардидани таъқиби ҷиноятӣ аз айбдоркунӣ фарқ менамояд. Қисми 2 м. 24 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, иштироки прокурорро ҳамчун айбдоркунандаи давлатӣ пешбинӣ накарда, айбдоркуниро ба уҳдаи айбдоркунандаи хусусӣ вогузор кардааст, ки айбдоркунандаи хусусӣ худ пешбарандаи қисми таъқиби ҷиноятӣ мебошад. «С. В. Горлова низ ба чунин хулоса омада, пешбурди парвандаҳои айбдоркунии хусусиро чун ҷузъи таъқиби ҷиноятӣ шуморидааст» [163, с. 150-151]. «Масалан, Р. Р. Раҳмадҷонзода дар пажуҳишҳои илмии худ зикр менамояд, бо қабули Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии

Тоҷикистони соҳибистиқлол дар соли 2009, такмили тағйир додани падидаи нави таъқиботи ҷиноятӣ, барои рад кардан ва қатъ намудани таъқиби ҷиноятӣ аз рӯйи парвандаи ҷиноятии айбдоркунии хусусӣ, хусусӣ-умумӣ ба миён омадааст» [103, с. 11]. «Таъқиби ҷиноятиро аз рӯйи шаклу намудҳо тафриқанамоӣ намуда, пешниҳод менамояд, ки ҷанбаҳои муҳимтарини намудҳо айбдоркунӣ мушаххас карда шуда, айбдоркунии умумиро шакли асосии айбдоркунӣ дониста, айбдоркунии хусусиро - «айбдоркунии иловагӣ» номида шавад» [179, с. 21].

Ҳамин тавр, ба хулоса омадан мумкин аст, ки моҳияти «хусусӣ» ва «умумӣ» дар соҳаҳои илми ҳуқуқ гуногун фаҳмида мешаванд, аз он ҷумла тибқи қоидаҳои мурофиаи ҷиноятӣ мансуб ба айбдоркунии «хусусӣ» ва айбдоркунии «умумӣ» низ. Яъне айбдоркунии хусусӣ - аз ҷониби шахсе, ки аз ҷиноят зарар дидааст ва ё тариқи намояндаи қонунӣ мустақилона мурочиат намудан ба суд буда, бо баробари оштӣ шудани айбдоркунандаи хусусӣ бо судшаванда, пешбурди парвандаи ҷиноятӣ қатъ карда мешавад. Айбдоркунии умумӣ (оммавӣ) – бевосита уҳдадории шахсони ваколатдори мақомот аст, ки баҳри ҳимояи манфиатҳои ҷамъият ва давлат ба амал баровардa мешавад. Айбдоркунии «хусусӣ-умумӣ» ҳамчун шарти ҳатмии таъқиби ҷиноятӣ танҳо бо хоҳиши ҷабрдида ё намояндаи қонунии ӯ оғоз мегардад, ки амалишавии он аз шахси зарардида вобаста аст.

«Олими рус В. П. Божев, айдоркуниро дар мурофиаи ҷиноятӣ ҳамчун шаклҳои мурофиавӣ ба ду намуд чудо карда буд: 1) айбдоркунии хусусӣ, ки аз тарафи шахсе, ки аз ҷиноят зарари начандон вазнин нисбаташ расонида шудааст, амалӣ карда мешавад; 2) умумӣ (оммавӣ) ин аз тарафи шахсони ваколатдори мақомот ба манфиатҳои пешбурди парванда ба манфиатҳои ҷамъиятӣ ва давлатӣ амал менамоянд, фаҳмида мешаванд» [42, с. 238].

Таҳқиқоти таснифи айбдоркунии хусусӣ ва хусусӣ-умумӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ нишон доданд, ки чунин хулоса намоем:

1. Парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ ва хусусӣ-умумӣ намудҳои таъқиботи ҷиноятӣ буда, танҳо дар асоси аризаи шахсони зарардида ва ё намояндаи қонунии онҳо оғоз карда шуда, бинобар оштӣ шудани тарафҳо қатъ карда мешаванд. Шабоҳат доштани пешбурди парвандаи ҷиноятии айбдоркунии хусусӣ ва хусусӣ-умумӣ ки танҳо бо хоҳиши ҷабрдида ё намояндаи қонунии ӯ оғоз гардида, амалишавии он аз шахси зарардида вобаста аст, асос медиҳад, ки ибораи айбдоркунии хусусӣ-умумиро аз меъёри м. 24 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ихтисор намуда, қисме аз теъдоди ҷиноятҳои вобаста ба онро ба айбдоркунии хусусӣ, қисми дигарро ба айбдоркунии оммавӣ ворид намудан ба маврид аст.

2. Айбдоркунии хусусӣ яке аз намудҳои айбдоркунӣ нисбат ба кирдори шахсе, ки ба муқобили манфиати ашхоси алоҳида таҷовуз мекунанд, равона карда шуда, бо иродаи озоди шахси аз чунин ҷиноят зарардида шурӯъ гашта, минбаъд маҳз дар суд муҳокима шуда, бо баробари оштии тарафҳо пешбурди парвандаи ҷиноятӣ қатъ карда мешавад. Бинобар ин қисми ҷиноятҳое, ки дар қ. 3 м. 24 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода шудаанд, ба ҷиноятҳои айбдоркунии оммавӣ мансуб дониста шаванд.

3. Асоснок мешавад, ки зиёну зарар дидани манфиати хусусӣ ё оммавӣ, ҳимояи он барқарор намудани адолат – чун ангезаи айбдоркунӣ баромад мекунад. Дар қиболи муқаррароти м.24 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз рӯйи ном се намуди айбдоркунӣ – айбдоркунии хусусӣ, хусусӣ-умумӣ ва умумӣ пешбинӣ шуда, бо ваҷҳи асоснок ду намуди онро ҷудо ва бо номи дигар пешниҳод менамоем: айбдоркунии хусусӣ ва айбдоркунии оммавӣ. Бар асоси чунин таснифот маҳакҳои зерин гузошта шудааст: а) манфиати ашхоси алоҳида ё оммаи мардум (адолат); б) иродаи озоди ҷабрдида ва ё салоҳдиди масъулини ҳифзи манфиатҳои оммавӣ; в) хусусият ва дараҷаи хавфнокии кирдор, ки ба манфиати шахс ва ё ҷамъияту давлат таҷовуз мекунад; г) таъмин намудани адолати иҷтимоӣ; ғ) ҳолатҳои содир намудани ҷиноят.

4. Айбдоркунии оммавӣ - ин шакли дигари амалӣ намудани таъқиботи мурофиаи ҷиноятӣ буда, шахсони мансабдори мақомоти давлатӣ ё ваколатдоргардида вазифадоранд новобаста аз ихтиёр ва ё тасмимоти ҷабрдида онро оғоз намуда, пеш баранд.

5. Тибқи муқаррароти м. 24 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз рӯйи ном се намуди айбдоркунӣ – айбдоркунии хусусӣ, хусусӣ-умумӣ ва умумиро пешбинӣ намудааст, онро ба ду намуди айбдоркунӣ ҷудо ва бо номи дигар «айбдоркунии хусусӣ ва айбдоркунии оммавӣ» пешниҳод намудан, мувофиқи мақсад дониста мешавад.

6. Сиёсати ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва мурофиавӣ-ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба роҳбарӣ гирифта, дар асоси авлавияти манфиатҳои шахс, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ дар ҷомеа таклиф менамоем, ки доираи ҷиноятҳои айбдоркунии хусусӣ аз ҳисоби ҷиноятҳое, ки дар моддаҳои қ. 1 м. 113, м. 114, м. 170, қ. 1 м. 246, қ. 1 м. 298 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон васеъ карда шаванд.

# БОБИ 3. МАСОИЛИ МУБРАМИ ПЕШБУРДИ АЙБДОРКУНИИ ХУСУСӢ

## 3.1. Хусусиятҳои пешбурди тосудии парвандаҳои ҷиноятии айбдоркунии хусусӣ: мушкилот ва роҳҳои ҳалли онҳо

Пешбурди тосудии парвандаҳои ҷиноятӣ марҳилаҳои оғози парвандаи ҷиноятӣ, тафтиши пешакиро дарбар гирифтааст, ки бидуни риояи пайдарҳамии марҳилаҳои номбаршуда пешбурди парвандаи ҷиноятӣ ғайриимкон аст.

Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, асосҳои воқеӣ ва ҳуқуқии амалӣ гаштани онҳоро дақиқ кардааст. Сабаб ва асосҳои оғози парвандаи ҷиноятӣ - он ҳолатҳое мебошанд, ки дар қонунгузорӣ пешбинӣ гардида аз ибтидои пешбурди парвандаи ҷиноятӣ дарак медиҳанд. Тартиби мурофиавии пешбурди парвандаҳои ҷиноятии айбдоркунии хусусӣ, хусусӣ-умумӣ ва умумӣ дар м. 24 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, нишон дода шудааст, ки пешбурди он ба таҳқиқбаранда, прокурор ва суд вобаста гардидааст.

«Дар шакли умумӣ тартиби оғоз кардани парвандаи ҷиноятӣ аз се зина иборат аст: 1) қабули қарор; 2) ба прокурор равон кардани нусхаи қарор ва ба аризадиҳанда ва гумонбаршуда хабар додан оид ба қарори қабулшуда; 3) аз ҷониби прокурор санҷидани қонунӣ ва асоснок будани оғози парвандаи ҷиноятӣ» [67, с. 249].

Мутобиқи талаботи қ. 2 м. 24 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, парвандаҳо оид ба ҷиноятҳои дар м.м.112, 116, қ. 1 ва қ. 2 м. 156 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷиноятҳои ба категорияи начандон вазнин дохил шуда, ба намуди айбдоркунии хусусӣ эътироф мегарданд, ки шахси аз ҷиноят зарардида бо пешниҳоди ариза ба суд муроҷиат менамоянд ва айбдориро дар суд дастгирӣ мекунад. Бинобар дар меъёрҳои дахлдори Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ нашудани сабаб ва асосҳои оғози

парвандаҳои ҷиноятии айбдоркунии хусусӣ онҳо ҳам таҳлили назариявиро талаб мекунанд. Ба андешаи мо, сababи оғози парвандаи ҷиноятии айбдоркунии хусусӣ ба сарчашмаи маълумот ишора мекунад, ки ин аризаи ҷабрдида (айбдоркунандаи хусусӣ) ва намояндаи қонунии ӯ мебошад. Дар қиёс м. 140 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди оғози парвандаҳои ҷиноятии айбдоркунии умумӣ ариза ва иттилоотро дар бораи ҷиноят ба сифати сабабҳои оғози парвандаи ҷиноятӣ муайян кардааст.

Тибқи талаботи м. 354 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, пешбурди парвандаи айбдоркунии хусусӣ бо роҳи ба суд додани ариза дар бораи ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс оғоз карда мешавад. Муқаррароти мазкур дар байни муҳаққиқони самти мазкур нофаҳмиеро ба миён овардааст, ки магар танҳо бо маҳдуд гардидани як аризаи айбдоркунандаи хусусӣ аз рӯйи талаботи моддаи пешбинигардида барои навиштани ариза ва истинодҳои пешбининамудаву мустақилона ҷамъоварӣ намудаи айбдоркунандаи хусусӣ, боиси оғоз парвандаи ҷиноятӣ гардидан мегардад. Бо ин мақсад бояд ба м. 35 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйиру иловаҳо ворид намуд, ки ба салоҳияти суд оғоз намудани парвандаи айбдоркунии хусусӣ ва ба тавсиб расонидани қарор дар бораи оғоз намудани парвандаи айбдоркунии хусусӣ пешбинӣ карда шуда бошад.

Дар ҳолати дигар, шахси аз ҷиноят зарардида қабл аз пешниҳоди ариза ба суд, ба ҷамъоварии мавод оид ба ҳолатҳои ҳодисаи рухдода, кирдори содиршуда ва шахсияти нафари содиркардаи кирдор машғул мешавад, ки аз ҷониби ӯ оғоз шудани пешбурди таъқиби ҷиноятиро бо айбдоркунии хусусӣ то оғози расмии пешбурди парвандаи айбдоркунии хусусӣ, яъне то пешниҳоди ариза ба суд нишон медиҳад. Аз ин таҳлил ба хулоса омадан мумкин аст, ки мантиқан ва тибқи м. 7 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳалли масъалаи оғози пешбурди (аниқтараш баррасии, чунки тафтишот баргузор намешавад)

парвандаи ҷиноятӣ бо айбдоркунии хусусӣ бояд мақомоти салоҳияти ҳокимияти (расмӣ) судӣ суд бошад, на хоҳиш ё ташаббуси шахси алоҳида.

Ғайр аз ин, тибқи муқаррароти қ. 4 м. 24 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, прокурор ҳам салоҳияти, новобаста аз мавқеи ҷабрдида, таъқиби ҷиноятиро оид ба айбдоркунии хусусӣ дорад. Дар чунин мавридҳо сабаби оғоз шудани парвандаи айбдоркунии хусусӣ аз ҷониби прокурор, иттилооти дигар баромад мекунад, лекин меъёрҳои дахлдори қонун (м.м. 147, 353 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон) нишон надодааст, ки прокурор дар ин бора қарор қабул кунад ё бо ташаббуси худ баҳри ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои шахси зарардида ба суд ариза ва маводҳои тасдиқкунандаро пешниҳод намояд.

Ба андешаи мо, дар ин ҳолат прокурор бояд тибқи м. 147 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди оғози парвандаи ҷиноятӣ қарор қабул намуда, онро барои пешбурди таҳқиқ мувофиқан ба мақомоти таҳқиқ ирсол намояд, ки имконияти бештари ҷамъоварии далелҳоро доранд. Аз ҷониби дигар, агар шахси зарардида оид ба ҳамин парвандаи айбдоркунии хусусӣ бо сабаби вазъи оҷизонаи худ, вобастагӣ аз шахси ҷиноят содиркарда ё хешовандони ӯ ва ё дигар сабабҳо ба ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии худ қодир набошад, пас на танҳо ба мустақилона муроҷиат кардан ба мақомоти судӣ, инчунин ба мустақилона ҷамъ овардани далелҳо ҳам имконият надорад.

Қобили зикр аст, ки дар ҳама ҳолат, аз ҷумла дар сурати аз ҷониби шахси зарардида пешниҳод шудани аризаи айбдоркунии хусусӣ, сарчашмаи маълумот (сабаб, ариза) бояд ба воқеияти ҷой доштани аломати таркиби ҷиноят дар кирдори шахс ишора намояд, ки бо маводҳои пешниҳодшуда асоснок мегардад. Лекин, асоси оғози парвандаи айбдоркунии хусусиро судя бояд баъди санҷиши ариза ва баҳодиҳӣ ба маводҳои пешниҳодшуда муайян намояд. Судя бояд воқеан ҷой доштани аломати таркиби ҷиноятро (асосро) дақиқ намояд, на ин ки аризадиҳанда аз рӯйи фаҳмиш ва нигоҳи фардӣ кирдори содиршударо

дар ариза ҳамчун ҷиноят бе санҷиши расмии мазмуни он муаррифӣ кунад. Ҳарчанд, ҳар шахс ҳуқуқи бо ариза муроҷиат карданро ба суд бо айбдоркунии хусусӣ дошта бошад ҳам, лекин муайян кардани воқеан ҷой доштани аломати таркиби ҷиноят дар ҳодисаи рухдода, бояд салоҳияти истисноии мақомоти ваколатдори давлатӣ (дар ин маврид суд) бошад. Чунки суд тамоми масъалаҳои баррасишавандаро (аз ҷумла арзаи шахсро) мустақилона ва новобаста аз хоҳиш ва иродаи иштирокчиёни мурофиа, бе ҷонибдорӣ кардани манфиати онҳо, беғаразона ва холисона бояд аз номи мақомоти ҳокимияти давлатӣ ҳал намояд.

Доир ба ин масъала, О. Т. Тоҳирзода, чунин ибрози ақида дорад, ки бо дарназардошти ба тавсиб расидани (Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон 2009 с.) тартиб ва шакли оғоз намудани парвандаи ҷиноятии категорияи мазкур каме тағйир ёфтааст, аммо моҳияти он чун пештара боқӣ мондааст – масъалаи оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ ва саршавии мурофиавии судӣ аз иқдоми худи субъекти ваколатдор, яъне судя вобастагӣ дорад [148, с. 81-82]. Муаллиф дар шароити имрӯза истифодаи шакли протоколиро самаранок дониста, бо мақсади озод намудани ҷабрдида аз функсияҳои ба ӯ бегона пешниҳод менамояд, ки шакли протоколӣ, марҳилаи то судиро дарбар гирад. «Ба андешаҳои муаллиф ба аризадиҳанда имкон додани интихоби механизми ҳуқуқии ҳимояи манфиатҳои худ – тавассути муроҷиати бевоситаи ӯ ба суд ё ба мақомоти таҳқиқ мувофиқи мақсад аст». «Л. А. Александрова низ қайд кардааст, ки бидуни мусоидати давлат пешбурди парвандаи айбдоркунии хусусӣ ғайриимкон аст» [36, с. 43].

Ба андешаи мо, асоси оғози парвандаи ҷиноятии айбдоркунии хусусиро бояд маълумоти воқеӣ ташкил диҳад, ки воқеияти ҷой доштани аломати ҷиноятро дар ҳодисаи рухдода тасдиқ мекунад. Дар ҳақиқат ҷой доштани таркиби ҷиноят ва ба салоҳияти суд вобаста будани оғоз намудани парвандаи айбдоркунии хусусиро суд бояд маълумот ва ё аризаро мавриди санҷиш қарор дода муайян намояд, ки эҳтимолият,

таваккалӣ, беасос айбдор намудан ва ягон шубҳае набояд ҷой дошта бошанд. Бинобар ин, бе санҷиши маълумот (ариза), шитобкорона тасдиқ кардани (эътирофи) ҷой доштани аломати таркиби ҷиноят дар ҳодисаи рухдода, хулосаи бармаҳал, пешакӣ ва мумкин ғалат бошад, ки мухолифи принсипи ҳамаҷониба, пурра ва холисонаи муайян кардани ҳолатҳои содир шудани ҷиноят мебошад.

Дар муқоиса, ба мақомоти ваколатдори таъқиби ҷиноятӣ қонун имконият додааст (м.м. 40-41, 145 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон), ки пеш аз қабули қарор дар бораи оғози парвандаи ҷиноятӣ бо айбдоркунии умумӣ, ариза ё маълумоти дигарро дар бораи ҷиноят мавриди санҷиш қарор диҳанд, ба истиснои ҳолатҳое, ки агар аломати ҷиноят баръало аён бошанд. Бинобар ин, дар м. 354 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррарот оид ба пайдарҳамии амалҳои судя дақиқ гардад, ки судя пеш аз қабули қарор (дар бораи ба пешбурди суд қабул кардани аризаи айбдоркунии хусусӣ) вазифадор аст, аризаи айбдоркунии хусусӣ ва маводҳои пешниҳодшударо мавриди санҷиш қарор диҳад. Муҳлати санҷиши ариза бояд на кам аз 3 шабонарӯз дар доираи муҳлати пешбиникардаи қ. 2 м. 356 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шавад, ки мутобиқати татбиқи меъёрҳо таъмин гардад.

Агар дар натиҷаи санҷиши ариза воқеан ҷой доштани аломати таркиби ҷиноят тасдиқ ёбад, (онро асос дониста) судя бояд дар доираи салоҳияти худ дар бораи ба пешбурди суд қабул кардани аризаи айбдоркунии хусусӣ қарор қабул намояд. Лекин, чунин тартибро барои суд, ки аз қоидаҳои умумии мурофиавии ҷиноятӣ (аз ҷумла, аз принсипҳо) бармеоянд, муқаррароти қ. 5 м. 354 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дақиқ пешбинӣ накардааст. Чунин хулосабарорӣ ба манбаи меъёрӣ низ дорад, зеро, ки муқаррароти қ. 4 м. 355 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин кардани маҷлиси суд ва судшаванда эътироф кардани шахси ҷиноят содиркардаро бо мавҷудияти «асосҳо» имконпазир пешбинӣ кардааст.

Дар қиёси он, оид ба пешбурди парвандаҳои айбдоркунии умумӣ қ. 2 м. 47 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ кардааст, ки пас аз таъин кардани парванда ба маҷлиси суд мақоми мурофиавии судшаванда муайян мешавад.

Мантиқан, қабул шудани қарори номбаршуда, на танҳо ба пешбурди судии парвандаи ҷиноятии айбдоркунии хусусӣ оғоз мебахшад, балки аз ҳамин лаҳза иштирокчиёни парванда мақоми мурофиавии ҷиноятӣ гирифта, аризадиҳанда айбдоркунандаи хусусӣ, эътироф карда мешаванд.

Бинобар ин пешниҳод мекунем, ки дар доираи дурнамо ё барномаҳои рушди қонунгузории миллии мурофиавии ҷиноятӣ қ. 1, қ. 5 м. 354 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мазмуни зерин такмил дода шавад:

«Сабаби оғози парвандаи айбдоркунии хусусӣ ин ариза дар бораи ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс буда, он аз тарафи зарардида ё намояндаи ӯ пешниҳод карда мешавад.

Асоси оғози парвандаи ҷиноятӣ бо айбдоркунии хусусӣ мавҷудияти маълумоти кофие мебошад, ки воқеан ҷой доштани аломатҳои таркиби ҷиноятҳои дар қ. 2 ва 3 м. 24 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишударо нишон медиҳанд».

«қ. 5 судя аз лаҳзаи ворид гардидани ариза ба суд вазифадор аст, дар давоми 3 шабонарӯз аризаи айбдоркунии хусусӣ ва кофӣ будани маводҳои пешниҳодшударо мавриди санҷиш ва баҳодиҳӣ қарор диҳад. Дар сурати тасдиқ ёфтани воқеияти ҷой доштани аломати таркиби ҷиноят судя қарор дар бораи ба пешбурди суд қабул кардани аризаи айбдоркунии хусусӣ қабул менамояд, ки аз ҳамин лаҳза шахси ариза пешниҳодкарда, айбдоркунандаи хусусӣ ҳисобида шуда, ба ӯ бояд ҳуқуқҳои бо м. 43 кодекси мазкур пешбинишуда фаҳмонида шаванд».

Айбдоркунандаи хусусӣ аз тамоми ҳуқуқҳо ва ухдадориҳои ҷабрдида, инчунин аз хуқуқҳои дар қ. 1 ва 2 м. 42 Кодекси мурофиавии

ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда, ба истисноӣ ҳуқуқҳои вобаста ба марҳилаи пешбурди то судии парвандаи ҷиноятӣ истифода мебарад [70, с. 145]. Қонунгузор ба шахси зарардида имконияти васеъ додааст, то ки аз лаҳзаи ба суд ворид гардидани ариза барои шахс, айбдоркунандаи хусусӣ ҳисобида шуда, мавқеи ҷабрдидаро ишғол менамояд.

Таҳлили амалияи судӣ нишон медиҳанд, ки пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ оид ба айбдоркунии хусусӣ дар судҳои ш. Хуҷанд ва н. Бобоҷон Ғафуров ва вобаста ба дигар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд, аз соли 2013 то шашмоҳои соли 2022 аз ҷониби судҳо ба миқдори кам оғоз гардида, тақрибан 1% дар ҳисоби солона дарбар гирифта, дигар солҳо тамоман ба қайд гирифта нашудааст. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки бештари айбдоркунандагони хусусӣ ба мақомоти милитсия ва прокуратура муроҷиат менамоянд. Ба мақомоти судӣ теъдоди ками шахсон бо ариза оид ба айбдоркунии хусусӣ муроҷиат намуда, фоизи пасти баррасии парвандаҳоро дар суд нишон медиҳанд [217]. «Ақидаи З. Ҳ. Искандаров низ чунин аст, ки оғоз шудани парвандаи ҷиноятии айбдоркунии хусусӣ ва таъқиби ҷиноятӣ аз иродаи ҷабрдида вобаста буда, аз ташаббус ва истифодаи мустақилонаи имконияти мурофиавии ӯ дарак медиҳад. Азбаски ба мақомоти милитсия нисбатан ба мақомоти дигар шаҳрвандон бештар муроҷиат мекунанд, дар сурати содир шудани ҳодисаи лату куб ё расонидани зарари ҷисмонӣ онҳо таъҷилан ба ҷойи ҳодиса ҳозир шуда, бо вайронкунандаи қонун ва шахси зарардида суҳбат гузаронида, онҳоро ором намуда, аз онҳо ва дигарон баёнот гирифта, ҳолатҳои содиршавии ҷиноятро ба қайд мегиранд. Таваҷҷуҳи олим ба он равона карда мешавад, ки ду таркиби парвандаҳои ҷиноятии таъқиботи хусусӣ м.м. 112 ва 116 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба парвандаҳои таъқиботи оммавӣ шабоҳат дорад, ба мисоли «авбошӣ» ва ё бо қарори оғози парвандаи ҷиноятӣ рад карда мешавад. Дар ҳар ду маврид дағалона вайрон намудани қонунгузории мурофиаи ҷиноятӣ ба назар мерасад.

Дар мавриди м.м. 112 ва 116 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун авбошӣ банду баст намудан, на танҳо ба таври ҷиддӣ вайрон намудани қонуни мурофиавии ҷиноятӣ буда, балки нишонаҳои баъзе аз ҷиноятҳои мансабӣ ва муқобили адолати судиро доштанаш аз эҳтимол дур нест» [122, с. 82].

Таҳлили таҷрибаи омории суди вилояти Суғд барои солҳои 2018 - 2022 ва нимаи аввали соли 2022 аз тарафи судҳои шаҳриву ноҳияҳои вилояти Суғд пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ оид ба айбдоркунии хусусӣ чунин маълумотҳои омориро нишон доданд:

**Нишондиҳандаҳои оморӣ-таҳлилии судӣ дар миқёси волояти Суғд аз соли 2018 ва 6 моҳаи соли 2022**

| Сол | Баррасӣ намудани парвандаи ҷиноятии айбдоркунии хусусӣ | Қатъ гардидани парвандаи ҷиноятии айбдоркунии хусусӣ | Баровардани ҳукми айбдоркунанда оид ба парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ |
|---|---|---|---|
| 2018 | 13 | 3 | 10 |
| 2019 | 2 | 0 | 2 |
| 2020 | 7 | 0 | 7 |
| 2021 | 3 | 0 | 3 |
| 6 моҳаи аввали соли 2022 | 8 | 0 | 8 |

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки пешбурд ва баррасии парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ саривақт дар муҳлати муайянгардидаи қонуни мурофиавӣ баргузор намешаванд ё бинобар надоштани донишҳои ҳуқуқиву риоя карда натавонистани талаботи меъёри Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ, ҳангоми пешниҳод намудани аризаи айбдоркунии хусусӣ, қабул карда намешаванд. О. Т. Тоҳирзода низ ба ин масъала ибрози ақида менамояд, ки бо баҳонаҳои гуногун аз тарафи судя ариза

саривақт қабул карда намешавад, ки тартиби «содда»-и ҳимояи судиро коста мегардонад [148, с. 80].

Масалан, шаҳрванд О.Ф. моҳи октябри соли 2018 ба ШВКД ҶТ дар ш. Хуҷанд бо ариза муроҷиат мекунад, лекин бинобар дар кирдори Н.Р. ҷой доштани аломати таркиби ҷинояти дар м. 112 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дар бораи рад намудан аз оғози парвандаи ҷиноятӣ бароварда мешавад. Лекин ба аризадиҳанда фаҳмонида намешавад, ки ӯ бояд бо ариза ба суд муроҷиат кунад. Ё тибқи м. 145 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бевосита бо қарори аз рӯйи тобеият маводҳоро ба суд ирсол намоянд. Бинобар ин шаҳрванд О.Ф., баъд аз 8 моҳ аз нав санаи 13 июни соли 2019, бо аризаи айбдоркунии хусусӣ ба суди ш. Хуҷанд муроҷиат мекунад. Судяи суди ш. Хуҷанд санаи 27 июни соли 2019 қарор дар бораи ба пешбурди худ қабул кардани парвандаи айбдоркунии хусусӣ бароварда, санаи 11 сентябри соли 2019 бо қарори суди ш.Хуҷанд бинобар бо сабаби пушаймонии судшаванда Н.Р. аз кирдори худ аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда шуда, пешбурди парвандаи ҷиноятӣ нисбати судшаванда Н.Р., дар суди ш. Хуҷанд бо м. 112 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон қатъ карда мешавад [214].

Мисоли дигар, моҳи майи соли 2012 ШВКД ҶТ дар ш. Хуҷанд ба аризаи Р.Д.И. бинобар дар ҳаракатҳои Р.Б.Б. мавҷуд набудани аломатҳои таркиби ҷинояти дар м. 237 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дастрасии б. 1, м. 27 сархати 2 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санаи 16 майи соли 2012 аз оғози парвандаи ҷиноятӣ рад мекунад. Суди н. Б.Ғафуров, бо м. 112 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати Р.Б.Б. парвандаи айбдоркунии хусусӣ оғоз намуда буд, санаи 04 декабри соли 2012 дар асоси м.м. 27 ва 355 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бинобар бо ҷабрдида (айбдоркунандаи хусусӣ) оштӣ шуданаш парвандаи ҷиноятиро қатъ мекунад. Яъне, моҳи майи соли 2012 тақиби оғоз шуда санаи 04 декабри соли 2012 қатъ шудааст, 8 моҳро дар бар мегирад [208].

Амалияи судӣ нишон медиҳад, ки зимни қабул, оғоз ва баррасии парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ муаммои риояи нашудани муҳлати пешбурди парванда ва баррасии он назаррасанд, аз ҷумла ба кашолкорӣ роҳ додан, риоя нашудани муҳлати муайянкардаи қонунугузорӣ, риоя нашудани принсипи ҳамаҷониба, пурра ва холисона муайян кардани ҳолатҳо ва аз рӯйи тобеият ирсол накардани маводҳо (145 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон) иборат мебошад.

Принсипи қонуният ба риояи саривақт ва пурра фош кардани ҳолатҳои содир шудани ҷиноят, мутобиқи қонун гузаронида шудани ҳама гуна амали мурофиавӣ ва ба ҷамъ намудану таҳқиқи далелҳо шароит фароҳам меорад.

Таҳлилҳои оморӣ ва амалиявии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ нишон дод, ки пешбурди парвандаи айбдоркунии хусусӣ бо риоя нагардидани муҳлат ва қоидаҳои пешбурд, ба далелҳо чамъоваригардида баҳои пурра надода, қисме аз принсипҳои мурофиаи ҷиноятӣ маҳдуд ба назар гирифта шудааст. «Олими ватанӣ А.Л. Арипов зикр мекунад, ки ба зиммаи ҷабрдида вогузор карда шудани исботи айбдорӣ, аз ҷониби дигар ба судшаванда шароити «мувофиқест» барои саркашӣ кардан аз ҷавобгарӣ ва бе ҷазо мондан аст» [106, с. 291-293]. «Ба ин масъала З. З. Талинева ва Л. У. Резяпова чунин андеша менамоянд, ки риоя накардани талаботи қонунугузории мурофиавии ҷиноятӣ ин ба кашолкориву печдарпечӣ, маҳдуд намудани ҳуқуқҳои конститутсионии шахс барои татбиқ намудани адолати судӣ ба камбудиҳои ҷиддӣ оварда мерасонад» [145, с. 199-200].

Маҳз бо дарназардошти ин гуна қоидаҳои мурофиавӣ, тарзи қабули санадҳои мурофиавӣ ба тариқи дақиқ тартиб ва қоидаҳои анҷом дода шудани амали мурофиавӣ аз тарафи шахсони ваколатдор бояд талаботҳои қонуни мурофиавии ҷиноятӣ, қонуни ҷиноятӣ ва дигар қонунҳои ҷориро бояд дақиқ риоя намоянд. Чунки саривақт бартараф накардани сабабу шароитҳои содиршавии ҷиноят аз эҳтимол дур нест ба фаро расидани содиршавии ҷиноятҳои нав ва ё ба он мусоидаткунанда,

оқибатҳои хавфноку вазнин ва барои барқарор карда шудани зарари расонидашуда маҳдудиятҳро ба миён оранд.

Ҳол он, ки мухлати муқарраркардаи қонунгузорӣ мутобиқи талаботи қ. 4 м. 355 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба «Судя ҳангоми мавҷуд будани асосҳо барои таъини маҷлиси суд дар мухлати то ҳафт шабонарӯз аз лаҳзаи ворид гардидани ариза вазифадор аст, шахсеро, ки нисбати ӯ шикоят карда шудааст, даъват намуда, ӯро бо маводи парванда шинос кунад…» ва қ. 2 м. 356 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, «Муҳокимаи судӣ бояд дар мухлати на дертар аз чордаҳ шабонарӯз аз лаҳзаи ба суд расидани ариза оғоз шавад», қайд мегардад.

Чи тавре, ки зикр гардид сабаби оғози парвандаи ҷиноятӣ оид ба айбдоркунии хусусӣ ин пешниҳоди аризаи ҷабрдида (айдоркунандаи хусусӣ) ва намояндаи қонунии ӯ ба суд мебошад. Лекин бо ин меъёр қонунугузор ҳуқуқҳои шахсро маҳдуд накарда, мутобиқи сархати 15 м. 35 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳолатҳое ҷой доранд, ки аҳамияти ҳуқуқӣ пайдо мекунанд агар ҷабрдида дар вазъи оҷизона қарор дошта бошад (вазъи оҷизонаи ҷабрдида ва ё вобастагии ӯ аз айбдоршаванда ва дигар сабабҳо чунин маъно дорад, ки ҷабрдида бо сабабҳои муайян (ба мисли: ҳолати хурдсолӣ, ноболиғӣ, бемории руҳӣ ё равонӣ, нуқсонҳои ҷисмонӣ, маъюбӣ, вобастагии хизматӣ, моддӣ, иҷтимоӣ ё равонӣ) мустақилона ба ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии худ қодир намебошад) [121], шахсияти айбдоршавандаро муайян карда натавонад ё дигар сабабҳои боиси маҳдуд гардидани ҳимоя ва ҳуқуқу манфиатҳои қонунии ӯ гарданд, прокурор бояд парвандаи ҷиноятиро оғоз намуда, иштироки ҳимоятгар тибқи талаботи қ. 2 м. 51 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳимоятгарро таъмин намоянд.

Аз рӯйи талаботи м.145 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳангоми пешниҳод гардидани ариза ё маълумоти кофӣ ки

дар он аломатҳои таркиби ҷиноят ҷой доранд, мақомоти таҳқиқ, таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор вазифадоранд онро қабул намуда, баррасӣ намоянд. Ҳангоми қабули ариза, шахсони ваколатдоргардида бояд ба қ. 5 м. 141 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, эътибор диҳанд. Аризадиҳандаро дар бораи ҷавобгарии ҷиноятӣ оид ба дидаю дониста расонидани хабари бардурӯғ огоҳонида, дар протокол сабт ва бо имзоаш тасдиқ намоянд. «Ба ин масъала А. В. Шуваткин низ қайд мекунад, ки ҳангоми қабули ариза, шахс барои додани маълумоти бардуруғ аз тарафи шахсони ваколатдор огоҳонида шавад» [154, с. 324]. Ба меъёри қонун ва нуқтаи назари муҳаққиқон розӣ шуда, бо қ. 5 м. 354 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҳдуд нагардида, таклифу пешниҳодҳои худро дар бобати таҳлили мақоми шахсе, ки дар ҳақиқат зарар дидаасту ва ӯ ҳамчун айбдоркунандаи хусусӣ бояд эътироф карда шавад, набояд аз лаҳзаи пешниҳод намудани аризаи айбдоркунии хусусӣ ба суд ҳамчун шахси ҷабрдида эътироф карда шавад. Бояд, ки шахсони ваколатдор аризаи пешниҳодгардидаро сараввал мавриди санҷиш қарор дода, баъдан шахсро ба сифати айбдоркунандаи хусусӣ (ҷабрдида) эътироф намоянд.

Чун қоида, мутобиқи қ. 2 м. 24 ва боби 37 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, вобаста ба хусусият ва дараҷаи содиршавии ҷиноят тартиби оғози парвандаи ҷиноятии айбдоркунии хусусӣ ба ҳокимияти судӣ вобаста гардидааст. Таҷрибаи амалияи судӣ ба мо нишон медиҳанд, ки дар баъзе мавридҳо раисикунанда аризаи пешниҳодгардидаро мавриди санҷиш қарор надода, танҳо ба талаботи м. 354 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷавобгӯй будани ариза маҳдуд гардида, парвандаро оғоз мекунанд. Ангезаи пешниҳод намудани ариза гуногун буда, аз эҳтимол дур нест бо хусумати шахсӣ, бадбинӣ, аз ҳад зиёд сиёҳ кардан ва ё барои додани маълумот ё аризаи бардуруғро дарбар гирад, талаботи м. 346 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи судя иҷро намегардад.

«Р. Р. Раҳмадҷонзода низ ба ин масъала ибрози ақида менамояд, ки нисбати шахсе, ки ариза дар бораи ҷиноят пешниҳод гардидааст ва аризаро суд қабул менамояд ӯ бевосита ба сифати айбдоршаванда баромад менамояд, аз ин лиҳоз шахси аризаро пешниҳод намуда бояд барои дидаю дониста расонидани хабари бардуруғ огоҳонида шавад» [179, с. 41]. Ба андешаи мо нисбати шахсе, ки ариза дар бораи ҷиноят пешниҳод гардидааст ва аризаро суд ба пешбурдаш қабул намудааст, ки марҳилаи судӣ ба ҳисоб меравад, ӯ бевосита ба сифати судшаванда баромад менамояд, на айбдоршаванда.

Мутобиқи м. 354 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, парвандаи айбдоркунии хусусӣ аз ҷониби ҷабрдида ё намояндаи қонунии ӯ бо роҳи додани ариза дар бораи ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс оғоз карда мешавад. «Аммо таҷрибаи амалияи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ нишон медиҳанд, ки ҳангоми сар задани ҷиноятҳои дар м.м. 112 ва 116 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда, шахс ба мақомоти милитсия ва ё прокуратура муроҷиат мекунад. Ба мақомоти милитсия ва прокуратура муроҷиат намудан чун анъана боқӣ мондааст» [83, с. 11].

Аз рӯйи талаботи қ. 6 м. 145 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар мавриди гирифтани ариза ё иттилоот дар бораи ҷиноят ё бевосита ошкор кардани ҷиноят мақомоти таҳқиқ, таҳқиқбаранда, сардори воҳиди таҳқиқ, муфаттиш, сардори воҳиди тафтишот ё прокурор метавонанд яке аз қарорҳои зеринро та тавсиб мерасонанд: оид ба оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ; рад намудан аз оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ; тибқи тобеияти тафтишӣ равон намудани аризаву мавоҳои парвандаи ҷиноятӣ. Амалҳои зирини шахсони ваколатдори мансабӣ аз он нишон медиҳанд, ки таҷрибаи дар амал татбиқ намудани пешбурди парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ ин маводҳои ба пешбурдашон воридгардидаро санҷида баромада, омода намудани қарорҳои ишорагардидаро дарбар мегиранд. Дар қисми хулосавии қарор дар бораи рад кардан аз оғоз парвандаи ҷиноятӣ шарҳ

медиҳад, ки бо дастрасии қ. 1 м. 27, сархати 2 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бинобар дар кирдори содиршуда мавҷуд набудани аломатҳои таркиби ҷиноят аз оғози парвандаи ҷиноятӣ рад мекунад ва ба шахси арзнамуда хабар медиҳад, ки ба суд мурочиат намояд.

Дар мавриди ба талаботи м. 354 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷавобгӯй набудани ариза суд наметавонад онро қабул намояд. Дар ҳолатҳои ба талаботи қ. 1 м. 355 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қ.қ. 3 ва 4 м. 354 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат накардани аризаи пешниҳоднамудаи айбдоркунандаи хусусӣ раисикунанда метавонад айбдоркунандаи хусусиро барои ҷамъоварии далелҳо вазифадор намуда, барои бартараф намудани он муҳлат пешниҳод намояд. Ҳангоми аз тарафи арзнамуда дар муҳлати муқарраргардида иҷро накардани қарори судя бо қарори худ ҷиҳати баррасӣ намудани аризаро рад намуда, дар ин бора шахси арзнамударо огоҳ месозад. Зеро барои оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ, аризаи пешниҳодшаванда бояд маълумоти кофиеро дарбар гиранд, ки дар он аломатҳои таркиби ҷиноят ҷой дошта, ба талаботи қисми махсуси Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй бошанд. Зеро суд наметавонад аризаро бидуни асосноккунии меъёри Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул намояд. Ҳангоми баргардонидани ариза судя ба талаботи м. 354 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷавобгӯй намудани онро бо нишон додани таснифот талаб менамояд. Ба ин ақидаи Т. О. Тоҳирзода низ мисол овардан ба маврид аст, ки ӯ низ ба масъалаи саривақт қабул нагардидани ариза аз тарафи шахсони ваколатдори мансабиро бо дарназардошти талаботи қ. 3 м. 354 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бар зарари шахси зарардида зикр менамояд [148, с. 80].

Тавре, ки маълумоти оморӣ нишон медиҳад, то амалӣ шудани Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2009 - 1046 адад парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ оғоз гардида буданд. Баъди амалӣ шудани қонуни нави мурофиаивии ҷиноятии соли 2010 тадриҷан нишондиҳандаи он кам гардид. Масалан соли 2018-95 парванда, соли 2019- 64 парванда, соли 2020-52 парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ оғоз гардидаанд [216], аз кам шудани муроҷиатҳои шаҳравндон ба мақомоти судӣ гувоҳӣ медиҳад.

Ба яке аз муаммоҳои оғози парвандаи айбдоркунии хусусӣ шуда метавонад, ин дар ҳолати ҳаяҷони руҳӣ, равонӣ, депрессӣ ва апатӣ қарор доштани шахси зарардида буда, ҳуқуқу манфиатҳои қонунии худро ҳимоя карда натавонистан аст. «Е. Г. Мартинчик низ чунин меҳисобад, ки аризаро бо риоя намудани талаботи кодекси мурофивӣ на ҳар як шахси зарардида тартиб дода метавонад, бо вуҷуди он, ки вай бояд асоснок бошад, ба санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ истинод оварда тавонад, муайян намояд, ки дар ҳақиқат шахс ҷиноятро содир кардаасту нисбати ӯ бояд парвандаи айбдоркунии хусусӣ оғоз ёбад» [135, с. 11].

Тавре аз муқаррароти м. 141 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, ариза дар бораи ҷиноят шифоҳӣ ё хаттӣ шуда метавонад. Бинобар ин, андеша дорем, ки баҳри ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои шахси зарардида ва дастрасӣ ба адолати судиро ба назар гирифта, бигзор айбдоркунандаи хусусӣ низ бо аризаи шифоҳӣ муроҷиат намояд. Зеро Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумхурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 мурофиаи ҷиноятиро чун тарзи маъруфи ҳифзи ҳуқуқи инсон аз таҷовузҳои ҷинояткорона ва аз ғайриқонунӣ маҳдуд намудани ҳуқуқ ва таъқиби беасос оид ба парвандаи ҷиноятӣ эътироф шуда, баҳри таъмин намудани адолат равона карда шудааст [4], пешбурди айбдоркунии хусусӣ низ набояд бар хилофи ин самтҳо ва ҳуқуқҳои айбдоркунандаи хусусиро дар мурофиаи ҷиноятӣ маҳдуд намояд.

Мутобиқи қонунугузории мурофиавии ҷиноятӣ аризаи шахси зарардида (ҷабрдида) оид ба парвандаи айбдоркунии хусусӣ санади

асосӣ ва муҳим буда, барои оғоз намудани парвандаи айбдоркунии хусусӣ асос мегардад. «Ақидаи Е. В. Хаматова низ чунин аст, ки ариза оид ба айбдоркунии хусусӣ – ин ҳуҷҷате ба ҳисоб меравад, ки дар як вақт асос барои оғоз намудани парвандаи айбдоркунии хусусӣ ва санади айбдоркунӣ ба ҳисоб меравад» [151, с. 89]. Чи тавре, ки дар боло қайд гардид, оғози парвандаи айбдоркунии хусусӣ, бидуни шикояти шахс танҳо дар ҳолатҳои пешбининамудаи қ. 3 м. 24 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, имконпазир аст. Бинобар ин, дар амалия оғози парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ хеле кам ба назар мерасанд. Зеро қонунгузор талаботро дар асоси м. 354 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, нисбат ба чунин намуди ҷиноятҳо назар ба м. 140 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қатъӣ намуда, уҳдадории шахсро (айбдоркунандаи хусусиро) зиёд намудааст.

Баъзе муаллифон қайд мекунанд, ки худи айбдоркунандаи хусусӣ субъекти асосии оғоз намудани парвандаи айбдоркунии хусусӣ ба ҳисоб меравад» [190, с. 148-149]. «Ба ақидаи Е. И. Аникина ва И. С. Дикарев, барои оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ ва қабули қарор дар бораи оғоз намудани парвандаи ҷиноятии айбдоркунии хусусӣ шикояти ҷабрдида муҳим аст» [163, с. 80; 117, с. 4-8]. «Муаллифони дигар чунин мешуморанд, ки субъекти асосии оғоз намудани парвандаи ҷиноятии айбдоркунии хусусӣ ин суд мебошад, зеро қарори оғоз кардан ё рад кардан аз суд вобастагӣ дорад» [196, с. 122]. Сеюм қисми муаллифон ҷонибдорӣ он ҳастанд, ки парвандаи ҷиноятӣ бояд аз ҷониби шахсони ваколатдори мақомоти тафтиши пешакӣ оғоз карда шаванд. Оид ба оғоз ва пешбурди айбдоркунии хусусӣ дар адабиёти илмӣ фирку ақидаҳо оид ба он, ки парвандаи ҷиноятии айбдоркунии хусусиро суд оғоз намояд, ба таври танқидӣ қайд шудааст гуногунанд. Ба ин ақидаи «О. В. Губерманро қайд карданием, ки ӯ низ масъалаи оғоз намудани парвандаи ҷиноятии айбдоркунии хусусиро аз ҷониби суд бар хилофи принсипи баробарҳуқуқӣ ва баҳо додан ба далелҳо мешуморад» [164, с.

117-119]. «Ф. М. Ягофаров чунин мешуморад, ки оғози парвандаи ҷиноятӣ аз ҷониби судя набояд ҷузъи фаъолияти айбдоркунӣ бошад» [195, с. 123].

Таҷрибаи амалияи судӣ гувоҳӣ медиҳад, ки аз лаҳзаи оғоз намудани парвандаи ҷиноятии айбдоркунии хусусӣ хулосаҳои пешакиро дар бораи мувофиқати далелҳои дар ариза зикргардида ва ба ҳолатҳои воқеан рухдода ба назар гирифтан мумкин аст. Бинобар ин, судя барои тафтиши ҳолатҳои рухдода, ки дар ариза зикр шудааст унсурҳои исботнамоиро ба роҳ намемонад, чунки дар мурофиа меъёри диспозитивӣ ба роҳ монада мешавад.

И. С. Дикарев таъкид мекунад, ки ҳолати рухдодаро тасниф намудан лозим аст [118, с. 12-16]. Ҳангоми таснифи ҳолати кор дар ариза, бояд возеҳ нишон дода шавад, ки шахсро бо кадом кирдораш айбдор мешуморад. Ин ақидаро П. М. Давыдов низ ҷонибдорӣ намуда, зикр менамояд ки тобиши ҳамаи аломати ҷиноятҳо дар меъёри айбдоркунӣ, мантиқан истинод ба қонунгузории ҷиноятӣ оварда мерасонад. Бандубаст намудани кирдори содиршуда ҳамчун далел эътироф гардида, шахсро ба сифати айбдоршаванда, судшаванда ва ғ. муайян менамояд [165, с.17].

Муайян кардани (квалификатсияи) ҷиноят – ин муқаррар ва аз ҷиҳати ҳуқуқӣ мустаҳкам намудани бо ҳам мувофиқ омадани нишонаҳои кирдори содиршуда ва нишонаҳои аз ҷониби меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ пешбинӣ шудаи таркиби ҷиноят мебошад. Мазмуни асосии моддию ҳуқуқии муайян намудани ҷиноят дар тасдиқи расмии мавҷуд будани аслии воқеа таҷассум меёбад, ки ифода шудани ӯ аз танзими ҳуқуқи ҷиноятӣ ба вуҷуд меояд ва оқибати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс мегардад [47, с. 53]. Вале таҳлили парвандаҳои ҷиноятӣ нишон медиҳад, ки ҳангоми бандубасти ҷиноятҳои дар м.м. 112 ва 116 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, онро бо м. 237 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон омехта менамоянд, ки дар кирдори шахс гӯё

авбошӣ ҷой дошта бошад, бо м.м. 112 ва ё м. 116 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ менамоянд.

«Муҳаққиқон С. А. Алперт, В. В. Дорошков ва Н. А. Патов чунин мешуморанд, ки аризаи шахсро оид ба айбдоркунии хусусӣ ба мисли қарори ба сифати айбдоршаванда кашидани шахс ва ҳам хулосаи айбдоркунӣ баррасӣ кардан ба маврид аст» [38, с.46; 119, с. 23]. «Олимон С. И. Каткало ва В. З. Лукашевич низ қайд намуда буданд, ки аризаи шахс (айбдоркунандаи хусусӣ) хулосаи айбдориро иваз мекунад, зеро ариза тавсифи ҷиноӣ-ҳуқуқии айбдоркунӣ ва мавзӯву ҳудуди мурофиавиро муайян менамояд» [59, с. 55].

Ба андешаи мо шахсе (айбдоркунандаи хусусӣ), ки аризаро оид ба айбдоркунии хусусӣ пешниҳод пешниҳод менамояд, ҳуқуқ дорад ҳолати рухдодаро ба тариқи содда ва аз рӯйи фаҳмиши худ иброз намуда, аризааш ҳолати рухдодаро муайян намояд, вале ӯ уҳдадор нест, ки ҳолати рухдодаро тибқи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасниф ва исбот намуда, дараҷа ва аломати дақиқи кирдори рухдодаро дониста, ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон истинод биёрад. Муайян ва таснифи ҳолати рухдода вазифаи асосии шахсони ваколатдори давлатӣ (прокурор, судя) буда, ҳангоми иҷрои вазифа ки дар пешбурдашон парвандаи ҷиноятӣ қарор дорад, бояд муайян намуда, қарори дахлдор бароранд.

Ҳангоми судя шахсро (айбдоркунандаи хусусиро) бароиислоҳи ариза ба талаботи меъёри қонуни мурофиавии ҷиноятӣ ҷавобгӯй намудан, пешниҳод намудани ҳолатҳои исботшаванда ё далелҳои бевосита, бартараф намудани камбудиҳо дар муҳлати муайян, талаб менамояд ин ҳуқуқи шахсро маҳдуд намуда, баръакси принсипи мурофиаи ҷиноятӣ баромад мекунад.

«Ҳамзамон, М. А. Челтсов ва В. З. Лукашевич, ибрози ақида карда буданд, ки вазифаи исботнамоӣ аз замони Шӯравӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ, ин ба зиммаи таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ва суд вобаста гардидааст. Ба воситаи ҳаматарафа пурра ва холисона муқаррар

намудани ҳамаи ҳолатҳои содиршуда бо роҳи ҷамъоварӣ намудан, санҷидан ва баҳо додан инчунин барои муқаррар кардани гуноҳи судшаванда муҳим мебошад» [97, с. 81].

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳуқуқҳои айбдоршаванда (судшаванда) назар ба айбдоркунандаи хусусӣ бештар пешбинӣ шудааст. Яъне, назар ба шахси ариза пешниҳод намуда (айбдоркунандаи хусусӣ), судшаванда дар мавқеи хуб қарор дорад, то шахси зарардида ҳамчун айбдоркунандаи хусусӣ бо ариза ба суд муроҷиат накунад аз кирдори содирнамудаи айбдоршаванда (судшаванда) ягон мақомот бохабар намегардад, ки чунин пешбурд барои дастрасӣ ба адолат дуруст ба роҳ монда нашудааст.

Аризаи айбдоркунии хусусии ба суд пешниҳодшударо суд бо дархости тарафҳо метавонад барои ҷамъоварӣ намудани далелҳо мусоидат намояд, инчунин уҳдадор аст шахсеро ки нисбаташ ариза пешниҳод шудааст, даъват намуда, ӯро бо маводи парванда шинос намояд. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои тарафҳоро дар асоси м. 355 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаҳмонида, барои оштӣ шудани тарафҳо таклиф менамояд. Ба таҳқиқ ё тафтиши пешакӣ ирсол намудани маводҳои ҷамъшуда, ки ба пешбурдаш ворид гардидааст ва аз шахси ариза пешниҳоднамуда (айбдоркунандаи хусусӣ) гузаронидани экспертизаҳо ва дигар намуди далелҳо талаб мекунад [133, с. 225-233].

Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, нисбат ба мазмуни аризаи шахс (айбдоркунандаи хусусӣ) талаботи махсусро гузоштааст, ба монандӣ: иқтибос аз беморӣ ё хулосаи ташхиси судӣ; мактуби ҷавоби мақомоти ҳифзи ҳуқуқ; ваколатнома дар ҳолате, ки намояндаи қонунии ӯ муроҷиат намояд, руйхати шоҳидоне, ки ба суд даъваташон зарур аст ва дигар ҳуҷҷатҳои дахлдор.

Моддаи 354 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, талаб мекунад, ки ариза бояд аз ҷониби шахс (айбдоркунандаи хусусӣ) ё намояндаи қонунии ӯ имзо карда шавад. Чи тавре, ки дар боло ишора гардид, дар ариза на танҳо хабар дар бораи ҳолати рухдода, руйхати

шахсони гумони содир кардани ҷиноят, инчунин далелҳои пурраи дахлдор талаб карда мешаванд. Илова бар ин дар ариза бояд хоҳиш дар бораи ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс бо муайян намудани меъёрҳои дахлдори Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба таври мушаххас барои расонидани зарар, қайд карда шавад. Аз ин хулоса кардан мумкин аст, ки дар хусуси дарҷ нагардидани талаботи меъёри қонунгузорӣ аризаи шахс ба пешбурди суд қабул нагардида шахсе, ки бо кирдори хавфноки худ ба шахси дигар зарар расонидааст ба ҷавобгарӣ кашида намешавад.

Дар мавридҳое, ки аризадиҳанда (айбдоркунандаи хусусӣ) ҷойи истиқомати аниқ ва ё номи шахсеро ки бояд ба ҷавобгарӣ кашида шавад надонад, ба андешаи мо ариза ҳатман ба пешбурди суд қабул карда шуда, мутобиқи сархати 15 м. 35 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои оғоз намудани парвандаи ҷиноятии айбдоркунии хусусӣ аз рӯйи тобеияти тафтишӣ ба мақомоти дахлдор ирсол карда мешавад.

Р. Р. Раҳмадҷонзода ибрози ақида доранд, ки тавзеҳоти ҚПСО ҶТ ки ба судяҳо ваколат дода нашудааст, аз қабули ариза рад карда, барои ҳалли масъала ба тафтишот ирсол намояд, ки ин ҳуқуқи шахсро барои дастрасӣ ба адолати судӣ маҳдуд мекунад [179, с. 40-41]. Ба ақидаи олим чунин қайд карданием, ки аз рӯйи талаботи сархати 15 м. 35 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, суд аризаро қабул менамояд, оғоз намояд ё ин ки маводи онро барои оғози парвандаи ҷиноятӣ ва гузаронидани таҳқиқ ва ё тафтиши пешакӣ аз рӯйи тобеияти тафтишӣ ба мақомоти дахлдор ирсол менамояд, ки дар меъёри мазкур рад намудан аз қабули ариза пешбинӣ нагардидааст.

Бинобар муайян карда натавонистани маълумот дар бораи шахсияти айбдоршаванда аз тарафи айбдоркунандаи хусусӣ, боиси кашолкорӣ ва саривақт оғоз нагардидани парвандаи ҷиноятӣ гардида, судя масъулияти муайян намудани шахсияти айбдоршавандаро ба зиммаи айбдоркунандаи хусусӣ вобаста менамояд, ки оқибат ҷиноят

ошкор нагардидаву ҷинояткор дастгир нашуда боқӣ мемонад. Бинобар ба ин гуна ҳолат оварда нарасонидан, Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо сархати 15 м. 35 слоҳитяи судро васеътар намудааст. Таҳлил нишон дод, ки чунин ҳолат яке аз сабабҳои умуман пешниҳод нашудани аризаи шахси аз ҷиноят ё намояндагони қонунии онҳо зарардида ба мақомоти судӣ мебошад, ки ҳисси нобоварӣ ва ноумедиро аз ҳифзи судӣ ба миён овардааст.

Таҷрибаи давлатҳои дигар нишон медиҳанд, ки дар қарори Суди Конститутсионии Федератсияи Россия аз 27 июни соли 2005, № 7-П қайд шуда буд, ки КМҶ ФР аризадиҳанда бояд шахсияти нафареро, ки ба ҷавобгарӣ кашида мешавад донад ва дар аризааш онро қайд намояд. Ин талабот ҳуқуқи аризадиҳандаро маҳдуд менамояд. Қарори мазкурро асос дониста, ба КМҶ ФР тағйиру иловаҳо ворид гардидааст, ки судяи оштидиҳанда («Мировой судья») аризаи шахсро рад накарда, онро қабул мекунад. Дар ин маврид суд аризаро қабул намуда, ба прокурор барои муайян намудани шахсияти нафареро, ки ба ҷавобгарӣ кашида шавад, ирсол менамояд [104, с. 111-112]. «Бо ин мақсад О. Т. Тоҳирзода, дар таҳқиқоти илмии худ зикр менамояд, ки: ворид намудани хизматрасониҳои медиатсиониро (оштидиҳандаро) барои оштӣ кардани тарафҳо, воситаи самаранок ҳалли масъалаи айбдоркунии хусусӣ дониста, онро то марҳилаи судӣ раво медонад ва суди Федератсияи Россияро (мировой судья) ки ба тарафҳо имконияти оштишавиро фаҳмонида медиҳад, тахия намудани модели назариявӣ-ҳуқуқии падидаи медиатсиониро дар мурофиаи ҷиноятӣ барои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур медонад» [147, с. 112].

Дар ҳолати мустақилона пешниҳод нашудани маълумоти дақиқ оид ба ҳолати рухдода аз ҷониби шахси зарардида, бинобар заифӣ ё нотавонӣ, ки ҳуқуқ ва манфиатҳои худро ҳимоя карда наметавонад, пешбурди парвандаро прокурор мутобиқи талаботи қ. 4 м. 24 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таъқиби ҷиноятиро пеш мебарад.

Ҳангоми ба пешбурди судӣ ворид гардидани аризаи айбдоркунии хусусӣ аз рӯйи расмиёт, судя метавонад варақаҳои шаклҳои гуногуни омориро (№1, 1.1, 2, 5 ва 6) тартиб диҳад ва барои маълумот ба сардори Маркази ахборотӣ ирсол намояд, ки ин вазифаи бевоситаи мақомоти таъқиби ҷиноятӣ ба ҳисоб меравaнд. «Бинобар ин В. В. Воронин ва Е. В. Ухова зарур медонанд, ки тартиби ягонаи баррасии масъалаҳое, ки ба оғози парвандаи ҷиноятӣ алоқамандaнд, муайян ва муқаррар карда шаванд» [161, с. 135; 189, с. 55]. Яъне, оид ба пешбурди парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ ва хусусӣ-умумӣ муаллифон Е. В. Ухова ва Е. А. Грохотова андеша доранд, ки барои ҳамаи ҷиноятҳо бояд тартиби ягонаи оғози парвандаи ҷиноятӣ амал намояд [189, с. 8; 116, с. 199]. Аз ин рӯй, ба хулосае меоем, ки низоми айбдоркунии хусусӣ, як тартиби муқаррарнамудаи соддаи мурофиаи ҷиноятиро дорад шабеҳиро бо баъзе қоидаҳои мурофиаи гражданӣ дорад. Масалан, фирку ақидаҳои олимон, В. К. Случевский, М. А. Челтсов, Р. Д. Рахунов, Л. А. Василенко, Ф. Н. Фаткуллин дар он аст, ки дар мурофиаи ҷиноятӣ қоидаҳои мурофиаи гражданӣ набояд истифода шаванд, зеро байни мурофиаи судии ҷиноятӣ ва мурофиаи гражданӣ фарқиятҳои куллӣ мавҷуд аст. Бинобар ин, намудҳои гуногуни пешниҳод кардани шикоятро дар мурофиаи ҷиноятӣ қонунугузории замони Шӯравӣ ҷоиз намедонист [160, с. 18].

Олимон муқобили конспесияи пешниҳоди «даъво» дар мурофиаи ҷиноятӣ буданд. Чуноне, ки дар мурофиаи гражданӣ шахсе, ки ҳуқуқ ба даъво карданро дорад, ҳатман тибқи меъёри диспозитивӣ амал мекунад. Вале дар мурофиаи ҷиноятӣ ҳангоми маълум гардидани аломатҳои таркиби ҷиноят мақомоти таҳқиқ ё тафтишот саривақт бояд пешбурди парвандаи ҷиноятиро оғоз намоянд.

Барои равшанӣ андохтан ба масъалаҳои назариявӣ овардани мисоле аз амалияи судӣ мувофиқи мақсад мебошад.

Шаҳрванд Ю.С.А., ба суди ш. Хуҷанд бо аризаи айбдоркунии хусусӣ мурочиат намуда, нишон медиҳад, ки санаи 19 майи соли 2012 тахминан соати 8:50 дақиқа дар мактаби таҳсилоти умумии №3-и ш.

Хуҷанд, хонандагони ҳамин мактаб бе ягон сабаб ӯро ба дасту пояшон зада, ҷароҳати ҷисмонӣ мерасонанд. Дар натиҷаи зарбаҳои номбурдагон ӯ ҷароҳатҳои латмаи майна, захми латхурии қоши боло ва поёнии чашми рост, хунхобии чашми рост бардошта, аз ҳуш меравад. Ҳамон руз, муаллима мактаб Ю.С.-ро бе даъвати ёрии таъҷилӣ ба нуқтаи шикастабандии дармонгоҳи №1-и ш. Хуҷанд мебарад. Бо роҳхати табибон ӯ ба беморхонаи ш. Хуҷанд мебаранд. Муаллимае, ки Ю.С.ро ҳамроҳи мекард ба духтурон иброз менамояд, ки гуё ӯ худаш дар мактаб афтида захм бардошта бошад. Бинобар бардоштани ҷароҳатҳо ӯ ҳолати корро худ баён карда наметавонад. Муаллима ҳамон руз барои руйпуш намудани ҷиноят, худсарона барои бистарӣ намудани охирон розӣ нашуда, қайд намудааст, ки гӯё худи Ю.С., аз бистарӣ шудан даст кашидааст. Санаи зикршуда бо даъвати сарвари мактаб модари Ю.С.А., ба мактаб ҳозир гардида, ҷароҳатҳои бардоштаи писарашро дида, худро нотоб ҳис менамояд. Муаллимони мактаб модарашро ором намуда, мефаҳмонанд, ки ӯро Ш.Р. ва У.У.И. лату кӯб намудаанд. Баъд бо гуфтаҳои модари Ю.С.А. сарвари мактаб оид ба ҳодисаи рухдода ба милитсия хабар додааст.

Баъдан Ю.С.А.-ро модараш ба хонаашон оварда, баъд аз як соат ба манзили истиқоматии онҳо нозири минтақавӣ омада, ӯ ҳодисаи руйдодаро пурра нақл менамояд. Санаи 20 майи соли 2012 нозири минтақавӣ падари Ю.С.А.-ро даъват менамояд, ки он ҷо модарони Ш.Р. ва У.У.И. ҳузур доштаанд ва онҳо аз падараш хоҳиш менамоянд, ки шикоят накунанд, зеро онҳо уҳдадории табобатро ба зиммаи худ гирифта, ҳамаи хароҷотҳои вобаста ба муолиҷаи Ю.С.А.-ро пурра пардохт менамоянд ва дар ин хусус забонхат навишта медиҳанд. Бинобар он, ки падари Ю.С.А. забонхат медиҳад, ки дар сурати хароҷоти муолиҷаи Ю.С.А.-ро ба уҳда гирифтани онҳо ва саломатии охирон хуб шуданаш, у низ даъво надорад.

Пас аз он, Ю.С.А. ду шабонаруз дар манзили истиқоматиашон бистарӣ гардида, саломатиаш бад мегардад ва санаи 21 майи соли 2012

дар беморхонаи ш. Хуҷанд бистарӣ мегардад. Қабл аз бистарӣ намудани ӯ, модараш ба нозири минтақавӣ муроҷиат намуда, хоҳиш намудааст, ки барои гузаронидани ташхис роҳхат диҳад. Нозири минтақавӣ баён намудааст, ки бинобар мавҷуд набудани аризаи шикоятии ӯ нисбати Ш.Р. ва У.У.И. имконияти додани роҳхатро надорад. Зеро модарони Ш.Р. ва У.У.И. модари ӯро бовар кунонидаанд, ки аризаи шикоятӣ нисбати писаронашон нанависад, Ю.С.А.-ро бо воситаи шиносонашон муолиҷа менамоянд. Модари Ю.С.А. аризаи шикоятӣ нанавишта, дар давоми нуҳ рузи бистариаш ташхис мегузаронад, аммо ягон намуди сузандору намегирад. Танҳо доруҳои валерианка, глитсин ва сирукал истеъмол менамояд. Духтурон маслиҳат медиҳанд, ки Ю.С.А.-ро тариқи амбулаторӣ духтури асаби ҷойи истиқоматаш табобат намояд. Баъдан Ю.С.А. як моҳ дар хонаашон муолиҷа мегирад, ки ҳамшираи шавқат дар як руз то се маротиба барои гузаронидани сӯзандору меояд. Шахсоне, ки нисбати ӯ ҷароҳат расонидаанд, ягон маротиба ӯро хабар нагирифта, барои муолиҷааш кумаки моддӣ намерасонанд, гарчанде онҳо уҳдадориро ба худ гирифта будаанд, ки то охир муолиҷаи уро пардохт менамоянд.

Пас аз сипарӣ шудани як моҳи муолиҷа модари ӯ ба волидони Ш.Р. ва У.У.И. занг зада, иброз менамояд, ки муолиҷаи якмоҳаи ӯ 700 сомониро ташкил медиҳад ва барои пардохти ин маблағ кумак намоянд. Дар ҷавоб волидони Ш.Р. ва У.У.И. аз пардохти хароҷоти муолиҷа даст кашида, иброз менамоянд, ки ба куҷое ва касе хоҳанд муроҷиат намоянд. Баъд аз он падари ӯ ба нозири минтақавӣ муроҷиат менамояд, аммо муроҷиати охирон ягон натиҷае намедиҳад.

Мувофиқи тайиноти духтурон ӯ бояд дар моҳи ноябр боз табобат гирад, зеро зарурати дар шаш моҳ як маротиба муолиҷа гирифтанаш пеш меояд. Барои муолиҷаи Ю.С.А., дар маҷмуъ 3000 сомонӣ сарф шудааст.

Дар маҷлиси судӣ айбдоркунандаи хусусӣ Ю.С.А. ба суд нишондод додааст, ки у бо Ш.Р. ва У.У.И., оштӣ шудааст ва зарар барқарор карда

шуда, хоҳиш менамояд, ки парванда дар асоси сархати панҷуми қ.1 м.27 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қатъ карда шавад [210].

Судя мутобиқи талаботи:

- қ. 6 м. 355 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар сурати аз ҷониби тарафҳо пешниҳод гардидани ариза, барои оштӣ шудани тарафҳо шароит фароҳам меорад;

- сархати панҷуми қ. 1 м. 27 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳангоми оштӣ шудани ҷабрдида (айбдоркунандаи хусусӣ) бо судшаванда оид ба парвандаи ҷиноятии айбдоркунии хусусӣ;

- сархати 2 м. 30 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар асоси аризаи ҷабрдида ё намояндаи қонунии ӯ нисбат ба шахси ҷинояти начандон вазнин ё дараҷаи миёна содиркарда, ба шарте ки бо ҷабрдида оштӣ шуда, товони зарари ба ӯ расонидаашро барқарор карда бошад;

- м. 73 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон парвандаи ҷиноятиро бо озод кардани шахс аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ва бинобар агар шахси ҷинояти начандон вазнин ё дараҷаи миёна содирнамуда бо ҷабрдида оштӣ шуда, зарари ба ҷабрдида расонидаашро талофӣ карда бошад, парвандаи айбдоркунии хусусиро қатъ кардааст.

Ҳолати рухдодаро таҳлил намуда, ба чунин андеша меоем, ки аз ҷониби шахсони ваколатдор (нозири минтақавӣ ва судя) меъёрҳои қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ дуруст ба роҳбарӣ гирифта нашудаанд. Нозири минтақавиро мебоист амали таъхирнопазирро ба иҷро расонад; тибқи талаботи қ. 10 м. 161 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, … ҳангоми содир шудани ҷиноят аз тарафи ноболиғон тафтиши пешакӣ аз ҷониби муфаттиши мақомоти корҳои дохилӣ анҷом дода мешуд, зеро тибқи талаботи м. 160 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, тафтиши пешакии ҳамаи

парвандаҳо оид ба ҷиноятҳои содиркарда тавассути ноболиғон … ҳатмӣ мебошад. Вале аз ҳолати рухдода бармеояд ки нозири минтақавӣ ба хатогиҳо роҳ дода, ягон амали мурофиавиро иҷро накардааст ва санади мурофиавиро тартиб надодааст, ӯ бояд ҳамчун корманди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, таҳқиқ бурда, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, тартиботи ҷамъиятӣ, манфиатҳои ҷамъияту давлатро аз кирдорҳои ҷинояткорона ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳо муҳофизат намуда, дар доираи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» [9] ва дигар қонунҳо амал мекарда, маводро барои пешбурди мурофиаи ҷиноятӣ аз рӯйи тобеият ирсол мекард.

Агар тафтиши пешакӣ гузаронида мешуд ва дар ҷараёни тафтиши пешакӣ аз рӯйи ҳолати рухдода муайян мегардид, ки ҳодисаи рухдода ҷинояти начандон вазнин ё дараҷаи миёна аст, ё муайян мешуд, ки ноболиғон ин ҷиноятро бори аввал содир намудаанд, ки ислоҳи онҳо лоақал метавонист бидуни ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан гардад. Муфаттиш ҳамчунин бо ризои прокурор (инчунин бо розигии айбдоршавандаи ноболиғ ва намояндаи қонунии онҳо) ҳуқуқ доштанд, ки парвандаро дар ҳаққи ноболиғон бо татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тарбиявии дар қ. 2 м. 89 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда қатъ намоянд. Ба монанди: а) огоҳ кардан; б) ба назорати падару модар ё шахсони онҳоро ивазкунанда ё мақоми давлатӣ оид ба кор бо ноболиғон супурдан [5]; в) ба зимма гузоштани уҳдадории барқарор кардани зарари расонидашуда; г) маҳдуд кардани фароғат ва муқаррар намудани талаботи махсус ба рафтор, андешида мешуданд, ки ин давраи тафтишро дарбар мегирифта зарурати ба суд пешниҳод намудани парванда ҷой надошт. Вале ин ҳолати ба амал омада дуруст тасниф нагардида, аз рӯйи м. 112 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври содда дар суд баррасӣ шудааст. Зеро зарари расонидашуда начандон вазнин набуда, зарари миёна ба ҳисоб меравад, ки ҷабрдида дар муддати як моҳ бистарӣ мешавад ва ҳар шаш моҳ як

маротиба муоличаашро давом медиҳад. Меъёри мазкур аз Муваққатан вайроншавии функсияи узвҳо ва (ё) системаҳо (корношоямии муваққатӣ) бо давомнокии се ҳафта (зиёда аз 21 рӯз) (дар оянда – дарозмуддат вайроншавии саломатӣ, дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун «харобшавии тӯлонии саломатӣ» ифода ёфтааст) ба ҳисоб рафта, тибқи меъёрҳои тиббии муайян намудани дараҷаи зарари ба саломатии одам расонидашуда дар замимаи 16 бо фармоиши Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон №918 аз 01 ноябри соли 2014 муқаррар карда шудааст.

Таҳлили ин аз он шаҳодат медиҳад, ки ҳолати рухдода саривақт бо далелҳо исботи худро наёфтаанд, ки боиси на танҳо анҷом дода нашудани тафтиши пешакӣ, балки яктарафа ва ноодилона баррасӣ шудани парванда дар суд гардидааст. «Бо ин мақсад фикри олим Н. А. Нозиров ба маврид аст, зикр менамоянд, ки ба инсон ва шаҳрванд дар мурофиаи ҷиноятӣ кафолати ҳифзи ҳуқуқу озодиҳо дода шудааст, ҳуқуқҳои поймолшудаи ӯ бояд барқарор шавад, ки аз меъёри Конститутсия ва дигар санадҳои меъёрӣ - ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст бармеоянд» [177, с. 15].

Аз ин рӯй бояд қайд кард, ки пешниҳод гардидани аризаи шахс оид ба айбдоркунии хусусӣ, танҳо ба суд маҳдуд нагардида, аз тарафи таҳқиқбаранда, муфаттиш ва прокурор низ бахри саривақт ҳимоя намудани ҳуқуқу озодиҳои ҷабрдида (айбдоркунандаи хусусӣ) қабул карда шаванд.

Бинобар рафъи чунин камбудиҳо дар амалия, аризаи ҷабрдида оид ба ҳолати рухдода, ки айбдоркунии хусусӣ низ ба сифати амликунандаи таъқибӣ ҷиноятӣ баромад менамояд, таклиф менамоем ки мутобиқи м. 145 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ки уҳдадор ҳастанд, ҳама гуна маълумотро оиди ҷинояти тайёршаванда, содиршаванда ва содиршударо қабул намояд, мавриди ҳаллу санҷиш қарор дода, маводҳоро барои баррасӣ ба суд пешниҳод намоянд, аризаи шахсро оид ба айбдоркунии хусусӣ қабул намуда,

ҳолати рухдодаро санҷида бароянд. Инчунин бо дарназардошти меъёри мазкур прокурор, муфаттиш ва таҳқиқбаранда ҳуқуқ надоранд аз қабул намудани ариза бинобар вобаста набудани он аз рӯйи тобеият ё қ. 1 с. 2 м. 27 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистонро асос намуда, қарор дар бораи рад намудан аз оғози парвандаи ҷиноятиро бароранд. Ин масъала муаммои худро дорад, агар м. 27 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳолатҳое, ки пешбурди парвандаи ҷиноятиро истисно мекарда бошад ва қ. 1 сархати 2 м. 27 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон «ҳангоми дар кирдори содиршуда мавҷуд набудани аломатҳои таркиби ҷиноят»-ро нишон диҳанд, чи гуна боз дар қисми қарордод тавсия дода мешавад, ки дар ҳаракатҳои шаҳрванд аломатҳои ҷинояти айбдоркунии хусусӣ ҷой дорад ва ба ҷабрдида фаҳмонида мешавад, ки бо аризаи худ ба суд муроҷиат намояд. Гӯё, ки м.м. 112, 116 ва қ. 1 ва 2 м. 156 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аломати ҷиноятро дар бар намегирифта бошанд.

«Бинобар ин О. Т. Уроқов, ба масъалаи ҷорӣ намудани қоидаҳои умумӣ оид ба масъалаи пешбурди айбдоркунии хусусӣ зикр менамояд, ки тартиби он ба боби 37 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда шавад» [150, с. 132].

Барои равшанӣ андохтан ва бартараф кардани баъзе аз ғалатҳои ҷойдошта, давраи то судии пешбурди парвандаи айбдоркунии хусусӣ ва марҳилаи ибтидоии мурофиаи ҷиноятӣ ин оғози парванда ба шумор меравад. Пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ аз ҳамин марҳила оғоз мешаванд. Баробари ворид шудани ариза дар бораи ҷиноят мақомоти ваколатдор оид ба пешбурди парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ, вазифадоранд ариза ё муроҷиатро қабул намоянд, ба қайд гиранд ва бо мақсади муқаррар кардани мавҷуд будан ё набудани аломатҳои ҷиноят ба санҷидани маълумот шурӯъ намоянд. Санҷиши маълумот ё ариза дар бораи ҷиноят бо роҳи гирифтани баёноти аризадиҳанда ва шахсони воқиф аз ҳодиса; дастгир кардани гумонбар (айбдоршаванда), талаб

кардани ҳуҷҷатҳо; пешниҳод шудани ҳуҷҷат; чораҳои оперативӣ-ҷустуҷуӣ амалӣ мегардад. Яъне, ин амалҳо то оғози парвандаи ҷиноятӣ, бо мақсади муқаррар кардани ҷой доштан ё надоштани танҳо аломатҳои ҷиноят, анҷом дода мешаванд. Дар натиҷаи санҷиши маълумот, ки зарурати оғози парвандаи ҷиноятӣ ҷой надорад, аломати тартиби ҷиноят дида намешавад, ба қарор дар бораи рад намудан аз оғози парвандаи ҷиноятӣ асос мешавад. Ба андешаи мо аризаи шахсро қабул накардан; қарори рад намудан аз оғози парвандаи ҷиноятиро баровардан; бо ариза муроҷиат намудан ба судро тавсия додан; нусхаи қарори рад намудан аз оғози парвандаи ҷиноятиро ба прокурор ирсол кардан зарурат надорад.

Шахсе, ки (айбдоркунандаи хусусӣ) бо ариза ба милитсия муроҷиат менамояд, милитсия кирдори шахсро бо аломатҳои таркиби ҷинояти м.м. 112 ва ё м. 116 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намуда, қайд менамояд, ки бинобар дар кирдори шахс ҷой надоштани айбдоркунии хусусӣ-умумӣ ва умумӣ, бо ба инобат гирифтани қ. 2 м. 24, м. 353, қ. 2 сархати 1 м. 27 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз оғози парвандаи ҷиноятӣ рад намуда, аризадиҳандаро тавсия медиҳад, ки ба суд бо ариза муроҷиат намояд. Аммо таҷриба нишон медиҳад, ки бисёри айбдоркунандагони хусусӣ саривақт ба суд муроҷиат накарда, ба милитсия ва ё прокуратура муроҷиат менамоянд. Дар ҳолате, ки айбдоркунандаи хусусӣ ба суд муроҷиат намуда, аз суд дархост намояд ки маводҳои ба айбдоркунӣ таъалуқдошта дар мақомоти милитсия қарор доранд, суд саривақт барои таъмини далел аз милитсия хоҳиш менамояд, ки маводҳои ҷамъшударо ирсол намояд.

Агар ариза пешниҳод шуда бошад, вале барои оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ асос надошта бошад, ҳолатҳои пешбурди парвандаи айбдоркунии хусусиро дар суд истисно мекунанд, судя дар бораи рад кардани парвандаи айбдоркунии хусусӣ қарор мебарорад ва нусхаи он на дертар аз се рӯз ба аризадиҳанда супорида мешавад.

Дар натиҷаи санҷиши аризаи айбдоркунии хусусӣ аз тарафи суд муқаррар намудани аломати ба ҷамъият хавфнокӣ ва ё таҳқиқу тафтишотро талаб намояд, маводҳо барои оғози парвандаи ҷиноятӣ ва пешбурди парванда аз рӯйи тобеият ирсол карда мешавад. Ҳангоми аз ҷониби прокурор оғоз намудани парвандаи ҷиноятии айбдоркунии хусусӣ ва бинобар оштӣ шудани айбдоркунандаи хусусӣ бо судшаванда парванда қатъ карда намешавад, ки аз замони Шӯравӣ то имрӯз ба ин қоидаҳо тағйирот ворид карда нашудааст.

Асосҳои пешбурди парвандаи ҷиноятии айбдоркунии хусусӣ бидуни аризаи шахс ва оштишавии тарафҳо ба роҳ монда намешавад, дар мавриди оштӣ шудани айбдоркунандаи хусусӣ бо судшаванда қатъ карда мешавад. Доир ба ин муқаррарот олими рус М. С. Строгович, низ ибрози ақида, намуда буд, ки оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ бояд марҳилаи мустақили мурофивӣ эътироф карда шавад [82, с. 105].

Лозим ба қайд аст, ки лоиҳаҳои кодекси мурофиавии ҷиноятӣ оид ба оғоз намудани парвандаи айбдоркунии хусусӣ аз замони Шӯравӣ гуногун буда, инҳоро дар бар мегирифтанд:

- ҳуқуқи муфаттиш, прокурор ва суд оид ба оғоз намудани парвандаи ҷиноятии айбдоркунии хусусӣ бидуни аризаи ҷабрдида, агар хусусияти ҷамъиятӣ дошта бошанд;

- прокурор ҳуқуқ надошт, ки бидуни аризаи шахс парвандаи ҷиноятии айбдоркунии хусусиро оғоз намояд. Аммо дар замони муосир ба прокурор ҳуқуқ дода шудааст, ки ҳангоми набудани ариза оид ба айбдоркунии хусусӣ парвандаи ҷиноятиро оғоз намояд (қ. 4 м. 24 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон). «Яъне, салоҳияти оғоз намудани парвандаи айбдоркунии хусусӣ аз ҷониби прокурор бинобар ҳимоя карда натавонистани манфиатҳои қонунии шахси зарардида ба ҳисоб меравад» [89, с. 328]. «Агар мантиқан фикр намоем вақте, ки шахс зарар намебинад, хоҳиш ва зарурати ба мақомот ё ба ҳокимияти судӣ мурочиат карданро надорад. Вале новобаста аз он ки чунин имконият ба прокуратура дар Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ

ворид гардида бошад ҳам, солҳои охир (5 сол) тибқи маълумоти оморӣ дар таҷрибаи прокуратураи вилояти Суғд ҳангоми гузаронидани таҳқиқоти илмӣ ягон парвандаи айбдоркунии хусусӣ ба қайд гирифта нашудааст» [218].

Масъалаи оғози парвандаи ҷиноятии айбдоркунии хусусиро дар қонунгузории ҳамаи кишварҳои ИДМ дида метавонем: дар м. 23 КМҶ Ҷумҳурии Қирғизистон айбдоркунии хусусӣ бо «Намудҳои таъқиби ҷиноятӣ» пешбинӣ шуда буд ва ҳамаи намудҳои таъқиби ҷиноятӣ аз лиҳози айбдоркунии хусусӣ, хусусӣ-умумӣ ва умумӣ дар он пешбинӣ шуда буданд. Ва ҳангоми қиёс намудан бо Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусияти таъқиби ин намуди ҷиноятҳо монандӣ доштанд [24]. «Дар ҳолати тағйиру иловаҳо ба м.м. 23 ва 41 КМҶ Ҷумҳурии Қирғизистон таъқиби пешбурд ва ҳолати ҳуқуқии айбдоркунандаи хусусӣ бо айбдоркунандаи хусусӣ -умумӣ якҷоя карда шуда, танҳо ду айбдоркунӣ ба воситаи айбдоркунии хусусӣ-умумӣ ва умумӣ пешбинӣ гардидааст» [25]; «аз рӯйи талаботи қ. 4 м. 32 КМҶ Ҷумҳурии Қазоқистон, таъқиби ҷиноятӣ дар Ҷумҳурии Қазоқистон бо «парвандаи хусусӣ, хусусӣ-умумӣ ва умумии таъқиби ҷиноятӣ» ба роҳ монда мешавад» [27]; мутобиқи қ. 4 м. 276 КМҶ Ҷумҳурии Молдова «Оғози таъқиби ҷиноятӣ бо шикояти ҷабрдида» номгузорӣ шуда, таъқиби ҷиноятӣ танҳо дар асоси шикояти пешакии ҷабрдида оғоз мегардад, ки тартиби пешбурди онҳо ба таври умумӣ ба роҳ монда мешаванд [29]; дар асоси қ. 3 ва 4 м. 213 КМҶ Туркманистон «Парвандаҳои ҷиноятие, ки бо шикояти ҷабрдида оғоз мегарданд», тафтиши пешакӣ гузаронида шуда, баъд аз он барои баррасӣ ба суд фиристода мешаванд. Дар сурати оштии ҷабрдида ва айбдоршаванда то ба хонаи машваратӣ баромадани суд барои эълони ҳукм, пешбурди парвандаи мазкур қатъ карда мешавад [34]; «дар қонунгузории мурофиавии Ҷумҳурии Ӯзбекистон низ мутобиқи талаботи м. 325 КМҶ Ҷумҳурии Ӯзбекистон «Оғози парвандаи ҷиноятӣ аз рӯйи шикояти ҷабрдида» [32] гузаронида мешавад, пешбинӣ гардидааст.

Аз таҳлили меъёрҳои ҳуқуқи мурофиавӣ - ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ бармеояд, ки салоҳияти прокурор оид ба гузаронидани таъқиби ҷиноятӣ нисбат ба айдоркунии хусусӣ баҳри ҳимоя намудани манфиати ҳуқуқи поймолшудаи ҷабрдида (айбдоркунандаи хусусӣ) нисбатан назаррас аст. Дар қ. 4 м. 24 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, салоҳияти прокурор оид ба оғоз намудани парвандаи айбдоркунии хусусӣ ва хусусӣ-умумӣ пешбинӣ шудааст. Вале ба таври пурра дар кадом маврид ӯ метавонад доир ба хусусиятҳои айбдоркунии хусусӣ ва хусусӣ-умумӣ таъқиби ҷиноятиро анҷом диҳад, дар моддаҳои Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муфассал шарҳ дода нашудааст.

Вобаста ба пешбурди парвандаи ҷиноятии айбдоркунии хусусӣ-умумӣ ба ақидаи мо бо қиёси моҳияти пешбурди парвандаи ҷиноятии айбдоркунии хусусӣ танҳо бо мустақилона пешниҳод намудани аризаи айбдоркунандаи хусусӣ ба суд буда, қисми моддаҳои пешбинигардидаи айбдоркунии хусусӣ-умумӣ бошад, дар асоси талаботи м. 151 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба пешбурди воҳидҳои таҳқиқ вобаста шудааст.

Олимони замони Шӯравӣ М. С. Строгович, А. М. Ларин, Я. О. Мотовиловкер, Ф. Н. Фаткуллин ин намуди айбдоркуниро ҳамчун функсияи (тайиноти) мустақилонаи мурофиаи ҷиноятӣ медонистанд [64, с. 24]. Хусусияти оғоз намудани айбдоркунии хусусӣ-умумӣ низ аз хоҳиши шахс вобаста буда, ҳангоми оштӣ шудан бо судшаванда ва бартараф намудани зарари расонидашуда парванда қатъ карда мешаванд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки айбдоркунии хусусӣ-умумӣ бо хусусӣ танҳо аз рӯйи тобеият (салоҳияти пешбурд) фарқият дошта, бо дигар ҳуқуқҳои моддиву мурофиавӣ фарқият надоранд.

Бахри баланд бардоштани натиҷаҳои пешбурди парвандаи ҷиноятии айбдоркунии хусусӣ ақидаҳо зиёданд, вале пас аз баргардонидани ариза, ки ба талаботи м. 354 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷавобгӯй нест аз эҳтимол дур нест, ки

аризадиҳанда бинобар гузаштани вазъияти ба миёномада ва ҳолати рухдода фикру ақида ва мавқеашро барои пешниҳод намудани ариза дигар намояд:

-тағйир ёфтани ҳолати руҳӣ;

- фаромӯш шудани вазъияти ба миён омада;

- даст кашидан аз пешниҳоди ариза;

- гум шудани далелҳо (изу пайҳо ва ғ.)

Вазъи ҳуқуқии айбдоркунандаи хусусӣ ва хусусӣ-умумиро ба назар гирифта, як гуруҳ муаллифон қайд мекунанд, ки айбдоркунии хусусиро ба як намудани алоҳидаи пешбурди мурофиавӣ ҷудо намудан лозим аст [183, с. 6-7], «гуруҳи дуюми муаллифон қайд мекунанд, ки айбдоркунии хусусӣ бояд ба боби алоҳидаи қонунугузории мурофиавии ҷиноятӣ ҷудо карда шавад» [168, с. 7-8; 144, с. 174-176], «гуруҳи сеюми муаллифон қайд мекунанд, ки ба ҳама намуди ҷиноят бояд пешбурд ягона бошад» [189, с. 8; 116, с. 199-202], ки ба айбдоркунандаи хусусӣ барои амалишавии ҳуқуқҳояш мураккабиҳои мурофиавӣ пешбинӣ нагардад.

Ҷиҳатҳои мусбӣ ва манфии пешбурди парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ ва хусуси-умумиро ба назар гирифта, ақидаи гуруҳи сеюми муаллифонро ҷонибдорӣ намуда, қайд менамоем, ки пешбурди парвандаи ҷиноятӣ бояд ягона ва умумӣ бошанд.

Дар натиҷаи таҳлили масъалаи оғоз намудан ва рафти пешбурди парвандаи айбдоркунии хусусӣ чунин тавсияҳоро муфид медонем:

1. Мақомоти таҳқиқ, муфаттиш, прокурор уҳдадоранд, ки ҳама гуна аризаву хабарро дар хусуси содир шудани ҷиноят, аз он ҷумла оид ба айбдоркунии хусусӣ ба қайд гиранд, баррасӣ ва дар давоми се шабонарӯз ба суд ирсол намоянд.

2. Ҳангоми ба мақомоти таҳқиқ ё тафтиш пешниҳод шудани ариза оид ба айбдоркунии хусусӣ ҳолатҳои таъхирнопазирро ба назар гирифта, ташхиси тиббӣ ё шаҳодаткунонии шахси аризадиҳанда ё зарардида зарур аст. Амалҳои номбаршуда амалҳои санҷишии то тафтишотӣ (на амали тафтишӣ) ба шумор рафта, на бо қарори мақомоти пешбурди парвандаи

ҷиноятӣ, балки бо ташаббуси аризадиҳанда, бо ирода ва хоҳиши ӯ дар муассисаҳои тиббӣ гузаронида мешавад. Лекин, баъди оғози парвандаи ҷиноятӣ ба айбдоркунии хусусӣ мумкин аст, ки бо ташаббуси тарафҳо ё судя оиди исботи ин ҳолатҳо амалҳои судии тафтишӣ аз ҷониби мақомоти таҳқиқ бо талаби судя иҷро шаванд. Чунки намуд ва дараҷаи ҷароҳати расонида шуда, ба бандубасти ҷиноят муҳим аст.

3. Воқеан ҷой доштани аломати таркиби ҷиноятҳои пешбурди айбдоркунии хусусӣ бо роҳҳои санҷиши аризаи шахсе, ки мурочиат кардааст, аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ муайян карда шавад. Дар ҳолати муайян гардидани аломати таркиби ҷиноят хос будани пешбурди айбдоркунии хусусӣ ба аризадиҳанда фаҳмонида шавад, ки бо маводҳои дахлдор ба суд мурочиат намояд.

4. Дар сурати пешниҳод нашудани аризаи шахс доир ба содир шудани ҷиноят, кормандони мақомот ба шахси зарардида ё намояндаи ӯ барои ҳимояи ҳуқуқу озодиҳо ба пешниҳод намудани аризаи хаттӣ кӯмак намоянд ё мутобиқи қ. 3 м. 141 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аризаи шифоҳиро қабул намуда, қарор дар бораи ба суд ирсол кардани аризаву мавод дар бораи ҷинояти содиршуда оид ба айбдоркунии хусусӣ қабул намоянд.

5. Оғоз намудани парвандаи ҷиноятии айбдоркунии хусусӣ, *махсус* ҳисобида шуда, аз ҷониби ашхоси алоҳида бо ариза ба суд мурочиат намуданро чун сабаб ва муайян намудани мавҷудияти ҳодисаи ҷиноятро чун асоси оғоз намудани ин намуди пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ дониста, қарори қабули ариза ба пешбурди судиро чун расмиёти мурофиавии оғоз намудани чунин парвандаҳо дониста шавад.

6. Ба зиммаи шахси аз ҷиноят ҷабрдида вогузор кардани ҳуқуқи айбдоркунӣ аз рӯйи парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ ба мазмун мақсад ва вазифаҳои мурофиаи судии ҷиноятӣ, принсипҳои мубоҳисавият, баробарҳуқуқии тарафҳо ва ҳимояи судӣ мувофиқат мекунад. Аз ин рӯ, бо мақсади таъмин намудани дастрасии адолати судӣ ба ҳама ва иҷроиши вазифаи зуд, саривақт ва пурра ошкор намудани ҷиноятҳое, ки

дар шакли хусусӣ таъқиб мешаванд, мақомоти таъқиби ҷиноятӣ вазифадор карда шаванд, ки аризаву маводҳои аввалияро қайду қабул ва ба суд ирсол намоянд. Минбаъд ҷабрдида ва суд дар шурӯъ ва идомаи пешбурд нақши ҳалкунанда доранд.

7. Пешниҳод мешавад, ки баҳри ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои шахс дар пешбурди айбдоркунии хусусӣ, иштироки ҳимоятгар (ройгон) ҳатмӣ дониста шавад.

8. Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳолатҳои ҳатмии иштироки ҳимоятгарро пешбинӣ намуда (м.51 КМҶ), мавҷудияти камбудиҳои ҷисмонию руҳии гумонбаршудае (айбдоршаванда, судшаванда ва маҳкумшуда), ки имконияти мустақилона ҳимоя намудани ҳуқуқ ва манфиатҳояшро надорад чун асоси иштироки ҳатмии ҳимоятгар муайян шудааст. Аз ин рӯ, суд, судя прокурор, муфаттиш, таҳқиқбаранда вазифадор карда шаванд, ки зимни пешбурд ва баррасии судии парвандаҳои ҷиноятии бо м.112, 116 ва қ.1 ва 2 м.156 КҶ ҶТ пешбинишуда иштироки ҳатмии ҳимоятгарро таъмин намоянд.

Таҳлил ва омӯзиши қоидаҳои мурофиавӣ оид ба пешбурди мурофиавии айбдоркунии хусусӣ ва хусуси-умумӣ боиси бартараф шудани камбудиҳои дар амалия ҷойдошта, ҳимоя шудани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва саривақт кушодани ҷиноят, инчунин пешгирии кирдорҳои хавфнок мегардад, ки воқеан адолат барқарор ва пойдор гардад.

## 3.2. Хусусиятҳои пешбурди судии парвандаҳои ҷиноятии айбдоркунии хусусӣ: тобеияти судӣ; оғоз намудани парвандаҳо; исбот ва асосҳои қатъ шудани пешбурди парванда

Ҳифз намудани ҳуқуқу манфиатҳо ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таъмин гардидани волоияти қонун ва дигар арзишҳои инсонӣ, такомул ёфтани соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ аз ҷумлаи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, марҳила ба марҳила руш ёфта, бунёди давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд рӯ ба тараққӣ ниҳода истодааст. Бо дар назардошти

тамаддуни соҳаҳои ҳаётан муҳим, ислоҳотӣ судӣ ҳуқуқӣ низ марҳила ба марҳила рушд ёфта, баҳри таҳким бахшидан ба ҳокимияти судӣ ва такмили қонунгузорӣ равона мегардад.

Ҳокимияти судӣ баҳри таъмини адолати иҷтимоӣ дар асоси принсипу меъёрҳои демократии мурофиаи судӣ, аз ҷумла баробарии ҳама дар назди қонун ва суд, баробарҳуқуқии тарафҳо дар ҷараёни баҳсу мунозира ва ба тарзи ошкоро гузаронидани мурофиаи судӣ сурат мегирад, ки ин меъёрҳои қонун кафили воқеии ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон, таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, дар маҷмуъ, нишонаи муҳимтарини ҷомеаи адолатпарвар, демокративу ҳуқуқбунёд ва дунявиву иҷтимоӣ мебошад.

«Мутобиқи м. 87 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон судяҳо дар фаъолоияти худ мустақил буда, танҳо ба Конститутсия ва қонун итоат мекунанд, ки дахолат ба кори онҳо манъ аст» [1]. «Конститутсия барои ҳамма ҳифзи судиро кафолат додааст, яъне шахсони воқеиву ҳуқуқӣ ва ташкилоту муассисаҳо ҳангоми халалдор шудани ҳуқуқу озодиҳояшон метавонанд бевосита ба суд муроҷиат намоянд ва суд дар асоси меъёрҳои Конститутсия ва қонунҳо бояд ҳуқуқу озодиҳои онҳоро ҳимоя намояд» [126, с. 305]. Чунин муқаррароти Конститутсия барои пешрафти ҷомеа ва таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон хело муҳим буда, эътимоди шаҳрвандонро барои таъмини ҳуқуқу озодиҳо ва манфиатҳои қонунии онҳо таҳким мебахшад. «Чуноне, ки З. Ҳ. Искандаров зикр мекунанд, амалишавии бевоситаи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таъмин ва амалишавии татбиқи қонунгузорӣ, фаъолияти қонунбарор, иҷроияро ҳокимияти судӣ таъмин менамояд» [54, с. 29].

Чӣ тавре, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ, аз 26 декабри соли 2018 таъкид намуда буданд: «Таъмин намудани тартиботи ҳуқуқӣ, амнияти давлат, суботу оромии ҷомеа, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, инчунин,

мубориза бо ҷинояткорӣ вазифаи бевоситаи хизматӣ ва қарзи виҷдонии ҳар як корманди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба ҳисоб меравад». Бинобар ин зарур шуморида буданд, ки барномаи нави ислоҳоти судиву ҳуқуқӣ барои солҳои 2019 - 2021 таҳия карда, дар доираи он, сохтор ва фаъолияти судӣ такмил дода шавад ва ҷиҳати баррасии босифату саривақтии парвандаҳо ва иҷрои санадҳои қабулнамудаи судӣ чораҳои мушаххас андешида шаванд. «Бо ин мақсад «Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2022-2026» ба тавсиб расидааст, ки бо мақсади эҳтиром, риоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон ва ташаккули фарҳанги ҳуқуқи инсон равона гардида, кафолат медиҳад, ки ҳуқуқу озидиҳои инсон ва шаҳрванд аз ҷониби давлат эътироф ва ҳифз карда шаванд» [14].

Бо ин мазмун ба яке аз масъалаҳои муҳимми пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ, ки аз замони Шӯравӣ ва то ҳол дар амалияи мақомоти ҳокимияти судӣ боқӣ мондаанд, ба хусусиятҳои пешбурди судии парвандаҳои ҷиноятии айбдоркунии хусусӣ: тобеияти судӣ; оғоз намудани парвандаҳо; исбот ва асосҳои қатъ шудани парванда аҳамият медиҳем.

Пешбурди парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ дар суд як қатор хусусиятҳои мурофиавии хоси худро дошта, бо аризаи айбдоркунандаи хусусӣ шахсе, ки ҷиноят содир намудааст ба ҷавобагрӣ кашида шуда, пешбурди он тибқи қонунугузории мурофиавии ҷиноятӣ ба салоҳияти суд вогузор карда шудааст.

Ба андешаи З. Ҳ. Искандаров оғози парвандаи ҷиноятӣ давраи мустақили мурофиаи ҷиноятӣ буда, бо вазифа, иштирокчиён, доираи муайяни амалҳои мурофиавӣ, ҳуҷҷатҳои мурофиавӣ аз давраҳои дигари мурофиаи ҷиноятӣ фарқ мекунад. Мурофиаи ҷиноятӣ, ба мисли –ҳимояи ҳуқуқ ва манфиати шахс, ҷомеа ва давлат, ки аз ҷиноят зарар дидаанд; саривақт ва пурра ошкор намудани амали ҷинояткорона; ба ҷавобгарии

ҷиноятӣ кашидани шахси дар содир намудани ҷиноят гунаҳгор, ҳимоя намудани шахс аз айбдорӣ ва маҳкумнамоии беасос ва ба иҷро расидани, хулосаву қарорҳои асоснок, қонунӣ ва дуруст бояд бошанд. Вагарна таъмин намудани ногузирии ҷавобгарии ҷиноятӣ, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани маҳз шахсони гунаҳгор, саривақт аз ҷавобгарӣ озод намудани ашхосе, ки бегуноҳ таҳти таъқиботи ҷиноятӣ қарор дода шуданд, ғайриимкон гашта, мурофиаи ҷиноятӣ тайиноти худро чун тарзи маъруфи ҳимояи ҳуқуқ ба иҷро расонида наметавонад. Инчунин зикр мекунанд, ки оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ марҳилаи мурофиавиест, ки зимни он ашхоси мансабдор аризаву иттилоотро дар бораи содир намудани ҷиноят қабул намуда, ё дар ин бора худ бевосита маълумот пайдо намуда, бояд муайян намоянд, ки оё асосҳои воқеӣ ва ҳуқуқии оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ мавҷуданд ё не [123, с. 196-197].

Агар ба замони Шӯравӣ назар афканем муқаррароти умумии м. 3 асосҳои мурофиавии ҷиноятии ИҶШС ва давлатҳои иттифоқ» [20, с. 15], «мутобиқи моддаҳои кодекси мурофиавии ҷиноятии ҳамаи давлатҳои собиқ ИҶШС ба суд ҳуқуқи оғози парвандаҳои ҷиноятии айбдоркунии хусусӣ-умумӣ ва умумиро дода буд [17; 21].

Қиёси меъёри Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо КМҶ ҶШС Тоҷикистон (с.1961) дар он зоҳир мегардад, ки механизми қабулкунии қарори мурофиавии суд дар бораи оғози парвандаи ҷиноятӣ, дар барои ирсол кардани парвандаи ҷиноятӣ ва ё ба пешбурди худ қабул кардани парвандаро пешбинӣ мекард (м. 3, м.м. 105-110, м. 111 қ. 3; м. 257, м. 258, қ. 2 м. 263 КМҶ ҶШСТ бо тағйироти соли 1961).

«М. С. Строгович, зикр намуда буданд, ки меъёри КМҶ ИҶШС ба судҳо танҳо ҳуқуқи оғози парвандаи ҷиноятиро пешбинӣ карда буд, на ин ки иҷрои функсияи таъқиби ҷиноятиро» [79, с. 70-71]. «М. А. Ларин бо

М. С. Строгович ҳамфикр буда, функсияи таҳқиқ ва тафтиши ҷиноятро ба суд умуман хос намеҳисобиданд» [64, с. 38].

Ҳангоми таҳқиқот муайян гардид, ки дар адабиёти ҳуқуқӣ доир ба ин масъала фикру мулоҳизаҳои гуногуни муаллифони Шӯравӣ баён шуда буданд [138, с. 54], вале аксари муаллифон ба он назаранд, ки оғози парвандаи айбдоркунии хусусӣ танҳо бо аризаи ҷабрдида, ки ин ҳуқуқи ҷабрдида аст ва ӯ метавонад шикояташро дастгирӣ намояд ё ин ки бо айбдоршаванда оштӣ шавад дар бар гирифтааст. «Муаллифони дигар, В. Божев, В. В. Дорошков, С. А. Синенко, Ю. К. Якимович, дар он ақидаанд, ки марҳилаи оғози парвандаи ҷиноятии айбдоркунии хусусӣ бояд дар низоми тафтишот бошад, ки маҷмуи амалҳои мурофиавии ҷиноятӣ ва муносибатҳои ҳуқуқиро ташкил медиҳанд. Фикри сеюм муаллифон дар он аст, ки парвандаи айбдоркунии хусусӣ аз лаҳзаи пешниҳод намудани ариза оғоз нагардида, балки баъди баровардани қарори судя оғоз карда мешавад» [111, с. 8; 182, с. 337; 104, с. 109-110]. «Ба фикри мо низ оид ба пешбурди парвандаи ҷиноятӣ новобаста аз хусусият бояд мақомоти таъқиби ҷиноятӣ аризаро оид ба ҷиноят қабул намояд» [129, с. 138]. Зеро яке аз масъалаҳои муҳимми мурофиаи ҷиноятӣ ин ҳифзи ҳуқуқи инсон ба ҳаёт, саломатӣ, озодии шахс, дахлнопазирӣ, шаъну шараф мебошад, ки аз фаъолияти шахсони ваколатдори мансабӣ вобастагӣ дорад.

«Чуноне, ки З. Ҳ. Искандаров зикр мекунанд, агар одамро аз ҳаққи ҳаёт, озодӣ, озодии виҷдон ва эътиқод, амният, инкишоф, ҳурмату эҳтироми инсонӣ, дахлнопазирӣ ба ҳаёти шахсӣ, иштирок дар кори умум, моликият, дифо аз ҳама гуна зулму истибдот, беадолатӣ ва дигар ҳуқуқҳои ҳаётан муҳим маҳрум созем, шахсияти инсонии ӯ аз байн хоҳад рафт [55, с. 12].

«Ҳуқуқҳои ҷабрдида ва айбдоркунандаи хусусиро дар мурофиаи ҷиноятӣ В. В. Дорошков таҳлил намуда, андеша дорад, ки ҳуқуқҳои айбдоркунандаи хусусӣ назар ба ҷабрдида фарқ мекунанд ва шахс танҳо баъди пешниҳод намудани аризаи айбдоркунии хусусӣ ба суд, метавонад

мавқеи ҷабрдидаро гирад, ин моҳияти онро дорад, ки судя то аризаро ба пешбурди худ қабул накунад (қ. 5 м. 354 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон), шахс мавқеи айбдоркунандаи хусусиро гирифта наметавонад. Аммо таҷрибаи амалияи судӣ нишон медиҳад, ки ҳангоми пешниҳод гардидани ариза оид ба айбдоркунии хусусӣ, судя танҳо қарор оид ба пешбурди худ қабул кардани парвандаи айбдоркунии хусусиро мебарорад. Оид ба масъалаи эътироф кардани шахси ариза пешниҳод намуда ҳамчун ҷабрдидаи ҷиноят ба сифати айбдоркунандаи хусусӣ қарор бароварда намешавад». «Ақидаи В. В. Дорошков дар он аст, ки ҳуқуқҳои айбдоркунандаи хусусӣ назар ба ҷабрдида маҳдудтар аст [51, с. 51]. «Вале мутобиқи қ. 1 ва қ. 2 м. 42 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, айбдоркунандаи хусусӣ аз тамоми ҳуқуқҳо истифода мебарад ва тамоми уҳдадориҳои ҷабрдидаро дорост ба истиснои пешбурди тафтиши пешакӣ».

Яъне, дар асоси м. 354 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, парвандаи ҷиноятии айбдоркунии хусусӣ аз ҷониби ҷабрдида ё намояндаи қонунии ӯ бо роҳи ба суд додани ариза дар бораи ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс оғоз карда мешавад. Аммо сархати понздаҳуми қ. 1 м. 35 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири зерин ифода карда шудааст: «суд дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасии судии парвандаи ҷиноятиро оид ба айбдоркунии хусусӣ оғоз намояд ё маводи онро барои оғози парвандаи ҷиноятӣ ва гузаронидани таҳқиқ ва ё тафтиши пешакӣ аз рӯйи тобеияти тафтишӣ ба мақомоти дахлдор ирсол кунад». Инчунин мутобиқи талаботи қ. 4 м. 24 прокурор метавонад новобаста аз мавқеи шахс (ҷабрдида, айбдоркунандаи хусусӣ), таъқиби ҷиноятро ба анҷом расонад ва ё бо қ. 2 м. 354 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, парвандаи айбдоркунии хусусиро оғоз намояд. Таҳлили меъёрҳои мазкур шаҳодати он аст, ки духӯрагиҳо ҳангоми пешбурди парвандаи мазкур дида мешаванд.

Амалияи судӣ нишон медиҳанд, ки аз ҷониби судяҳо саривақт аризаҳои хусусияти айбдоркунии хусусидошта қабул карда намешаванд. Ҳангоми қабули ариза низ судяҳо ба таркиби аризаи пешниҳодгардида аҳаммият намедиҳанд, зеро меъёри Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, судяро уҳдадор накардааст, ки ҳангоми қабули ариза: аризадиҳанда намуд ва аломатҳои ҷиноятро муайян намояд; оё дар амали шахс кирдори ҷиноят дида мешавад ё не; дар кирдорҳои шахс оё асосҳо барои қатъ кардани парвандаи ҷиноятӣ дида мешавад ё не; оё мухлати мурочиат ба охир расидааст ё не ва ғ., ки мо бо чунин тартиб розӣ шуда наметавонем. Ин ҳолат яке аз сабабҳои асосии маҳдуд шудани ҳуқуқи конститутсионии шахс ба дастрас будани адолати судӣ гардидааст. Бартараф нашудани чунин камбудиҳо дар амалия ба муаммоҳои пешбурди айбдоркунии хусусӣ оварда мерасонад. Дар Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мухлатҳои пешниҳод шудани ариза аз тарафи айбдоркунандаи хусусӣ пешбинӣ карда нашудааст. Мухлати пешниҳоди ариза бояд аз лаҳзаи содир шудани ҷиноят бо назардошти мухлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс (м. 75 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон) бояд муқаррар гардад, то ки судя қарор оид ба рад намудан аз қабули аризаи айбдоркунии хусусиро барорад.

Барои асоснок намудан, яке аз амалҳои судиро барои қабули аризаи айбдоркунии хусусӣ мисол овардан ба маврид аст. Мис.: аз ваҷҳҳое, ки дар аризаи шаҳрванд О.Ф.М. оид ба айбдоркунии хусусӣ оварда шудааст, қайд мекунад, ки ба суд 6 моҳ мешавад ки мурочиат мекунад вале аризаи ӯро суд бе асос баргардонида истодааст. Қаблан аз ҷониби ӯ аризааш бо риоя шудани талаботи меъёри м. 354 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шуда буд, ки он маротибаи аввал аз ҷониби судя қабул шуда, санаи 25 апрели соли 2019 аризаи пешниҳоднамудааш бо тамоми замимаҳояш гӯё, ки бинобар ба талаботи қ.қ. 3 ва 4 м. 354 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷавобгӯй намебошад пас аз 1 моҳ барои бартараф намудани

камбудиҳо ва норасогиҳои ҷойдошта огоҳ карда мешавад, ки то санаи 22 майи 2019 муҳлат дода шуда, маълумот дар бораи шахсе, ки ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад дар аризааш дарҷ намуда, рӯйхати шоҳидоне, ки ба суд даъваташон заруранд  пешниҳод намояд. Дар асл бошад маълумоти пурраи шахсе, ки бояд ба ҷавобгарӣ кашида шавад, дар нухсаи қарори рад намудан аз оғози парвандаи ҷиноятии аз тарафи ШВКД ҶТ дар ш. Хуҷанд №1359 аз санаи 03 октябри соли 2018 якҷоя бо дигар ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда пешниҳод шуда буд.

«Шаҳрванд О.Ф.М. санаи 23 майи соли 2019 такроран ҳуҷҷатҳоро ба суд пешниҳод менамояд вале судя бо баҳонае он ки «дер карда ҳуҷҷата овардӣ, ман «делата» алакай рад карда «канселярива» супоридам, аз дигар аризата санаи вақти худамба биёр қабул карда мегирам» гуён аз қабул намудани ариза ва ҳуҷҷатҳои ба он замимашударо рад кардааст».

Санаи 29 майи соли 2019 такроран ариза бо ҳуҷҷатҳои замимашуда ба суд супорида мешавад. Он аз ҷониби судяи дигар санаи 03 июни соли 2019 ариза гӯё ба талаботи қисмҳои 4, 5, 6, 7 м.354 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, иҷро нагардида бошад то санаи 13 июни соли 2019 барои бартараф намудани норасогиҳо муҳлат низ дода мешавад. Санаи 03 июли соли 2019 боз нисбати ариза ва ҳуҷҷатҳои пешниҳодгардидааш қарор барои бартараф кардани камбудиҳо ва норасогиҳои дар ариза ҷой доштааш пешниҳод мегардад. Асоси қарори мазкурро судя қайд менамояд, ки «дархост ба суд оид ба қабул карда гирифтани парванда барои пешбурд ва рӯйхати шоҳидоне, ки даъваташон ба суд зарур аст бо суроғаҳояшон» пешниҳод накарда бошад…[215].

Ҳамин тариқ, дар амалияи судӣ ва ё мақомоти ҳифзи ҳуқуқ оид ба қабули аризаи шахс хусусан ҷабрдида (айбдоркунандаи хусусӣ) муаммоҳо зиёданд. Ин амалҳои қайдгардида аз беамалӣ ва хунукназарии судяҳо буда, беасос маҳдуд шудани ҳуқуқи конститутсионии шахсро нишон медиҳад.

Бояд қайд кард, ки қабули аризаи айбдоркунии хусусӣ, ки тибқи қонунугузорӣ ба суд вогузор карда шудааст, маҳз суд метавонад онро саривақт ба пешбурди худ қабул намуда, мавриди санҷиш қарор дода, барои баррасӣ намудан шурӯъ намояд. Иҷрои ин вазифа ба мақомоти судӣ вобаста шудааст, лекин риоя нашудани он боиси маҳдудиятҳои ҳуқуқҳои ҷабрдида (айбдоркунандаи хусусӣ) шуда истодааст.

«Чуноне, ки олими ватанӣ З. Ҳ. Искандаров иброз мекунанд, функсияи асосии судӣ ин ба амал баровардани адолат аст. Адолат ғояи ҳуқуқӣ, маънавӣ, ахлоқӣ буда, маҳаки ҳалкунандаи баҳсу мунозира тибқи м. 84 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мешавад» [55, с. 85].

«В. А. Кримов, [171, с. 63] дар таҳқиқоти худ қайд мекунад, ки ҷабрдида дар мурофиаи айбдоркунии хусусияти умумидошта назар ба айбдоркунандаи хусусӣ ҳуқуқҳои маҳдуд дорад. Ба андешаи мо, баръакс айбдоркунандаи хусусӣ назар ба ҷабрдидаи айбдоркунии хусусияти умумидошта ҳуқуқҳои маҳдуд дорад, аризаро ба талаботи м. 354 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй намудан, ба ғайр аз ҳокимияти судӣ дигар ба ягон мақомот муроҷиат накардан, далелҳоро худ ҷамъоварӣ намудан, руйхати шоҳидонро пешниҳод кардан, ҳолати рухдодаро исбот намудан ва бидуни иштироки прокурор ба сифати айбдоркунандаи давлатӣ мурофиаи судӣ баргузор мегардад, ки мустақилияти айбдоркунандаи хусусӣ дар суд аст. Вале, ҳангоми баррасии парвандаи айбдоркунии хусусӣ иштироки прокурор ҳамчун айбдоркунандаи давлатӣ таъмин мегардид, ҳуқуқҳои айбдоркунандаи хусусӣ васеътар мегардид. Бинобар ин Р. Р. Раҳмадҷонзода зикр менамоянд, ки иштироки прокурор дар баррасии тамоми парвандаҳои ҷиноятӣ ҳамчун айбдоркунандаи давлатӣ зарур аст» [181, с. 71].

Солҳои охир дар қарорҳои Пленуми Суди Олӣ ва барномаҳои ислоҳоти судии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ масъалаи пешбурди парвандаи айбдоркунии хусусӣ мавриди баррасӣ қарор дода нашудаанд.

Ба ин масъала танҳо соли 2011 ҚПСО ҶТ [200] бисту панҷ сол амал менамояд ва то ҳол тағйир наёфтааст.

Бинобар ин, баҳри таъмини ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии айбдоркунандаи хусусӣ ба мурофиаи ҷиноятӣ зарурати ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунугузории мурофиавии ҷиноятӣ ба миён омадааст.

Судро лозим меояд, ки тибқи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ бо қарори қабули ариза ба пешбурд, парвандаро оғоз намуда, барои ҳалли масъалаи мурофиавӣ, яъне баррасии он шурӯъ намояд. Пешбурди парвандаи айбдоркунии хусусӣ амалҳои пайдарҳам ва ҳадафноки судро дар бар гирифтааст, аз ҷумла:

1. Амали суд ва уҳдадории айбдоркунии хусусӣ оид ба пешбурди айбдоркунии хусусӣ:

- таҳти тобеияти судӣ қарор доштани аризаи воридгардида;

- танҳо дар ҳолати ҷавобгӯй будани ариза ё маводи воридгардида, қарори қабули ариза ба пешбурд аз тарафи суд;

- ба талаботи меъёри м. 354 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй будани ариза;

- уҳдадор будани айбдоркунии хусусӣ барои пешниҳод намудани далелҳо;

- аз тарафи суд ба тарафҳо фаҳмонидани ҳуқуқ ва уҳдадориҳо мутобиқи талаботи м.м. 43, 47 ва 355 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- бо дархости айбдоркунандаи хусусӣ мусоидат намудани судя дар ҷамъоварии далелҳо;

- аз ҷониби айбдоркунандаи хусусӣ таъмин намудани шоҳидон ба мурофиаи судӣ;

- уҳдадор гардидани айбдоркунандаи хусусӣ барои гузаштан аз ташхиси судӣ;

- уҳдадор гардидани айбдоркунандаи хусусӣ барои пешниҳод намудани хулосаи тиббӣ ё иқтибос аз варақаи тиббии бемории бистаришуда;

- уҳдадор гардидани айбдоркунандаи хусусӣ барои пешниҳод намудани маълумотнома оид ба доғи судӣ доштан ё надоштан.

Инчунин айбдоркунандаи хусусӣ уҳдадор гардидааст, ки далелҳоро пешниҳод намояд, вале муҳлати ҷамъоварӣ ва пешниҳоди далелҳо дар Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, пешбинӣ нагардидааст.

Қонунгузор судро вазифадор кардааст, ки тибқи талаботи қ. 3 м. 355 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳангоми пешниҳод намудани дархост аз ҷониби айбдоркунандаи хусусӣ барои ҷамъоварии далелҳо мусоидат намояд, вале барои судшаванда пешбинӣ карда нашудааст Меъёри мазкурро таҳлил намуда, пешниҳод менамоем, ки ба қ. 1 м. 355 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар ҳолати ҷавобгӯй набудани ариза ба талаботи меъёри м. 354 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шахси аризадодаро вазифадор намояд, ки далелҳоро «дар муҳлати на дертар аз 5 рӯз пешниҳод намояд». Инчунин, судя бояд принсипи мубоҳисавӣ ва баробарҳуқуқии тарафҳоро ба роҳбарӣ гирифта, ба қ. 3 м. 355 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Бо дархости айбдоркунандаи хусусӣ ва судшаванда судя бояд ба онҳо дар ҷамъоварии далелҳо бо роҳи талаб кардани маводҳо мусоидат намояд» илова карда шавад, ки ба м. 86 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ аст.

2. Судяро зарур меояд моҳияти кирдори ҷиноятии содиршударо ба таври кофӣ омӯхта, далелҳои пешниҳодшударо мавриди санҷиш қарор диҳад. Ҳангоми қабули ариза судяро зарур аст, ки мавҷуд будани аломати ҷиноят ва далелҳои айбдоркунандаро муайян намуда, бо мақсади муайян намудани асосҳои кофӣ, барои оғоз намудани пешбурди

судии парвандаи айбдоркунии хусусӣ, амал намояд. Дар ҳолати ҷой доштани камбудӣ дар ариза ва норасоиҳо ба далелҳои айбдоркунанда, судро зарур меояд шахсе, ки аризаро пешниҳод кардааст, барои бартараф намудани камбудиҳо даъват намуда, муҳлат муқаррар намояд. Дар сурати риоя накардани муҳлат, судя бо қарори худ оғози парвандаи айбдоркунии хусусиро рад кунад ва дар ин бора шахси аризанамударо огоҳ намояд. Дар ин хусус айбдоркунандаи хусусиро зарур меояд, ки аризаро бо далелҳои кофии айбдорӣ тасдиқ намуда, маълумот дар бораи шахсе, ки бояд ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шавад бо шоҳидон ба суд пешниҳод намояд. Дар мавриди ҷой доштани қарори рад оид ба оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ аз тарафи мақомоти таҳқиқ ва тафтиш аз суд талаб намояд, ки маводҳои радшуда ба пешбурди суд ирсол карда шаванд. Маводҳои радкардашудаи мақомоти таҳқиқ ва тафтишро барои ба суд пешниҳод намудан аз суд талаб намояд.

3. Дар сурати риоя накардани муҳлат, судя бо қарори худ оғози баррасии парвандаи айбдоркунии хусусиро рад мекунад ва дар ин бора аризадиҳандаро огоҳ мекунад. Пешниҳод мекунем, ки ба қ. 1 м. 355 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, калимаи «баррасӣ», яъне «Ҳангоми иҷро накардани қарор судя бо қарори худ ҷиҳати баррасӣ қабул кардани аризаро рад намуда, дар ин бора аризадиҳандаро огоҳ месозад» пешбинӣ шудааст, вале ба андешаи мо ҳангоми қабули ариза аз тарафи суд қарори қабули ариза ба пешбурд бароварда мешавад, ки ариза ба пешбурд қабул шуда, минбаъд дар маҷлиси судӣ бо маводҳо моҳиятан «баррасӣ» мешавад. Бинобар ин, таклиф менамоем, ки «ҳангоми иҷро нашудани қарор, судя бо қарори худ ҷиҳати ба пешбурди худ қабул намудани аризаро рад намуда, дар ин бора шахси арзнамударо огоҳ месозад» иваз карда шавад.

4. Асоси оғоз намудани парвандаи айбдоркунии хусусӣ дар суд ин аризаи шахс ба ҳисоб меравад. Бинобар ин, суд шахсеро (судшавандаро) ки нисбати ӯ ариза пешниҳод шудааст даъват намуда, бо ариза шинос мекунад ва баёноти ӯро мешунавад. Чунин амали суд дуруст буда, барои

ҳалли масъалаи оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ ва барои саривақт пешниҳод намудани аризаи муқобил имконият медиҳад.

5. Судя аризаи пешниҳод гардидаро дида баромада, асосҳоеро муайян менамояд, ки оё ба оғози парвандаи ҷиноятӣ мухолифат менамояд ё не, инчунин ҷой доштани ҳолатҳои дар бандҳои 5 ва 6 м. 27 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишударо ба назар гирифта, дар сурати мавҷуд будани чунин ҳолатҳо қарори рад кардан аз оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ мебарорад.

6. Судя, пеш аз оғоз намудани парвандаи айбдоркунии хусусӣ, барои оштӣ шудани тарафҳо чораҳо меандешад. Ин амали суд тақрибан дар аксарияти қонунгузориҳои мурофиавии ҷиноятии ИДМ чун қоида ва ҳамчун як меъёри маъмултарин муқаррар гардидааст.

Таҷрибаи судӣ нишон медиҳад, ки то оғоз шудани парвандаи ҷиноятии айбдоркунии хусусӣ судя шахсе, ки нисбаташ ариза пешниҳод гардидааст, даъват намуда, барои оштӣ шудан бо айбдоркунандаи хусусӣ кӯшиш менамоянд. Ин аҳаммияти амали суд дар он аст, ки а) аризаи айбдоркунандаи хусусӣ бидуни муҳокимаи судӣ ҳалли худро меёбад; б) шумораи баррасии судии парвандаи айбдоркунии хусусӣ кам мегарданд; в) теъдоди аризаҳо оид ба оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ, кам ба қайд гирифта мешаванд. Бояд зикр намуд, ки доир ба ин мавзуъ дар КПСО ҶТ шарҳу эзоҳ ҷой надорад, ки ба судяҳо тавзеҳоти дастурӣ диҳад. Зеро судя мутобиқи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ аз рӯйи аризаҳои воридшуда яке аз се қарори дахлдорро қабул мекунад: а) қарори қабули ариза ба пешбурд; б) дар бораи рад кардан аз оғози пешбурди парвандаи ҷиноятӣ; в) барои бартараф намудани камбудӣ ва пешниҳоди далелҳо бо муқаррар намудани мuҳлат.

Агар шахси аризапешниҳоднамуда ва шахсе, ки нисбати ӯ шикоят оварда шудааст байни худ оштӣ шаванд, муносибати онҳо муътадил гардад, зарурати баррасӣ намудани парванда ҷой надорад. Дар натиҷа танҳо, қарор дар бораи қатъ кардан аз оғози парвандаи ҷиноятии айбдоркунии хусусӣ, бинобар оштӣ шудани тарафҳо бароварда мешавад.

«Мутобиқи қ. 5 м. 355 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» [8] оштӣ шудани тарафҳо тибқи ариза, то хонаи машваратӣ рафтани судяро дар бар мегирад. Раисикунандаи маҷлиси судӣ пеш аз қабули қарор дар бораи қатъ намудани парвандаи айбдоркунии хусусӣ бинобар оштӣ шудани тарафҳо, зарари расонидашударо, ки судшаванда ҷуброн кардааст, ё ин ки ӯ ягон шикоят надорад, бояд муайян намояд.

«Дар ҳолати аз тарафи якчанд нафар содир шудани ҷиноят, ки ба пешбурди айбдоркунии хусусӣ дахл дорад, М. А. Челтсов, зикр намуда буд, ки ҳар як шахс метавонад дар алоҳидагӣ ба сифати айбдоркунандаи хусусӣ бо ариза ба суд баромад намояд» [212], яъне онҳо дар пешниҳод намудани ариза мустақил мебошанд.

Агар дар асоси аризаи яке аз шахсон, парвандаи айбдоркунии хусусӣ оғоз шуда бошад, шахсони дигари зарардида низ метавонанд бо ариза ба мурофиаи оғозгардида то баровардани қарори дахлдор ҳамроҳ шаванд. Бидуни сабабҳои узрнок ҳозир нашудани онҳо ё намояндагони онҳо, парвандаи ҷиноятӣ қатъ карда мешавад. Дар ҳолате, ки яке аз шахсони зарардида бо шахсе, ки нисбаташ ариза пешниҳод карда буд оштӣ шаванд, боқимонда шахсони зарардида метавонанд баррасии арзашонро идома бахшанд. Дар ҳолати шахсони дигари зарардида оштӣ нагарданд, муҳокимаи судӣ идома дода шуда, масъалаи гунаҳгорӣ ва бегуноҳии судшаванда дар ҳукм ифода гашта ва дар ҳолати оштӣ шудан, қарори дахлдор бароварда мешавад.

Ҳангоми пешниҳод шудани ариза оид ба айбдоркунии хусусӣ, судя бояд муайян намояд, ки шахсонеро, ки бояд ба ҷавобгарӣ кашида шаванд ва шахсонеро, ки зарар дидаанд, аризадиҳанда бояд дар аризаи худ нишон диҳад ва исбот намояд. «Зеро, чи хеле, ки Р. В. Мазюк, зикр мекунад, доир ба парвандаи айбдоркунии хусусӣ мавқеи «гумонбар» ҷой надорад, яъне давраи гумонбарӣ дида нашуда, шахс танҳо ба сифати судшаванда баромад менамояд» [134, с. 157]. Вале ба ақидаи мо ҳангоми оғоз гардидани парвандаи айбдоркунии хусусӣ ҳам айбдоркунандаи хусусӣ ва ҳам судшаванда субъектони мустақили мурофиаи судӣ ба

ҳисоб рафта, мутобиқи муқаррароти Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, агар аз лаҳзаи пешниҳод намудани ариза оид ба айбдоркунии хусусӣ шахс ба сифати айбдоркунандаи хусусӣ (ҷабрдида) баромад намояд, айбдоршаванда ба сифати судшаванда баромад менамояд.

Мутобиқи қ. 5 м. 145 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, оид ба хабар ва иттилоот дар бораи ҷиноят, бояд дар муҳлати на зиёда аз 3 шабонарӯз аз рӯзи қабули ариза қарори дахлдор қабул карда шавад. Дар ҳолатҳои зарурӣ бо мақсади гирифтани маълумоти иловагӣ аз шахси аризадиҳанда боз талаб намудани ҳуҷҷатҳо зарур аст. Ин амалҳо барои парвандаҳои ҷиноятии хусусияти умумидошта буда, барои парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ ва хусусӣ-умумӣ муҳлатҳо ва тарзи пешбурди онҳо гуногун пешбинӣ гардидаанд.

Судя зарурати оғоз намудани парвандаи айбдоркунии хусусиро дар қарор баён менамояд. Тартиби мурофиавии барасмиятдарории қарори мазкур мустақилияти судяро нишон медиҳад, ки таваҷҷуҳи зиёди амалиро аз суд талаб менамояд. Дар ин маврид тибқи қонунугузории мурофиавии ҷиноятӣ амали тафтишӣ гузаронида нашуда, танҳо тафтиши судӣ гузаронида мешавад.

Шакл ва мазмуни қарори қабули аризаи айбдоркунии хусусӣ ба пешбурд, ба талаботи умумии шакл ва мазмуни қарори қабули ариза ба пешбурд аз тарафи суд бо асосҳои кофӣ нисбати аломатҳои ҷиноятие, ки дар меъёрҳои моддаи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дида мешаванд ва дар асоси м.м. 140, қ. 6 м. 145 ва м. 146 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба расмият даровarда мешавад. Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб, шакл ва асосҳои аз ҷониби судя баровардани қарор оид ба оғоз намудани парвандаи ҷиноятии айбдоркунии хусусиро ба пешбурди худ нишон нададааст. Ва, чи тавре, ки дар қ. 5 м.354 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст, аз лаҳзаи аризаро барои ба пешбурд қабул кардани суд шахси онро пешниҳодкарда айбдоркунандаи

хусусӣ ҳисобида мешавад, қарор оид ба эътироф намудани шахс ба сифати айбдоркунандаи хусусӣ низ нишон дода нашудааст. Чӣ тавре, ки дар қ. 1 м. 42 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст, шахсро ҳамчун ҷабрдида, баъди муқаррар кардани ҳодисаи ҷиноят ва воқеияти бар асари ҷиноят расидани зарар, фавран қарор қабул карда, суд тайинот мебарорад. Танҳо баъди муайян намудани воқеияти ҳодисаи рухдода ва баъди санҷидани далелҳо шахсро ҷабрдида эътироф намудан мумкин аст. «Ба андешаи Р. Р. Раҳмадҷонзода аз лаҳзаи ба суд додани ариза, аризадиҳанда ҳанӯз айбдоркунандаи хусусӣ эътироф намегардад» [179, с. 41]. «Доир ба ин З. Ҳ. Искандаров, низ зикр мекунанд, ки: шахс бо қарори мақомоти таҳқиқ, муфаттиш ва прокурор ҷабрдида эътироф шуда метавонад, вагарна ӯ наметавонад ҳуқуқҳои худро ҳамчун ҷабрдида дар мурофиаи ҷиноятӣ истифода барад» [56, с. 209].

Бояд зикр намуд, ки судя доир ба парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ омодасозии дахлдорро, ки дар м. 355 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст, ба анҷом мерасонад. Судя шахсро ба сифати айбдоркунандаи хусусӣ бояд баъди қабули қарор огоҳ намуда, ҳуқуқҳои ӯро фаҳмонад.

«Ба сифати айбдоркунандаи хусусӣ эътироф намудани шахс ва фаҳмонидани ҳуқуқҳои ӯ бояд то маҷлиси судӣ буда, дар давоми 7 шабонарӯз» [199] аз лаҳзаи қабул шудани ариза вазифадор аст шахсеро, ки нисбати ӯ (судшаванда) шикоят шудааст, даъват намуда, бо ариза шинос намояд. Ҳуқуқҳои ӯро мутобиқи м. 47 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаҳмонад, ки: дар муҳокимаи судии суди марҳилаи якум ва кассатсионӣ иштирок намояд; сухани охирин гӯяд; бо протоколи маҷлиси судӣ шинос шавад ва ба он эрод пешниҳод намояд; аз ҳукм, таъинот ва қарори суд, судя шикоят намояд; нусхаҳои қарорҳои шикоятшударо гирад; нусхаҳои шикоят ва пешниҳодҳои ба парвандаи ҷиноятӣ овардашударо гирифта ба онҳо норозигӣ изҳор намояд; дар баррасии масъалаҳое, ки ба иҷрои ҳукм вобастаанд, иштирок намояд;

инчунин дигар ҳуқуқҳое, ки Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст, истифода намояд, фаҳмонида диҳад. Аризадиҳанда инчунин дар бораи ҷавобгарии ҷиноятӣ оид ба дидаю дониста расонидани хабари бардурӯғ ва оид ба дидаю дониста додани нишондоди бардурӯғ тибқи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ бояд огоҳонида шавад, ки ин қоида дар м. 43 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд илова гардад.

Аз ҷониби суд бо мақсади додани имконият барои пешниҳод намудани далелҳои иловагӣ, пешниҳод намудани ариза барои оштӣ шудан бо айбдоршаванда ва саривақт даъват намудани шоҳидон ё таъмин шудан бо ҳимоятгар тарафҳо омодагӣ бинанд.

Мутобиқи қ. 3 м. 356 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, баррасии аризаро оид ба парвандаи айбдоркунии хусусӣ бо баррасии аризаи мутақобила якҷоя пеш бурдан мумкин аст. Якҷоя кардан тибқи қарори судя то оғози тафтиши судӣ иҷозат дода мешавад. Ҳангоми якҷоя кардани аризаҳо дар як пешбурд, шахсоне, ки арз кардаанд, ҳамзамон ба сифати айбдоркунандаи хусусӣ ва судшаванда иштирок мекунанд. Барои омодагӣ ба ҳимоя ва вобаста ба ворид шудани аризаи мутақобила ва якҷоя кардани пешбурд тибқи дархости шахсе, ки нисбати ӯ аризаи мутақобила дода шудааст, парвандаро ба муҳлати на бештар аз се шабонарӯз мавқуф гузаштан мумкин аст.

Пурсиши ин шахсон оид ба ҳолатҳои дар аризаҳо инъикснамудаашон тибқи қоидаҳои пурсиши ҷабрдида, оид ба ҳолатҳои дар аризаҳои мутақобила инъикосёфта бошад, тибқи қоидаҳои пурсиши судшаванда, анҷом дода мешавад.

Бо ин мақсад эътироф намудани шахс ба сифати айбдоркунандаи хусусӣ (ҷабрдида) дар мурофиаи ҷиноятӣ муҳим буда, ҳамчун шахси зарардида дар мурофиаи ҷиноятӣ баромад мекунад ва ҳуқуқҳои мурофиавиро доро мегардад, ки он танҳо бо баровардани қарори судӣ ҳамчун айбдоркунандаи хусусӣ эътироф мешавад.

«В. Д. Арсенев, ибрози ақида намуда буд, ки иштироки шахс дар парванда, маънои онро надорад ки ӯ бевосита ҷабрдида эътироф гардад, вале онро шахси ваколатдори мансабии мақомот муайян мекунад» [108, с. 86]. Нисбати шахсе, ки аризаи айбдоркунии хусусӣ пешниҳод гардидааст ва он бо далелҳои айбдоркунанда, тибқи қарори судя, ба пешбурди суд қабул карда шудааст, шахс ба сифати судшаванда баромад менамояд.

«Ақидаҳои олимон А. И. Сафарзода ва Т. Ш. Шарипов, оид ба ҷабрдида дар он аст, ки «агар ҷабрдида дар ҳуқуқи ҷиноятӣ баъди содир намудани ҷиноят ба миён ояд, пас он дар мурофиаи ҷиноятӣ дар баробари содир шудани ҷиноят бо дарназардошти шарти иловагӣ - баровардани қарор дар бораи ҷабрдида эътироф намудани шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ ба миён ояд» [140, с. 195]. Яъне, шахсе, ки зарари моддӣ ё маънавӣ дидааст, дар меъёри ҳуқуқҳои моддӣ «зарардида» (пострадавший) ва дар мурофиавӣ «ҷабрдида» (потерпевший) номгузорӣ мегардид хуб мешуд.

Бинобар он ки оид ба парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ тафтиши пешакӣ гузаронида намешаванд, суд метавонад парвандаро оғоз намояд ё маводи онро барои оғози парвандаи ҷиноятӣ ва гузаронидани таҳқиқ ва ё тафтиши пешакӣ аз рӯйи тобеияти тафтишӣ ба мақомоти дахлдор ирсол менамояд. Ин дар мавридҳое ба амал меояд, ки агар тибқи қ. 1 с.15 м. 35 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур дониста шавад, ки дар он тафтиши пешакӣ гузаронида шавад, тибқи талаботи м.156 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, тафтиши пешакӣ доир ба парвандаҳои мазкур гузаронида мешавад. «В. Божев андеша намуда буд, ки судя ҳуқуқ надорад парвандаи айбдоркунии хусусии оғозкардаашро ба тафтиши пешакӣ ирсол намояд, ба ғайр аз парвандаҳои айбдоркунии хусусияти умумидошта» [110, с. 3].

Ба андешаи мо, дар сурати номуайян будани ҷойи будубоши шахсе, ки бояд ба ҷавобгарӣ кашида шавад ё муайян карда натавонистани шахсияти судшаванда, маълумот ё суроғаи ӯ, ҷой доштани камбудиҳо дар далелҳои айбдоркунандаи бевосита ё ҷиноят аз тарафи ноболиғ,

шахси номукаллаф ё баъди содиркунии ҷиноят ба бемории руҳӣ гирифторшуда, содир карда шуда бошад, ҳатман тафтиши пешакӣ гузаронида мешавад, ки зарурати гузаронидани амали тафтишӣ ба миён меояд. Парвандаи ҷиноятии айбдоркунии хусусӣ бояд ба тафтиши пешакӣ бо мақсади муқаррар кардани ҳодисаи содир шудани ҷиноят, ки дар он ноболиғ, шахсони номукаллаф ва ё баъди содир шудани ҷиноят ба чунин беморӣ гирифтор шуда бошанд ирсол карда мешаванд. Дар ҳолатҳои ҷой надоштани чунин ҳолатҳо суд метавонад бевосита барои баррасии парванда шурӯъ намояд.

Агар ба амали суд оид ба пешбурди айбдоркунии хусусӣ аҳаммият диҳем, бо баробари қабули қарор оид ба қабули ариза ба пешбурд ва оғози амали мурофиавӣ ба хулоса омадан мумкин аст, ки дар ин ҳолат суд амали ба оштӣ овардани тарафҳоро иҷро менамояд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки лаёқат ва уҳдадории ҳокимияти судӣ барои оштӣ шудани айбдоркунандаи хусусӣ (ҷабрдида) бо судшаванда ва барқарор кардани ҳуқуқҳои вайроншуда дида мешаванд [184, с. 79].

Масъалаи тафтиши судӣ аз зикри аризаи шахси онро арзкарда ё намояндаи ӯ оғоз меёбад. Дар оғози тафтиши судӣ айбдоркунандаи хусусӣ метавонад моҳияти айбашро дигар намояд, ба шарте ки он ҳуқуқи судшавандаро маҳдуд насозад ё ин ки ҳуқуқ дорад аз аризаи айбдоркуниаш даст кашад. Аз айбдоркунӣ даст кашидани айбдоркунандаи хусусӣ маънои онро надорад, ки ӯ оштӣ шудааст, зеро ба созиш омадани тарафҳо, ин розигии ду тарафро дар бар мегирад.

Ҳамин тавр, мутобиқи дастрасии м. 24 ва боби 37 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, вобаста ба дараҷаи хавфнок набудани ҷиноятҳои дар м.м. 112, 116 ва қ.1 ва 2 м. 156 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинигардида, ки бо шакли айбдоркунии хусусӣ ҷараён мегирад, тибқи принсипи ошкоро аз тарафи судя бо шикояти айбдоркунандаи хусусӣ парванда дар суди шаҳрӣ ва ноҳиявӣ оғоз гардида, барои баррасӣ шурӯъ мешаванд.

Хусусияти фарқкунандаи пешбурди айбдоркунии хусусӣ аз дигар намуди айбдоркуниҳо дар он аст, ки оғоз намудани он, ин танҳо аз хоҳиши ҷабрдида (айбдоркунандаи хусусӣ) вобаста буда, аз мақомоти таҳқиқ ва тафтишот вобастагӣ надорад ва ҳангоми оштии тарафҳо парвандаи ҷиноятӣ қатъ мегарданд [201], ки ин гуна хусусиятҳоро мо дар айбдоркунии умумӣ мушоҳида карда наметавонем [202].

Бояд қайд кард, ки ба суд ҳуқуқи оғози парвандаи ҷиноятӣ ва ирсоли он ба тафтиши пешакӣ (сархати 15, м.35, қ.1 КМҶ ҶТ) дода шудааст, вале барои мушаххас амалӣ намудани механизми амалишавии ин меъёрро Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, пешбинӣ накардааст.

Бинобар ҷой доштани номукаммалӣ дар пешбурди мазкур ба фаъолияти таҳқиқбаранда, муфаттиш ва суд (судя) ин камбудиҳо таъсири ҷиддӣ ба манфиати ҷабрдида, яъне ба айбдоркунандаи хусусӣ расониданаш, аз эҳтимол дур нест, ки дар натиҷа ҳимояи ҳуқуқи инсон, дар амал маҳдуд мегарданд» [127, с. 156]. «Р. Р. Раҳмадҷонзода ба ин муқаррароти қонуни мурофиавии ҷиноятӣ зид буда, фикру андешаҳои худро баён менамояд, ки суд аз рӯйи салоҳияташ ҳуқуқи оғоз намудани парвандаи ҷиноятиро надорад, зеро суд мақомоти таҳқиқ ва тафтиш ба ҳисоб намеравад [102, 18-20].

**Таҳлили маълумотҳои оморӣ-таҳлилӣ ва фоизи муайяни оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ аз ҷониби судҳо дар давраи соли 2014 – 2020**
[181, с. 68]

| Сол | Теъдоди умумии ҷиноятҳои ба қайд гирифташуда | Теъдоди оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ оид ба айбдоркунии хусусӣ аз ҷониби судя | Фоизе, ки аз тарафи суд парвандаи ҷиноятӣ оғоз гардидааст |
|---|---|---|---|
| 2014 | 19 352 | 61 | 0,31 |
| 2015 | 21585 | 67 | 0,31 |
| 2016 | 21756 | 53 | 0,24 |
| 2017 | 22018 | 58 | 0,26 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 2018 | 21957 | 59 | 0,26 |
| 2019 | 21996 | 42 | 0,2 |
| 2020 | 23460 | 28 | 0,12 |

**Таҳлили маълумотҳои оморӣ-таҳлилӣ ва фоизи муайяни оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ аз ҷониби судҳо дар давраи соли 2021 ва 5 моҳаи соли 2024** [212]

| **Сол** | **Теъдоди ҷиноятҳои ба қайд гирифташуда** | **Теъдоди оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ оид ба айбдоркунии хусусӣ аз ҷониби судя** | **Фоизе, ки аз тарафи суд парвандаи ҷиноятӣ оғоз гардидааст** |
|---|---|---|---|
| 2021 | 24118 | 12 | 0,04 |
| 2022 | 22418 | 9 | 0,04 |
| 2023 | 21319 | 3 | 0,01 |
| 5 моҳи соли 2024 | 9647 | 4 | 0,04 |

**Таҳлили маълумотҳои оморӣ-таҳлилӣ оид ба оғоз гардидани парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ аз тарафи мақомоти қудратӣ дар соли 2021**

| **Моддаи КҶ** | **Теъдоди умумӣ тибқи модда** | **Суд** | **Прокуратура** | **ШВКД** | **Теъдоди умумии парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ** |
|---|---|---|---|---|---|
| м. 112 | 39 | 12 | 23 | 4 | **52** |
| м. 116 | 12 | 6 | 6 | - | |
| қ.1 ва қ.2 м. 156 | 1 | - | 1 | - | |

**Таҳлили маълумотҳои оморӣ-таҳлилӣ оид ба оғоз гардидани парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ аз тарафи мақомоти қудратӣ дар соли 2022**

| Моддаи КҶ | Теъдоди умумӣ тибқи модда | Суд | Прокуратура | ШВКД | Теъдоди умумии парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| м. 112 | 16 | 5 | 10 | 1 | **26** |
| м. 116 | 10 | 4 | 5 | 1 | |
| қ.1 ва қ.2 м. 156 | - | - | - | - | |

**Таҳлили маълумотҳои оморӣ-таҳлилӣ оид ба оғоз гардидани парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ аз тарафи мақомоти қудратӣ дар соли 2023**

| Моддаи КҶ | Теъдоди умумӣ тибқи модда | Суд | Прокуратура | ШВКД | Теъдоди умумии парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| м. 112 | 20 | 2 | 18 | - | **28** |
| м. 116 | 8 | 1 | 7 | - | |
| қ.1 ва қ.2 м. 156 | - | - | - | - | |

**Таҳлили маълумотҳои оморӣ-таҳлилӣ оид ба оғоз гардидани парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ аз тарафи мақомоти қудратӣ дар 5 – моҳи аввали 2024**

| Моддаи КҶ | Теъдоди умумӣ тибқи модда | Суд | Прокуратура | ШВКД | Теъдоди умумии парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| м. 112 | 12 | 2 | 9 | 1 | **15** |
| м. 116 | 3 | 2 | 1 | - | |
| қ.1 ва қ.2 м. 156 | - | - | - | - | |

Омӯзиш ва таҳлили амалия аз он шаҳодат медиҳанд, ки хусусиятҳои пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ доир ба айбдоркунии хусусӣ ва тартиби оғоз намудани парвандаи айбдоркунии хусусӣ дар суд номукаммалӣ дорад. Таҳлилҳои таҷрбаи судӣ нишон доданд, ки афзалият додан ба кафолати ҳуқуқҳои иштирокчиёни парвандаи ҷиноятӣ, ба ҳадафи мурофиаи ҷиноятӣ мувофиқи мақсад нест. Зеро тибқи тартиби пешбурди парвандаи айбдоркунии хусусӣ мувофиқи Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, уҳдадории пешниҳоди далелҳо ба зиммаи айбдоркунандаи хусусӣ (ҷабрдида) ва дар ҳолатҳои истисноӣ ба суд вогузор карда мешавад» [124, с. 290]. «Исбот ва ҷамъоварии далелҳо дар парвандаи ҷиноятии айбдоркунии хусусӣ назар ба айбдоркунии умумӣ фарқиятҳои ҷиддие доранд. Мавқеи муҳиммро барои пешниҳод ва санҷиши далелҳо айбдоркунандаи хусусӣ дастгирӣ менамояд [203]. Айбдоркунандаи хусусӣ, ки ҳамчун субъекти таъқиби ҷиноятӣ баромад менамояд, уҳдадории ӯ ин ошкор кардани шахси мушаххас дар содир кардани ҷиноят мебошад. Яъне қонунгузор муайян кардани маълумот дар бораи шахсияти ҷинояткорро ба сифати судшаванда ба зиммаи айбдоркунандаи хусусӣ (ҷабрдида) вогузор кардааст, ки шахси аз ҷиноят зарардида мустақилона ҳуқуқу манфиатҳои худро ҳимоя намояд. «Тавре, ки В. Н. Перекрестов, андеша дорад, қайд кардан мумкин аст, ки ба айбдоркунандаи хусусӣ барои мурочиат намудан бо ариза ба мақомоти дахлдор имконият дода шавад» [137, с. 146].

Аз таҳлили меъёрҳои мурофиавӣ бармеояд, ки ба зиммаи шахси аз ҷиноят зарардида, ки бо ариза ба суд мурочиат кардааст, *исботи* ҳолатҳои содир шудани ҷиноят вогузор мешавад. Чунки судя бо қарори худ шахси арзнамударо вазифадор мекунад, ки далелҳо пешниҳод намояд, камбудиҳоро бартараф созад ва барои он муҳлат муқаррар мекунад. Ба андешаи мо, ба шахси аз ҷиноят зарардида (айбдоркунандаи хусусӣ) танҳо имконияти пешниҳоди маълумот ва дархости мусоидат

намудан ба ҷамъоварии далелҳо дода шавад, ки ба м. 86 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мухолифат намекунад.

Бо назардошти хусусиятҳои зиёди пешбурди парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ, бояд ба масъалаи асосҳо ва сабабҳои қатъ шудани парванда дар суд аҳамият диҳем. Қатъ гардидани пешбурди парвандаи айбдоркунии хусусӣ - ин дар хусуси оштӣ шудани тарафҳо буда, ҳангоми аз тарафи айбдоркунандаи хусусӣ ва судшаванда пешниҳод шудани ариза дар бораи оштиро, баррасии парванда то ба хонаи машваратӣ рафтани судя бо қарори суд мутобиқи муқаррароти м. 27 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон қатъ карда мешавад. Имконияти қатъ шудани парвандаи айбдоркунии хусусӣ ин аз хоҳиш ва мустақилияти айбдоркунандаи хусусӣ ва судшаванда вобаста мебошад.

Меъёрҳое, ки дар Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (қ. 2 м. 24, қ. 6 м. 355, ва қ. 1 м. 27 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон) ба ҳуқуқҳои айбдоркунандаи хусусӣ ва судшаванда пешбинӣ гардидааст, имкониятҳои васеъ додааст, ки ҳангоми оштӣ шудани тарафҳо парванда қатъ карда шаванд. Дар ин хусус судяи баррасикунанда низ вазифадор гардидааст аз лаҳзаи ба суд пешниҳод гардидани аризаи айбдоркунии хусусӣ ба тарафҳо, ҳуқуқи оштӣ шуданро фаҳмонида диҳад.

«Ҳарчанде, ки тарафҳо барои оштӣ омадан мустақил бошанд, ҳам вале масъалаи ба созиш овардани тарафҳо аз судя вобастагии зиёд дорад. В. В. Хатуаева, зикр менамояд, ки судя бояд сабабҳои содир шудани ҷиноятро муайян намуда, парвандаи айбдоркунии хусусиро бо оштишавии тарафҳо ҳал намояд» [152, с. 72].

Бояд қайд кард, ки дар баробари ҳуқуқҳои мурофиавии ба айбдоркунандаи хусусӣ пешбинигардида, инчунин мутобиқи қ. 2 м. 355 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба айбдоркунандаи хусусӣ имконият дода шудааст, ки ҳангоми айбдоркунандаи хусусӣ ё намояндаи ӯ бе сабабҳои узрнок ба маҷлиси

судӣ ҳозир нагарданд, парвандаи айбдоркунии хусусӣ дар суд қатъ карда мешавад.

Барои исботи худро ёфтани холати содир шудани ҷиноят аз ҷониби айбдоркунандаи хусусӣ бояд:

а) дар мавриди ариза дар бораи расонидани зарари сабук ба саломатӣ, ки боиси ба муҳлати кутоҳ хароб шудани саломатӣ ё андаке ба таври устувор аз даст додани қобилияти меҳнат гардидааст (м. 112 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон) ё лату кӯб, содир намудани ҳаракати дигари зӯроварӣ, ки дарди ҷисмонӣ расонидааст (м. 116 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон), бошад, пас ба шахси аз ҷиноят зарардида (айбдоркунандаи хусуси)-ро зарур аст, ки хулосаи экспертизаи судӣ ё санади ташхиси тиббӣ ё маълумотномаи муассисаи тиббии давлатӣ, баёноти шахсони аз ҳамин ҳодиса воқиф ё ҳуҷҷатҳои дигарро дар шакли маводи аккосӣ ё навор, сабти аудиою видео, ки аз сарчашмаҳои электронии иттилоот ва манбаъҳои дигар гирифта шудаанд, пешниҳод намояд;

б) айбдоркунандаи хусусӣ бинобар сабаби вазъи оҷизонаи худ, беморӣ, руҳафтодагӣ, ҳаяҷони сахти руҳӣ ё вобастагӣ аз айбдоршаванда ё таҳти тобеият қарордошта ё аз нигоҳи меъёрҳои ахлоқию маънавӣ ва ё дигар сабабҳо ба ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии худ қодир набошад, барои исботи ҳолатҳои содир шудани ҷиноят, имконияти ҷамъоварии далелҳоро надошта бошад, баҳри барқарор намудани ҳуқуқҳои поймолшуда ва пойдор намудани адолати судӣ, ки кафолати конститутсионии ҳифзи судӣ мебошад, судя, бояд талаботи сархати 15 м. 35 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва м. 156 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳбарӣ гирифта, аризаи воридгардидаро аз рӯйи тобеият барои гузаронидани таҳқиқ ё тафтишот ирсол намояд.

в) ҳангоми ворид гардидани ариза аз ҷониби айбдоркунандаи хусусӣ, ки бо роҳи ба суд додани ариза дар бораи ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс парванда оғоз карда мешавад, мутобиқи талаботи қ. 2 м.

21 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шахсони ваколатдоргардида, ҳуқуқи исбот намудани бегуноҳиро ба зиммаи айбдоршаванда надоранд, бояд ба назар гирифта шавад.

г) судя, холисӣ ва беғаразиро риоя намуда, барои одилона баррасӣ намудани парвандаи айбдоркунии хусусӣ, новобаста аз дархости айбдоркунандаи хусусӣ ба ӯ дар ҷамъоварии далелҳо мусоидат намояд, зеро судя имконияти ҳуқуқҳои расмӣ дошта, аз корхона, ташкилот, муассиса, шахсони мансабдор ва шаҳрвандон, инчунин мақомоти амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ саривақт талаб намудани далелҳоро барои ҳалли парванда аҳаммиятдошта талаб намояд, ки ба м.м. 2, 21, 35, 86 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мувофиқи мақсад аст.

д) мутобиқи талаботи қ. 1 м. 355 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои пешниҳод карда шудани далелҳо ва бартараф карда шудани камбудиҳо судя ба тарафҳо муҳлат муқаррар мекунад. Лекин, аниқ нест, ки кадом камбудиҳо ва дар кадом муҳлат бартараф шаванд ё далелҳо пешниҳод шаванд. Ба андешаи мо, ин меъёр агар ба м. 354 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ифода мегардид, ба маврид ҳисобида мешуд. Муҳлати ниҳоии «пешниҳоди далелҳо ва бартараф карда шудани камбудиҳо» низ дақиқ муқаррар нагардидааст, лекин муҳлати ниҳоӣ, набояд аз ҳафт шабонарӯз зиёд бошад, ки ба қ. 4 м. 355 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат менамояд.

Муқаррароти қонун оид ба пешбурди айбдокунии хусусӣ, ғайр аз андешаҳои ба муҳокима пешниҳодшуда, ба такмил ва тағйиру иловаҳои дигари хусусияти меъёрӣ, моҳиятӣ, мазмунӣ ва услуби забони давлатидошта, ниёз дорад.

1. Дар м.м. 24, 27, 147, 354 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, оғоз шудани пешбурди парвандаи айбдоркунии хусусӣ бо аризаи шахси аз ҷиноят ҷабрдида ё аризаи ҷабрдида пешбинӣ шудааст. Ба андешаи мо, бармаҳал «ҷабрдида» номидан ё эътироф

кардани шахси аризадиҳанда ё шахси аз ҷиноят зарардида нодуруст аст ва ба меъёрҳои мурофиавӣ мухолифат мекунад (м. 42 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон). Чунки тибқи қоидаҳои муқарраркардаи қонун аризадиҳанда баъди оғози парвандаи ҷиноятӣ, баъди исботи мавҷудияти зарари аз ҷиноят ба вуҷуд омада, дар асоси санади мурофиавии мақомоти пешбурди парвандаи ҷиноятӣ, ҷабрдида эътироф мешавад. Оид ба парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ бошад, аз лаҳзаи аризаро барои пешбурд қабул кардани суд, шахси онро пешниҳодкарда айбдоркунандаи хусусӣ ҳисобида мешавад.

2. Бо мақсади бартараф кардани ихтилофи меъёрӣ қ. 2 ва қ. 3 м. 24 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи мақсад аст, ки муқарароти «...бо аризаи шахси аз ҷиноят ҷабрдида, намояндаи қонунии ӯ» ба тариқи зайл: «....бо аризаи шахси аз ҷиноят зарардида ё намояндаи қонунии ӯ» тағйир дода шавад.

3. Агар ноболиғ ё шахси ғайриқобили амал зарардида (айбдоркунандаи хусусӣ) бошад, намояндаи қонунии ӯ ба сифати айбдоркунандаи хусусӣ дар суд баромад менамояд ва аз тарафи суд меъёри м. 156 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бояд риоя карда шавад.

Ғайр аз хулосаҳои номбаршуда, оид ба ҳалли масъалаи саривақт оғоз шудани парвандаи айбдоркунии хусусӣ, пешниҳод менамоем, ки:

1. Барои пешниҳод намудани аризаи айбдоркунии хусусӣ қонунгузор синну соли муайянро бояд ба назар гирифта, ҳуқуқи пешниҳод намудани аризаи айбдоркунии хусусиро аз синни 18 солагӣ ва дар ҳолатҳои истисноӣ аз синни 16 солагӣ иҷозат диҳад. Зеро то синни 18 солагӣ расидан шахс наметавонад ариза дар бораи оштиро (ба истиснои иштироки намояндаи қонунӣ), ки ноболиғ эътироф гашта, пешбурди парвандаи ҷиноятии онҳо танҳо бо гузаронидани тафтиши пешакӣ сурат мегирад.

2. Ҳангоми ба мақомоти таҳқиқ, таҳқиқбаранда, муфаттиш ва прокуратура пешниҳод гардидани аризаи айбдоркунии хусусӣ, мақомоти

мазкур вазифадор карда шавад, ки аризаи мазкурро қабул намояд. Зеро мақомоти зикргардида варифадоранд, мутобиқи талаботи қ. 1 м. 145 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳамма гуна ҷинояти тайёршаванда, содиршаванда ва содиршуда аризаю иттилоотро қабул ва баррасӣ намоянд.

3. Омӯзиши парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ аз он гувоҳӣ медиҳад, ки судя парвандаҳои айбдоркунии хусусиро баррасӣ намуда, вазифадор аст барои барқарор ва пешгирӣ намудани ҷиноятҳои нав чораҳо андешад. Аммо дар амалия судяҳо на дар ҳама маврид ба дараҷаи хавфнокӣ ва таркиби ҷиноят аҳаммият медиҳанд, яъне маҳдуд шудани хулосаи судя бо аризаи айбдоркунии хусусӣ ва таснифоти он. Бинобар ин, таклиф менамоем, ки ҳангоми пешниҳод гардидани аризаи айбдорикунии хусусӣ ба судя зарур дониста шавад, ки сараввал бо ҳолати рухдода шинос гардида, барои маҳдуд нашудани ҳуқуқҳои айбдоркунандаи хусусӣ барои таснифи ҳолати кор, ки дар ариза баён шудааст, барои дақиқ кардани ҳолатҳо ва санҷида баромадани он сархати 15 м. 35 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистонро риоя намояд.

4. Пеш аз оғоз намудани парвандаи айбдоркунии хусусӣ судя сараввал бояд ба оштишавии айбдоркунандаи хусусӣ ва судшаванда аҳаммият дода, баъдан барои оғоз намудани парванда шурӯъ намояд. Зеро амалияи судӣ нишон медиҳад, ки дар аксарияти мавридҳо парвандаи ҷиноятии айбдоркунии хусусӣ дар суд бинобар сабаби оштӣ шудани тарафҳо қатъ карда мешавад. Бинобар ин, зарур мешуморем, ки то оғози пешбурди судии парванда судя тарафҳоро ба созиш биёрад, ки баъди оғози парванда тариқи барасмиятдарории варақаҳои шаклҳои оморӣ (№1, 1.1, 2, 5 ва 6) барои маълумот ба Маркази иттилооти ахборотӣ ворид мегардад ва шахсе, ки нисбаташ парванда оғоз гардидааст ба қайд гирифташуда ҳисобида мешавад.

5. Амалҳои судя, ба монанди: қабули ариза дар бораи ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс; омода намудани варақаи омории

шакли №1 ва ба Маркази иттилоотии ахборотӣ ирсол намудани нусхаи он; талаб карда гирифтани маводҳо аз мақомоти таҳқиқ ва тафтиш; аризадиҳандаро вазифадор намудани судя барои бартараф намудани камбудиҳои далеловарӣ; мусоидати судя барои ҷамъоварии далелҳо ба доираи салоҳияти суд дохил шуда, мазмуни таъқиботи ҷиноятиро ташкил намекунанд.

## 3.3. Тартиби умумӣ ва махсуси баррасии парвандаи ҷиноятии айбдоркунии хусусӣ дар маҷлиси судӣ

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, таъкид кардаанд, ки «Пешрафти минбаъдаи ҷомеа ва амалӣ намудани мақсаду вазифаҳои дарпешистода кафолати ҳамаҷонибаи адолати судиро талаб мекунад» [2, с. 3].

Ба судҳо ваколати таъмини адолати иҷтимоӣ дода шудааст, ки онҳо имконият доранд, ҳолатҳои парвандаи ҷиноятиро бевосита, ҳамаҷониба, пурра ва холисона, дар шароити ошкоро, шифоҳӣ, бо тарзи мубоҳиса ва дар асоси баробарии тарафҳо баррасӣ намуда, қарор қабул намоянд.

Баррасии парвандаи ҷиноятӣ дар асоси қоидаҳои умумиэътирофгаштаи демократӣ ба роҳ монда шуда, барои муайян кардани ҳолатҳои ба ҳалли парвандаи ҷиноятӣ аҳамиятдошта, суд ҳуқуқ дорад дар ҷараёни баррасии парвандаи ҷиноятӣ амалҳои тафтиширо бевосита анҷом диҳад. Дар баррасии парванда бо далелҳои муайяншуда, бо иштироки тарафҳои манфиатдор, мавриди санҷиш ва баҳодиҳӣ қарор дода мешаванд. Ин муқаррароти қонун ҷоиз, дахлдор, аниқу саҳеҳ ва кофӣ будани маълумоти воқеъиро барои қабул кардани қарори қатъӣ доир ба парвандаҳои ҷиноятӣ таъмин менамояд.

Қонунгузор ҷабрдидаро ҳамчун иштирокчии мурофиаи ҷиноятӣ ба сифати айбдоркунандаи хусусӣ муайян карда, имконият додааст, ки дар ҷараёни мурофиаи ҷиноятӣ ҳуқуқҳои мурофиавии худро мустақилона истифода бурда, амалӣ намояд, бинобар ин баррасии парвандаҳои

айбдоркунии хусусӣ бо тасмимоти айбдоркунандаи хусусӣ дар суд оғоз ва баррасӣ карда мешаванд. Зеро бо дарназардошти м. 42 ва 43 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон шахси арзкунанда, айбдоркунандаи хусусӣ дониста мешавад. Дар ин маврид судро лозим меояд, ки аризаи шахси зарардидаро ба пуррагӣ омӯхта, оид ба ҳолатҳои беасос рад кардан аз қабули онҳо худдорӣ намояд. Бо мақсади тахмини дуруст ва якхелаи татбиқи меъёрҳои қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ, ки иштироки ҷабрдидаро дар пешбурди мурофиаи судӣ ба танзим медарорад, инчунин таъмини ҳуқуқу манфиатҳои қонунии ҷабрдида аз ҷониби судҳо, дар асоси м. 27 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», шахсро дар асоси аризааш, ҳамчунин бо ташаббуси мақомоте, ки дар пешбурди он парвандаи ҷиноятӣ қарор дорад, ҷабрдида эътироф кардан мумкин аст. Дар ҳолати судя шахсро ба сифати ҷабрдида эътироф намудан рад намояд, ӯ метавонад шикоят намояд» [12].

Новобаста аз санадҳои меъёри хуқуқӣ, ки кафолатҳои ҳимояи ҳуқуқҳои ҷабрдидаро муқаррар мекунанд, вазъи воқеии ӯ имкон намедиҳад, ки ҳангоми пешбурди парвандаи ҷиноятӣ ҳуқуқҳои худро ҳамаҷиҳата ҳифз намуда, манфиатҳои қонунии худро барқарор намояд [125, с. 111-115]. Тибқи қонунгузорӣ, марҳилаи мурофиаи судӣ оид ба парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ тартиби омехта дошта, ҷамъоварии далелҳои айбдоркунанда ба уҳдаи айбдоркунандаи хусусӣ ва санҷидани он ба салоҳияти суд вогузор карда шудааст.

Баррасии парвандаи айбдоркунии хусусӣ дар суд ҳам аҳаммияти умумӣ ва ҳам махсус дорад. Суд тартиби умумии баррасии парвандаро ба назар гирифта, марҳилаи оғоз, тафтиши судӣ, марҳилаи муҳокимаи судӣ ва дигар марҳилаҳои истисноиро тибқи қоидаҳои умумии муҳокимаи судӣ (ба истиснои м. 356 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон) парвандаи айбдоркунии хусусиро баррасӣ менамояд. Ҳолатҳои истисноии марҳилаи тафтиши пешакӣ аз субъекти парвандаи айбдоркунии хусусӣ вобаста буда, қоидаи м. 156 Кодекси

мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи суд риоя карда мешавад. Вале тибқи қ. 1 м. 356 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон «парванда дар маҷлиси суд аз тарафи судя тибқи қоидаҳои умумии муҳокимаи судӣ бо истиснои тартиби муқаррарнамудаи ҳамин модда, баррасӣ карда мешавад» зикр гардидааст. Ғайр аз ин, дар асоси м. 62 қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба салоҳияти суди ҳарбии горнизонӣ ҳамчун суди марҳилаи якум баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ вогузор карда шудааст. Вале ба м. 353 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи судҳои шаҳру ноҳия баррасӣ карда мешаванд, пешбинӣ шудааст. Таклиф мекардем ба меъёри мазкур «суди ҳарбии горнизонӣ» илова карда шавад.

Баррасии парванда бо тафтиши судӣ тибқи қоидаҳои м.м. 308 ва 309 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шуда, муҳокимаи судӣ бояд дар муҳлати на дертар аз чордаҳ шабонарӯз аз лаҳзаи ба суд расидани ариза сар карда мешавад.

Ҳангоми тафтиши судӣ тарафҳо аз ҷониби судя пурсида шуда, далелҳо мавриди санҷиш ва баҳодиҳӣ қарор дода шуда, ҳолатҳои содир шудани ҷиноят ва ба парвандаи ҷиноятӣ аҳаммият доштаву бегуноҳии судшаванда муайян карда мешавад.

Яке аз хусусияти умумӣ доштани баррасии парванда дар суд ин риоя гардидани принсипи мубоҳиса ва баробарии тарафҳо дар суд мебошад, ки пешниҳод намудани далелҳо аз ҷониби айбдоркунандаи хусусӣ ва судшаванда дар шакли фаъол сурат мегиранд. Хусусияти дигари ин шакли мурофиа дар он зоҳир мегардад, ки тарафҳо метавонанд мустақилона, новобаста аз ҳамдигар далелҳо ҷамъ намоянд, амалҳои мурофиавиро анҷом диҳанд ва дар баррасии судӣ аз ҳуқуқҳои мурофиавӣ, баробар истифода баранд. Яъне баробарии тарафҳо, бо пешниҳод намудани далелҳо, иштироки тарафҳо дар тафтиши судӣ ифодаи бевоситаи нишонаҳои шакли мурофиаи мубоҳисавӣ мебошанд.

Айбдоркунандаи хусусӣ айбдоркуниро ҳамчун субъекти фаъоли парванда дар баррасии парванда амалӣ намуда, иштироки ӯ дар шакли мубоҳисавӣ сурат мегирад, ки ҳамчун прокурор айбдоркуниро дастгирӣ намояд. Бинобар ин, қонунгузор иштироки айбдоркунандаи давлатиро дар баррасии судӣ ҷиҳати исбот зарур нашуморидааст. Ба андешаи Ю. К. Якимович, қонунгузор ҳуқуқи айбдоркуниро аз айбдоркунандаи давлатӣ гирифта, айбдоркунӣ ва исботнамоиро ба (ҷабрдида) айбдоркунандаи хусусӣ вогузор кардааст, ки ин кори судро мураккаб менамояд [104, с. 111]. Ба истиснои қ. 4 м. 24 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, андешаи мо дар баррасии парвандаи айбдоркунии хусусӣ иштирок намудани прокурор, ҷабрдидаро аз ҳуқуқи дастгирӣ кардани айбдоркунӣ дар парванда маҳрум намекунад. Ба таври мубоҳисавӣ ва баробарии тарафҳо сурат гирифтани баррасии парвандаи айбдоркунии хусусӣ ва бе сабабҳои узрнок (қ. 2 м. 224 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон) иштирок надоштани айбдоркунандаи хусусӣ ва ё намояндаи қонунии ӯ, ки барои иштирок дар суд ваколатдор гардида буд, пешбурди парванда қатъ мегардад.

«Дар мавриди муҳокимаи судӣ, ки айбдоркунандаи хусусӣ ё намояндаи ӯ ҳуқуқ доранд аз рӯйи аризаи пешниҳод намуда нишондод диҳанд, андешаи Л. Д. Кокорев, В. М. Савитский, И. И. Потеружа ва В. З. Лукашевичро дар бораи он ки ҷабрдида ё намояндаи ӯ ҳуқуқ доранд дар мубоҳисаҳои судӣ дар ҳамма парвандаҳои ҷиноятӣ, сарфи назар аз иштироки прокурор дар парванда иштирок намоянд, розӣ мешавем» [130, с. 54].

Муҳокимаи судии айбдоркунии хусусӣ ба монанди парвандаҳои хусусияти умумидошта ба таври шифоҳӣ ва ошкоро баргузор мешавад. Эълон кардани ҳайати суд, моҳияти парвандаи баррасишаванда, муайян кардани шахсияти тарафҳо, фаҳмонидани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои тарафҳо, баррасии дархост ва ё раддия аз ҷониби раисикунанда ба тарафҳо фаҳмонида мешаванд.

«Суд дар муҳокимаи судӣ ба далелҳои ҷамъовардашудаи тарафҳо баҳо дода, ба шунидани нишондоди тарафҳо шурӯъ мекунад. Дар ин ҳолат судя бояд сарчашмаҳои далелҳоро муайян намуда, аз айбдоркунандаи хусусӣ, судшаванда, шоҳид ва дигар иштирокчиёни парвандаро пурсад» [128, с. 158-164].

Хусусияти махсус доштани баррасии парвандаи айбдоркунии хусусӣ дар маҷлиси судӣ ин фаъолияти оштидиҳандаи суд мебошад, ки судяро зарур аст чораҳои оштишавиро ба айбдоркунандаи хусусӣ ва судшаванда, то ба хонаи машваратӣ рафтан андешад.

Инчунин хусусияти махсуси тафтиши судӣ ин бо созиши тарафҳо, ба гуноҳи худ иқрор шудани судшаванда, ки аз ҷониби тарафҳо мавриди баҳс қарор нагирифтааст ва судро низ таҳти шубҳа намегузорад, судя бо мувофиқаи тарафҳо баъди аз судшаванда муқаррар кардани он ки оё эътирофи ӯ маҷбурӣ нест, ҳуқуқ дорад танҳо бо таҳқиқи далелҳое маҳдуд шавад, ки тарафҳо онҳоро зикр кардаанд, тафтиши судиро хотимёфта эълон карда, ба музокираи судӣ гузарад.

Дар ҷараёни тафтиши судӣ, масъалаи оштишавии тарафҳо, ки боиси қатъ гаштани парванда мегардад, пешниҳод намудани аризаи муқобил, иваз намудани мавқеи айбдоркунандаи хусусӣ буда, ҳамчун қисми маҷлиси судӣ ҷойи марказиро ишғол мекунад. Дар вақти тафтиши судӣ тамоми далеҳои пешниҳодкардаи айбдоркунандаи хусусӣ ва судшаванда мавриди санҷиш ва баҳодиҳӣ қарор дода шуда, баъди он суд ба музокираи судӣ мегузарад.

Судя ҳангоми тафтиши судӣ ангеза ва сабаби низоъро муайян намуда, бояд бе пешгӯии натиҷаи парванда ба ҷиҳати ахлоқии муносибати байни тарафҳо диққати махсус диҳад ва рафтори онҳоро фаҳмонад, то ки ҷиноят рух додааст ва ба кирдори содиршуда ҷавобгарӣ пешбинӣ шудааст. Инчунин дар марҳилаи тафтиши судӣ ба судшаванда мефаҳмонад, ки ҳуқуқи пешниҳод намудани аризаи мутақобиларо то муҳокимаи судӣ дошта бошанд. «Вале М. С. Строгович, масъалаи якҷоя баррасӣ намудани аризаи муқобилро рад карда буд. Аммо ин масъала

дар Кодекси мурофиавии ИҶШС ҳалли худро ёфт, ки ба судя имкон медиҳад, то ки дар як мурофиаи судӣ шикояти ҳарду тарафро якҷоя намояд. Мутобиқи талаботи қ. 3 м. 356 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон «баррасии аризаро оид ба парвандаи айбдоркунии хусусӣ бо баррасии аризаи мутақобила якҷоя пеш бурдан мумкин аст. Якҷоя кардан тибқи қарори судя то оғози тафтиши судӣ иҷозат дода мешавад. Ҳангоми якҷоя кардани аризаҳо дар як пешбурд, шахсоне, ки онро арз кардаанд, дар мурофиа ҳамзамон ба сифати айбдоркунандаи хусусӣ ва судшаванда иштирок мекунанд. Барои омодагӣ ба ҳимоя ва вобаста ба ворид шудани аризаи мутақобила ва якҷоя кардани пешбурд тибқи дархости шахсе, ки нисбати ӯ аризаи мутақобила дода шудааст, парвандаро ба муҳлати на бештар аз се шабонарӯз мавқуф гузоштан мумкин аст».

Шартҳои якҷоя намудан ва мувофиқати аризаҳоро судя мавриди санҷиш қарор дода, аризаи муқобилро бояд то оғози маҷлиси судӣ қабул намояд ва онро бо аризаи асосӣ якҷоя намояд. Якҷоя намудан тариқи баровардани қарор буда, айбдоркунандаи хусусӣ бо аризаи муқобил шинос карда мешавад ва мурофиаи судӣ ҳамчун раванди ягона сурат мегирад.

Дар сурати пешниҳод гардидани аризаи муқобил раисикунанда бояд мутобиқи қ. 3 м. 356 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон на бештар аз се шабонарӯз барои шиносоии айбдоркунандаи хусусӣ бо аризаи муқобил, ба парванда мавқуф гузорад. Дар ҳолати оштӣ нашудани тарафҳо суд метавонад мутобиқи қ.қ. 3 ва 4 м. 262 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, баррасии парвандаро таъин намояд. Баъди баргузории тафтиши судӣ, судя ба музокираи судӣ мегузарад, ки музокираи судӣ аз баромади айбдоркунандаи хусусӣ ва ё намояндаи қонунии ӯ оғоз мегардад. Айбдоркунандаи хусусӣ, ки мутобиқи натиҷаҳои тафтиши судӣ бояд хулосаро дар бораи айбдории судшаванда асоснок намояд, ба кирдори ӯ

баҳо диҳад, ақидаи худро дар бораи ҷазое, ки бояд таъин шавад, изҳор менамояд.

Оғози пешбурди парвандаи айбдоркунии хусусӣ, ки аз муроҷиати айбдоркунандаи хусусӣ ибтидо мегирад, баромад дар баррасии судӣ низ аз ӯ оғоз гардида, нутқи ӯ дар мурофиаи судӣ бояд пурмазмун ва маҳорати ҳуқуқҳои худро ҳимоя карда тавонистан дошта бошад.

Пеш аз он, ки судя ба хонаи машваратӣ равон шавад, муайян карда мешавад, ки оё айбдоркунандаи хусусӣ хоҳиши нисбати судшаванда таъин шудани ҷавобгарии ҷиноятиро дорад, муайян карда мешавад. Дар сурати набудани шикояти айбдоркунандаи хусусӣ, суд бояд дар бораи мавҷуд будан ё набудани аломатҳои таркиби ҷиноят, ба хонаи машваратӣ рафта қарори дахлдорро барорад.

Оид ба тартиби қатъ намудани парвандаи айбдоркунии хусусӣ, ки аз дигар шакли айбдоркунӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ фарқият ҷой дорад, бе сабабҳои узрнок ҳозир нашудан ба маҷлиси судӣ ва оштӣ шудани тарафҳо, боиси аз ҷавобгарӣ озод намудани ҷинояткор шуда метавонад.

Дар ҳолати ноболиғ ё ин ки ғайри қобили амал будани аризадиҳанда, ки ҳуқуқу манфиатҳои қонунии худро ҳимоя карда наметавонанд, масъалаи оштишавиро на танҳо бо розигии худи айбдоркунандаи хусусӣ, балки бо намояндаи қонунии онҳо, ки ариза пешниҳод гардидааст, иҷозат дода мешавад. «Яъне, бо дарназардошти фикру ақидаи ҷабрдидаи ноболиғ нисбати масъалаи оштишавӣ бо айбдоршаванда ва қатъ кардани парвандаи ҷиноятӣ бо фикру ақидаи намояндаи қонунии ӯ мувофиқат накунад парвандаи ҷиноятии айбдоркунии хусусӣ набояд бо оштишавии тарафҳо қатъ карда шавад» [110].

Баъзе аз фарқиятҳои мурофиавиро бо қиёси тартиби пешбурди умумӣ ва махсуси баррасии парвандаи ҷиноятии айбдоркунии хусусӣ дар қонунгузории мурофиавии ҷиноятии давлатҳои аъзои ИДМ ва давлатҳои хориҷӣ муайян кардан мумкин аст, ки бо номгузории моддаҳо фарқият доранд:

«И. В. Головюк, зикр мекунад, ки КМҶ Украина (2012), айбдоркуниро ба сифати ҷабрдида дар суд айбдоркунандаи хусусӣ пеш мебарад. Банди 19 м. 3 КМҶ Украина муқаррар кардааст, ки муфаттиш, прокурор, инчунин ҷабрдида ва намояндаи қонунии ӯ ба тарафи айбдоркунанда таъаллуқ доранд. И. В. Головюк, розӣ нест, ки ариза ва далелҳоро худи ҷабрдида мутобиқи м. 93 КМҶ Украина пешниҳод намояд, ки ба ӯ мушкилӣ оварданаш ғайриимкон аст, чунки ҷабрдидаро бо муфаттиш ва прокурор баробар намудан мумкин нест. Сабаб ва оқибатҳои ҳозир нашудани ҷабрдида ба мурофиаи судӣ ба таври возеҳ дар КМҶ Украина нишон дода нашудааст. Аз муқаррароти м. 325 КМҶ Украина ба хулосае омадан мумкин аст, ки ҳузур надоштани айбдоркунандаи хусусӣ барои ба таъхир мондани мурофиаи судӣ пешбинӣ нагардидааст» [114, с. 96-101].

Пешбурди парвандаҳои ҷиноятии айбдоркунии хусусӣ дар асоси талаботи КМҶ Ӯзбекистон назар намоем, пешбурди парвандаҳои ҷиноятии айбдоркунии хусусӣ дар асоси талаботи КМҶ Ҷумҳурии Ӯзбекистон бо «Оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ бо шикояти ҷабрдида» номгузорӣ шудааст, ки пешбурди ин парванда ба уҳдадории прокурор, муфаттиш ё ин ки таҳқиқбаранда вогузор гардидааст. Мутобиқи талаботи Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Ӯзбекистон моҳияти айбдоркунии хусусӣ ва хусусӣ-умумӣ пешбинӣ нагардида, меъёри «Оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ бо шикояти ҷабрдида» қайд карда шудааст [31].

«Д. Ш. Бекматова, дар таҳқиқоти худ зикр мекунад, ки: оид ба ин масъала таъқиби ҷиноятии пешбурди айбдоркунии хусусӣ пурра ба зиммаи прокурор ва муфаттиш вобаста шудааст ва мутобиқи талаботи қонунгузорӣ, ҷиноятҳои айбдоркунии хусусӣ зиёда аз 13 намуди ҷиноятҳоро дарбар мегиранд» [109, с. 65-67].

«Тибқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Туркманистон пешбурди парвандаҳои айбдоркунии хусусии ин давлат тибқи талаботи м. 213 КМҶ Ҷумҳурии Туркманистон ба монанди КМҶ Ҷумҳурии Ӯзбекистон

бо меъёри «Оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ бо шикояти ҷабрдида» номгузорӣ гардидааст. Дар он ба таври возеҳ оварда шудааст, ки нисбати парвандаи ҷиноятии мазкур амали таҳқиқ ё тафтиш гузаронида шуда, мавод барои баррасӣ ба суд ирсол карда мешавад. Дар сурати оштишавии ҷабрдида бо судшаванда, суд метавонад то муҳокимаи судӣ парвандаро қатъ намояд» [35].

Пешбурди парвандаҳои ҷиноятии айбдоркунии хусусӣ дар Ҷумҳурии Молдова мутобиқи КМҶ Ҷумҳурии Молдова бо (м.276) меъёри «Оғози таъқиби ҷиноятӣ бо шикояти ҷабрдида» пешбинӣ шудааст. Ҳангоми оштӣ шудани тарафҳо таъқиби ҷиноятӣ қатъ карда мешавад. Дар ҳолати маҳдуд будани қобилияти амалкунии ҷабрдида, прокурор таъқиби ҷиноятиро оғоз мекунад ва ҳангоми оштӣ шудани тарафҳо таъқиби ҷиноятӣ қатъ карда мешавад [30].

Пешбурди парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ дар Ҷумҳурии Белорусия аз Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, танҳо бо ваколатҳои суд оид ба пешбурди мазкур хусусӣ фарқ мекунад. Қайд карда мешавад, ки суд дар ҳолатҳои зарурӣ барои гирифтани баёнот, хулосаи мутахассисон ва дигар маълумоти зарурӣ аризаро ба мақомоти таҳқиқ барои гузаронидани санҷиш мефиристад, ки он бояд ба муҳлати то даҳ шабонарӯз анҷом дода шавад. «Ҳангоми баррасии парвандаи айбдоркунии хусусӣ, дар муҳлати на дертар аз чордаҳ шабонаруз аз тарафи суд аз рӯзи қабули маводҳои пешниҳодгардида бояд гузаронида шавад» [26].

«Пешбурди парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ дар асоси талаботи қонунугузории Федератсияи Россия ваколати пешбурди парвандаи мазкурро ба («Мировой судья»)» [36] «Судяи оштидиҳанда» вобаста намудааст. Суди мазкур парвандаҳоро мутобиқи талаботи м. 318 КМҶ ФР дар асоси пешниҳод намудани аризаи шахси зарардида ба пешбурди худ қабул менамояд. Хусусияти ин пешбурд дар тафсири КМҶ ФР чунин пешбинӣ шудааст «шахсе, ки ариза пешниҳод менамояд айбдоршавандаро мешиносад ва нисбати ӯ маълумот дорад, зарурати

тафтиши пешакӣ ё таъқиби ҷиноятӣ оид ба ариза гузаронида намешавад» [22]. «Ғайр аз ин, дар КМҶ ФР оид ба мурофиаи судии ҷиноятӣ меъёри диспозитивӣ амал менамояд [107, с. 83].

«Пешбурди парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ дар Ҷумҳурии Қазоқистон [28] бо меъёрҳои мурофиавии Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон умумият доранд. Доир ба номгузории моддаҳои кодекси мазкур ва субъектони он, салоҳияти суд оид ба оғоз намудани парвандаи айбдоркунии хусусӣ ва дигар қоидаҳои худ ягон фарқият дида намешавад».

Таҷрибаи давлатҳои дигарро оид ба пешбурди парвандаи айбдоркунии хусусӣ таҳлил намуда, ба хулоса омадан мумкин аст, ки давлатҳои зикргардида пешбурди айбдоркунии хусусиро тавре ба роҳ монадаанд, ки ҳуқуқҳои шахси аз ҷиноят зарардида маҳдуд нагардад ва номгузории меъёрҳои моддаи «айбдоркунии хусусӣ» дар аксарияти давлатҳо бо «оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ бо шикояти ҷабрдида» пешбинӣ шудааст. Ин меъёр аз он гувоҳӣ медиҳад, ки намудҳои айбдоркунӣ танҳо аз рӯйи як намуд сурат гирифта, моҳияти «айбдоркунии хусусӣ» дида намешавад.

Бинобар ба стандартҳои байналмилалӣ ҷавобгӯй намудани пешбурди парвандаи айбдоркунии хусусӣ андешаи «М. Х. Мирзамонзода, ба маврид аст, ки дар таҳқиқоти худ зарурати ҳарчи зудтар таъсис додани судяи оштидиҳандаро дар Тоҷикистон таклиф намуда буданд, қобили қабул аст. Зеро дар шароити инкишофи муносибатҳои ҷамъиятӣ фаъолияти судяи оштидиҳанда ба талабот ҷавобгӯй буда, барои такмилёбии қоидаҳои айбдоркунии хусусӣ замина мегузорад» [162, с. 11].

Бинобар он, ки баррасии парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ дар суд бо тартиби махсус баррасӣ мегарданд, вале масъалаи дигаре, дар амалияи судӣ вуҷуд дорад, ки айбдоркунандаи хусусӣ (ҷабрдида) дар аризаи худ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахсро бо айбдоркунии умумӣ талаб менамояд. Вале ҳангоми таҳқиқи парвандаи

ҷиноятӣ муайян мегардад, ки нисбати шахс парвандаи айбдоркунии хусусӣ оғоз гардидааст. Амалияи судӣ нишон медиҳад, ки аз рӯйи аризаи айбдоркунии хусусӣ, ки дар он худи айбдоркунандаи хусусӣ айбдории шахсро бо моддаҳои Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон додааст, тағйир дода намешавад. Судя бо таснифи дар ариза овардаи ҷабрдида маҳдуд шуда, аз рӯйи он парвандаро баррасӣ менамояд. Мисол: судшаванда С.Ш. чанд маротиба ба ҷойи кори ҳамсараш омада, бо ҳар баҳона ҷангҷуйӣ кардааст. Охирон ба ҷойи кори ҳамсараш, ки мактаби таҳсилоти умумӣ мебошад омада, дар назди мактаб ҷангу ҷанҷолро сар задааст. Судшаванда ҳамсарашро дашному суханҳои қабеҳ гуфта, ба сараш бо мушташ мезанад, ки ӯ аз ин зарба аз ҳуш рафтааст. Суд муайян менамояд, ки судшаванда қаблан барои содир намудани чиноят маҳкум шуда, хулосаи даркорӣ набароварда боз ҷинояти қасдона содир кардааст. Ин ҳолатҳоро ба инобат гирифта, суд лозим донист, ки нисбати судшаванда ҷазоро мутобиқи м. 116 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳои ислоҳӣ таъин намояд [213]. Ҳукми суд аз он шаҳодат медиҳад, ки судя ҳангоми хулосабарорӣ танҳо бо зарари расонидашуда маҳдуд гардида, ба судшаванда чунин ҷазоро сазовор медонад. Ҳол он ки якчанд маротиба такрор кардани кирдори худ дар ҷойи ҷамъиятӣ ин дағалона вайрон кардани тартиботи ҷамъиятӣ ё беэҳтиромӣ нисбат ба ҷамъиятро нишон медиҳад, ки судшаванда бо м. 237 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ба ҷавобгарӣ кашида мешуд ва доғи судӣ доштани судшаванда ҳолатҳои вазнинкунандаи ҷавобгариро нишон медиҳад.

Агар ба масъалаҳои баррасии парвандаи айбдоркунии хусусӣ, ки дар амалияи дида мешаванд ва мавриди таҳқиқоти илмӣ гардидаанд, назар намоем, танҳо аз рӯйи ариза баррасӣ кардани парванда баамалбарории адолати судиро бемантиқ мегардонад. Сараввал танҳо бо ариза эътироф намудани шахс ба сифати айбдоркунандаи хусусӣ; аз ҷониби аризадиҳанда тасниф намудани ҳолати рухдода бодарназардошти моддаҳои Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

ба талаботи қонунугузорӣ ҷавобгӯй намудани аризаи айбдоркунии хусусӣ; бо ташаббуси худ даъват намудани шоҳидон ба суд; шахсро ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан; нисбати судшаванда ирсол кардани маълумот ба СМИТ (СМИТ ВКД, марказҳои иттилоотии Раёсати корҳои дохилии вилоятҳо ва ш. Душанбе, Сарпрокуратураи ҳарбӣ, ки ба онҳо вазифаи ба ҳисоботи оморӣ дохил намудани маълумот оид ба объектҳое, ки дар ҳуҷҷатҳои баҳисобгирӣ инъикос ёфтаанд, вогузор шудааст. Баҳисобгирии иттилоотӣ мутобиқи «Тартиби пешбурди баҳисобгирӣ, қайди ягонаи ҷиноятҳо ва шахсони ҷиноят содирнамуда», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №676 аз 22 декабри с.2009 тасдиқ гардидааст, ҳамчунин дар асоси Фармоиши якҷояи вазорату идораҳои манфиатдор «Оид ба қайди ягонаи ҷиноятҳо», ки аз 25 феврали с.2010 таҳти №3 ба имзо расидааст, амалӣ гардонида мешавад) ирсол намудан; муайян кардан шахсияти судшавандаро (оид ба доғи судӣ доштан ё надоштан); ҷамъоварии далелҳо; муҳлати дароз дар пешбурди судӣ қарор доштани парванда ва дар охир, қарори қатъ кардани пешбурди парванда, бинобар оштӣ шудани тарафҳо мебошад. Аз ин хулоса кардан мумкин аст, ки якум вақт, моҳҳо, ки дар суд парвандаи айбдоркунии хусусӣ қарор дорад ҳуқуқҳои тарафҳо маҳдуд мешаванд. Мебоист дар муддати кутоҳ қарор оид ба қатъ намудани парвандаро баровард. Ин амалҳои номбаргардида костагиҳои фаъолияти судиро дар амалия нишон додааст.

Қонунгузор оид ба пешбурди парвандаи айбдоркунии хусусӣ таъқиби ҷиноятиро ба зиммаи мақомоти давлатӣ (м. 26 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон) вогузор кардааст. Агар ба моҳияти таъқиби ҷиноятӣ назар намоем, таъқиби ҷиноятӣ бо ошкор ва оғоз кардани парвандаи ҷиноятӣ, исботи айб ва ҳангоми мавҷуд будани далелҳои кофӣ ба баррасии суд пешниҳод намудани парвандаи ҷиноятӣ иборат мебошад, ки ҳамаи онро айбдоркунандаи хусусӣ иҷро карда истодааст.

Ухдадории мақомоти таъқиби ҷиноятӣ оиди исботи ҳолатҳои содир шудани ҷиноят, пеш аз ҳама ба муқаррар карда шудани айби шахс дар содир кардани ҷиноят, ба асоснок ва тасдиқ кардани айби шахс дар содир кардани ҷиноят равона карда мешавад.

Қонунгузор, ки ба суд ваколати таъмини адолати иҷтимоӣ додааст, парвандаи ҷиноятиро бевосита, ҳамаҷониба, пурра ва холисона, дар шароити ошкоро, шифоҳӣ, бо тарзи мубоҳиса ва дар асоси баробарии тарафҳо баррасӣ намуда, қарор қабул менамоянд.

«Барои муайян кардани ҳолатҳои ба ҳалли парвандаи ҷиноятӣ аҳаммиятдошта, суд ҳуқуқ дорад дар ҷараёни баррасии парвандаи ҷиноятӣ далелҳои пешниҳодшударо бевосита мавриди санҷиш қарор диҳад. Чи тавре, ки С. О. Юсупова, зикр карда буданд, суд бо фикр ва хоҳиши иштирокчиёни мурофиа ва масъалаҳои ба даст овардани далелҳо набояд вобаста бошад» [193, с. 15-16].

Ваколати суд доир ба таҳқиқи далелҳо аз ваколатҳои муфаттиш, прокурор ва таҳқиқбаранда низ оид ба ҷамъоварӣ, санҷидан ва баҳо додан ба далелҳо вобаста набуда, холисона парвандаро мавриди санҷиш ва баррасӣ қарор медиҳад. Функсияи суд ин ба амал баровардани адолати судӣ оид ба парвандаи ҷиноятӣ аст. Яъне суд парвандаи ҷиноятиро дида баромада, муайян мекунад, ки айби шахс дар содир кардани ҷиноят бо далелҳои пешниҳодшуда тасдиқи худро ёфтаанд ё не [69, с. 101].

Дар амалияи судӣ дида мешавад, ки судя парвандаи айбдоркунии хусусиро бо м.м. 112 ва 116 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ намуда, бештар парвандаҳо қатъ карда мешаванд. Пас аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда шудани ин шахсон, ки бе ҷазо мондани ҷинояткор мегардад, аз эҳтимол дур нест боз ҷинояти дигарро содир намоянд. «М. М. Муллоев, низ ишора карда буданд, ки далелҳои айбдории ҷинояткорро айбдоркунандаи хусусӣ ба суд пешниҳод мекунад, лекин аз суд талаб кардани таъини ҷазои сазовор аз ҷониби айбдоркунандаи хусусӣ дар амалияи судӣ дида намешавад» [173, с. 17].

Дар мурофиаи судии айбдоркунии хусусӣ суд вазифадор аст тамоми чораҳои пешбининамудаи қонунро барои муайян кардани ҳодисаи ҷиноят, фош кардани судшаванда дар содир намудани ҷиноят ҳамаҷониба, пурра ва холисона омӯзад.

Ба хулоса омадан мумкин аст, ки баррасии парвандаи айбдоркунии хусусӣ ин ба манфиати шахси зарардида, яъне айбдоркунандаи хусусӣ буда, роҳҳои амалишавии адолати судӣ ва дастрас будани ҳимояи судӣ аз судяи баррасикунандаи парванда вобаста мебошад.

Чи тавре ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми мулоқот бо кормандони мақомоти судӣ низ вазифаҳои ҳокимияти судиро дар таъмини адолат, бо асоси принсипу меъёрҳои демократии мурофиаи судӣ, аз ҷумла баробарии ҳама дар назди қонун ва суд, баробарҳуқуқии тарафҳо дар ҷараёни баҳсу мунозира ва ба тарзи ошкоро гузаронидани мурофиаи судӣ ки меъёрҳои қонун кафили воқеии ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон, таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, дар маҷмуъ, нишонаи муҳимтарини ҷомеаи адолатпарвар, демокративу ҳуқуқбунёд ва дунявию иҷтимоӣ дониста, камбудиҳое, ки дар таҷрибаи фаъолияти судӣ дида мешавад, чунин зикр намудаанд: «дар давраи солҳои 2009-2019 судҳои умумӣ қариб 95 ҳазор парвандаи ҷиноятиро мавриди баррасӣ қарор додаанд. Дар ин давра аз ҷониби судҳо нисбат 121 адад ҳукмҳои комилан сафедкунанда бароварда шудаанд, ки аз ин шумора 62 адад бо парвандаҳои ҷиноятии аз ҷониби тафтишоти пешакӣ ба итмом расонида шуда, 59 адад ба парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ вобаста мебошанд. Ҳамчунин, 151 адад ҳукмҳои қисман сафедкунанда бароварда шудаанд, ки аз ин шумора ба 13 адад парвандаҳои айбдоркунии хусусии оғознамудаи судҳо ва 138 адад парвандаҳои ҷиноятии аз ҷониби мақомоти таҳқиқ ва тафтиш ба итмом расонидашуда мебошад» [198]. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки суд функсия ё механизми таъқибнамоӣ, айбдоркунӣ ё танҳо ба ҷазодиҳӣ набояд вобастагӣ дошта бошад. Зеро ҳангоми дида баромадани парвандаи айбдоркунии хусусӣ таваҷҷуҳи суд

бештар ба баррасии парвандаҳои ҷиноятии хусусияти умумидошта равона гардида, ҳангоми баррасии парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ ба назар нагирифтани талаботи м. 21 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дида мешавад.

Ҳангоми баррасии парвандаи айбдоркунии хусусӣ ва ҳалли масъалаҳои вобаста ба он, суд аз мавқеи иштирокчиёни мурофиаи судӣ вобастагӣ надошта, вазифадор аст, ҳуқуқу озодиҳои иштирокчиёнро, ки дар мурофиаи судии ҷиноятӣ иштирок мекунанд, ҳимоя намуда, ҷиҳати татбиқи онҳо шароит фароҳам оварад ва барои қонеъ намудани талаботи қонунии иштирокчиёни мурофиаи судӣ сари вақт чораҳо андешанд.

Масъалаи бо тартиби умумӣ ва махсус баррасӣ шудани парвандаи айбдоркунии хусусиро мавриди таҳқиқот қарор дода ба хулоса омадем, ки:

1. Судя дар фаъолияти худ баҳри риояи ҳуқуқу озодии шахс ва амалишавии онҳо аз санадҳои байналмилалӣ истифода барад. Зеро тибқи санадҳои байналмилалӣ дастрас будани адолати судӣ дар ҳама марҳилаҳои судӣ имконпазир аст, лекин дар амалия татбиқ шудани ин меъёрҳо дар шакли ниҳоят маҳдуд ба чашм мерасанд.

2. Судя аризаи айбдоркунандаи хусусиро ҳамчун хулосаи айбдоркунӣ маҳсуб надониста, то баргузории муҳокимаи судӣ ҳатман санҷиши судӣ гузаронад. Чунки оид ба пешбурди парвандаи айбдоркунии хусусӣ фикри айбдоркунӣ тартиб дода нашуда, тафтиши судӣ ва баррасии он аз зикри аризаи айбдоркунандаи хусусӣ оғоз мегардад. Бинобар ин, гузаронидани санҷиши судӣ ҳатмӣ буда, далелҳои ҷамъовардашуда аз тарафи суд мавриди таҳлил қарор дода, санҷида, баҳо дода шаванд.

3. Қарори суд дар бораи ба пешбурд қабул намудани ариза ин санади мурофиавие мебошад, ки мавқеи мурофиавии аризадиҳандаро чун айбдоркунандаи хусусӣ ва шахсе, ки дар содир намудани ҷиноят

айбдор карда мешавад – чун судшаванда муайян намуда, нақши санади мурофиавии оғоз намудани парвандаи ҷиноятиро иҷро мекунанд.

4. Фаъолияти судӣ масъулияти баланди руҳиву равониро дарбар мегирад, ки бо шумораи баррасии парвандаҳои гуногун аз қабили ҷиноятӣ, маданӣ, оилавӣ ва маъмурӣ вобаста мебошад ва ҳар яки он моҳҳо ва вақтҳои тӯлонӣ иборат аст. Ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии кори судяҳо, беҳтар кардани сифати баамалбарории адолати судӣ, риояи дақиқи муҳлати баррасии парвандаҳо, таъмин ва бо дархости аризадиҳанда таъмин карда шаванд.

5. Баҳри пайдарҳамии нутқи айбдоркунандаи хусусӣ дар мурофиаи судӣ бо мақсади беҳтар кардани мустақилияти ҳимоя пешниҳод мекунем, ки баромади айбдоркунандаи хусусӣ дар мурофиаи судӣ аз чунин қисмҳо иборат бошанд:

1. Муайян намудани муносибати судшаванда;
2. Баёни ҳолатҳои воқеии рухдода;
3. Шарҳи пурраи сабаб ва шароитҳои содир шудани ҷиноят;
4. Пешниҳоди далелҳои ҷамъ овардашуда, ки айби судшавандаро инъикос ва тасдиқ мекунанд;
5. Пешниҳод оид ба таъини ҷазо;
6. Талаби барқарор кардани зарари расонидашуда;
7. Пешниҳод оид ба бартараф кардани омилҳои ба ҷиноят мусоидаткарда ва низоъ (пеш аз оштӣ шудан).

6. Таҷрибаи қонунугузориҳои мурофиавии ҷиноятии давлатҳои хориҷиро ба назар гирифта, таклиф менамоем, ки баҳри баланд бардоштани салоҳияти суд ва бо мақсади иҷрои саривақтии пешбурди парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ, таъмини ёрии ҳуқуқии тахассусӣ ба (ҷабрдида) айбдоркунандаи хусусӣ, бартараф намудани камбудиҳои дар қонунунгузории танзимкунанда ва бо дарназардошти рафти муътадили пешбурди парвандаи мазкур, ба салоҳияти судҳои салоҳияташон умумии зинаи якум таъсис додани сохтори алоҳида «судяҳои оштидиҳанда» дар низоми судии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маврид аст.

## ХУЛОСА

Омӯзиши тартиби айбдоркунии хусусӣ, асосҳои назариявӣ-ҳуқуқӣ ва мушкилоти дар амалияи судӣ ошкоршуда зарурати таҳким бахшидани риоя ва иҷрои тартиби муқарраркардаи қонун оид ба айбдоркунии хусусӣ, таҷдиди назар ва такмили қоидаҳои мурофиавиро афзун мекунанд.

Муносибати байниҳамдигарии шахсият бо давлат аз ҳаллу фасли одилонаи парвандаҳо аз ҷониби ҳокимияти судӣ вобастагӣ дорад. Меъёри муҳокимаи одилонаи парвандаҳои ҷиноятиро маҳз қонуни мурофиавии ҷиноятӣ пешбинӣ менамояд, ки бинобар рӯзафзун гаштани талаботи шахс ба ҳимояи давлат бояд мунтазам такмил ёбад.

Бо ин мақсад дар таҳқиқоти диссертатсионӣ зарурати такмил додани меъёрҳои қонуни мурофиавии ҷиноятӣ оид ба пешбурди парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ, ки ҳамчун шакли ҳимояи кафолатноки ҳуқуқи шахси аз ҷиноят зарардида эътироф шудаанд, асоснок шуда, хулосаҳо пешбарӣ мешавад, ки амалишавии онҳо таъмини иҷрои вазифаҳои пешбурди мурофиаи судии ҷиноятиро самара мебахшад.

Мавзуи диссертатсиониро мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода, чунин хулосаҳои илмиву назариявиро пешниҳод менамоем:

**1.** Шумораи ҷиноятҳои айбдоркунии хусусӣ аз доираи айбдоркунии хусусӣ-умумӣ дар меъёрҳои Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ дар самти айбдоркунии хусусӣ васеъ карда шаванд **[6-М].**

**2.** Асоси оғози баррасии судии парвандаи айбдоркунии хусусиро судя бояд баъди санҷиши ариза ва баҳодиҳӣ ба маводҳои пешниҳодшуда муайян намояд. Агар дар натиҷаи санҷиши ариза (сабаб) воқеан ҷой доштани аломати таркиби ҷиноят (асос) тасдиқ ёбад, судя бояд дар доираи салоҳияти худ дар бораи ба пешбурди суд қабул кардани аризаи айбдоркунии хусусӣ қарор қабул намояд. Ва ҳамин қарор расмиёти оғози чунин парвандаҳо ҳисоб мешавад **[1-М].**

**3.** Дар м. 354 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррарот оид ба пайдарҳамии амалҳои судя дақиқ карда шавад, ки

судя пеш аз қабули қарор (дар бораи ба пешбурди суд қабул кардани аризаи айбдоркунии хусусӣ) вазифадор аст, аризаи айбдоркунии хусусӣ ва маводҳои пешниҳодшударо мавриди санҷиш қарор диҳад. Муҳлати санҷиши ариза бояд на кам аз 3 шабонарӯз дар доираи муҳлати пешбиникардаи қ. 2 м. 356 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шавад, ки мутобиқати татбиқи меъёрҳо таъмин гарданд **[12 -М].**

**4.** Айбдоркунии хусусӣ ҷузъи таъқиби ҷиноятӣ, лекин онҳо шабеҳи ҳамдигар нестанд. Чунки таъқиби ҷиноятӣ асосан ҳамчун функсияи (тайионти) мурофиаи ҷиноятӣ аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ бо маҷмуъи амалҳои мурофиавӣ амалӣ мешавад, ки айбдоркунандаи хусусӣ салоҳияти иҷрои онҳоро надорад. Ҷабрдида (айбдоркунандаи хусусӣ) ҳуқуқ дорад дар амалишавии таъқиби ҷиноятӣ иштирок намояд.

**5.** Бо дархости айбдоркунандаи хусусӣ судя бояд ба ӯ дар ҷамъоварии далелҳо мусоидат мекунад. Ин қоида дар шакли умумӣ ифода ёфта, бояд ба меъёри қ.3 м. 355 Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ дақиқ ва мушаххас гардад **[4-М], [10-М].**

**6.** Тибқи қ. 2 м. 21 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Суд, судя, прокурор, муфаттиш ва таҳқиқбаранда ҳуқуқ надоранд уҳдадории исботи бегуноҳиро ба зиммаи айбдоршаванда вогузор намоянд». Амалишавии ин қоида дар пешбурди якҷояшудаи парвандаҳои ҷиноятии айбдоркунии хусусӣ, ки тибқи он як шахс ҳам айбдоршаванда (судшаванда) ва ҳам ҷабрдида (айбдоркунандаи хусусӣ) мебошад (м.356 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон), дар қонун дақиқ нашудааст **[11-М].**

**7.** Тибқи қ. 5 м. 354 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз лаҳзаи ба суд пешниҳод шудани ариза шахс ба сифати айбдоркунандаи хусусӣ (ҷабрдида) ҳисобида мешавад. Дар муқоиса дар пешбурди парвандаҳо бо айбдоркунии умумӣ дар бораи ҷабрдида эътироф кардани шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ таҳқиқбаранда, муфаттиш ва

прокурор, судя баъди муқаррар кардани ҳодисаи ҷиноят ва воқеияти бар асари ҷиноят расидани зарар фавран қарор қабул карда, суд тайинот мебарорад». Бинобар ин пешниҳод карда мешавад, ки то муқаррар карда шудани аломати ҷиноят ва ҳолатҳои ҳодисаи рухдода ва натиҷаи санҷиши аризаи пешниҳодгардида, шахс набояд шитобкорона ба сифати ҷабрдида ва айбдоркунандаи хусусӣ эътироф шавад **[7 -М].**

**8.** Ҳангоми оштӣ шудани (ҷабрдида) айбдоркунандаи хусусӣ бо судшаванда, бо назардошти барқарор шудани ҳуқуқу манфиати шахси зарардида, судяро зарур аст муайян намояд, ки зарар бартараф карда шудааст ё не? Чунки оштии тарафҳо асос барои қатъ гардидани пешбурди парванда гардида, минбаъд бартараф карда шудани зарар аз назорати судӣ дар канор мемонанд **[1-М].** Аз ҷониби дигар оштии тарафҳо бояд дар шакли хаттӣ омода шуда, баъди имзои тарафҳо он бояд аз ҷониби судя тасдиқ гардад ва нусхаи аслии он ба маводҳои парвандаи ҷиноятӣ ҳамроҳ карда шаванд.

**9.** Ҳатмӣ будани иштироки бевоситаи ҳимоятгарро дар парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ зарур мешуморем, ки ба қ.1 м.51 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд сархати зерин: «ба ҷабрдида, ки бинобар расонидани зарарҳои ҷисмонию руҳӣ ё дигар сабабҳо, дар ҳолатҳои мустақилона ҳимоя карда натавонистани ҳуқуқҳои худ» ворид карда шавад **[1-М], [9-М].**

**10.** Уҳдадории таъқиби ҷиноятӣ танҳо бо исботи айб ва ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс маҳдуд намешавад. Таъқиби ҷиноятӣ аз маҷмуи амалҳои мурофиавӣ оид ба ҷустуҷу, ошкор кардани ҷиноят ва ҷинояткор, дастгир кардан ва андешидани чораҳои маҷбурии мурофиавӣ, ҷамъоварии далелҳо, эълони айб, исботи тамоми ҳолатҳои ба парвандаи ҷиноятӣ аҳамиятдошта, ба суд пешниҳод кардани маводҳои кофӣ, дастгирии айбдоркунӣ ва тақвияти айбдорӣ дар марҳилаҳои судӣ иборат аст. Бинобар ин, пешниҳод шудани ариза оид ба ҷинояти содиршуда бояд сабаби оғози таъқиби ҷиноятӣ эътироф

гардад, ки санҷиши онро танҳо мақомоти ваколатдори давлатӣ таъмин карда метавонад **[2-М].**

**11.** Бо назардошти ҷараёни тағйиротҳои куллӣ ислоҳоти муҳими ҳуқуқию судӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд идома ёбад, ки кафолатҳои ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, амалишавии ҳуқуқу озодиҳои инсон дар пешбурди парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ самаранок ва дастрас гардад **[17-М].**

**12.** Ба қ. 1 м. 279 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон «дар мурофиаи суд иштироки айбдоркунандаи давлатӣ ҳатмист, ба истиснои парвандаҳои ҷиноятии айбдоркунии хусусӣ, ки дар онҳо айбдоркуниро ҷабрдида дастгирӣ мекунад» бо қоидаи «дар мурофиаи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятии айбдоркунии хусусӣ бо дархости ҷабрдида иштироки айбдоркунандаи давлатӣ ҳатмист» тағйир дода шавад **[1-М].**

**13.** Айбдоркунии оммавӣ шакли асосии амалӣ намудани таъқиботи ҷиноятӣ буда, шурӯи он аз иродаи ҷабрдида вобаста набуда, бинобар зарар дидани манфиати омма (ё гуруҳи одамон) шахсони мансабдори мақомоти давлатӣ салоҳият доранд парвандаи ҷиноятиро оғоз намуда, баҳри ҳимояи манфиатҳои поймолшуда чораҷуӣ намоянд. Ин шакли айбдоркунӣ нисбати ҷиноятҳое татбиқ карда мешаванд, ки Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро ба айбдоркунии хусусӣ мансуб намедонад. Аз ин рӯ, асоснок менамоем, ки расидани зарар ба манфиати хусусӣ ё оммавӣ аз ҷиноят, ҳимояи ҳуқуқу манфиат ва барқарор намудани адолат - чун ангезаи айбдоркунӣ баромад мекунад.

**14.** Падидаи ҳуқуқии айбдоркунии хусусӣ дар давраҳои таърихӣ таҳлил шуда, аҳаммияти таҷрибаи таърихиро дар ташаккули ғояи адолати иҷтимоӣ ва судӣ муҳим донистa, хулоса шудааст, ки падидаи айбдоркунии хусусӣ то ба имрӯз марҳилаи муайяни инкишофро аз сар гузаронида, вай бо боло рафтани маърифати ҳуқуқии шахс, такмили тавозӯи манфиати шахс бо манфиати омма, содда кардани тартиби

дастрасӣ ба адолат алоқаманд буда, минбаъд дар шакли васеъ дар мурофиаи ҷиноятӣ тавсеа дода мешавад **[14-М].**

**15.** Ба зиммаи шахси аз ҷиноят ҷабрдида вогузор гардидани ҳуқуқи айбдоркунӣ аз рӯйи парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ ба мазмуни мақсаду вазифаҳои мурофиаи судии ҷиноятӣ, принсипҳои мубоҳисавият, баробарҳуқуқии тарафҳо ва ҳимояи судӣ мувофиқат мекунад. Аз ин рӯ, бо мақсади таъмин намудани дастрасии адолати судӣ ба ҳама ва иҷроиши вазифаи саривақт ва пурра ошкор намудани ҷиноятҳое, ки дар шакли мурофиавии айбдоркунии хусусӣ таъқиб мешаванд, бояд мақомоти таъқиби ҷиноятӣ вазифадор карда шаванд, ки аризаву маводҳои аввалияро қайду қабул ва санҷида ба суд ирсол намоянд. Минбаъд ҷабрдида дар муҳокимаи судӣ худ мустақилона ва ё бо ёрии адвокат-намоянда таъқиботи ҷиноятӣ ва айбдоркуниро тақвият медиҳад **[6-М], [15-М].**

**16.** Тартиби оғоз намудани парвандаи ҷиноятии айбдоркунии хусусӣ тарзи махсус ҳисобида шуда, асоснок мешавад, ки аз ҷониби ашхоси алоҳида бо ариза ба суд муроҷиат намуданро чун сабаб ва муайян шудани мавҷудияти ҳодисаи ҷиноятро чун асоси оғоз намудани ин намуди пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ дониста, қарори қабули ариза ба пешбурди судиро чун расмиёти мурофиавии оғоз намудани пешбурди судии чунин парвандаҳо пешбарӣ карда шавад **[6-М], [12-М].**

## ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ

**1.** Мутобиқи сархати 15 м. 35 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, суд метавонад ба «баррасии судии парвандаи ҷиноятии айбдоркунии хусусӣ оғоз намояд» ва ё «маводи пешниҳодгардидаро барои оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ аз рӯйи тобеият ба таҳқиқ ё тафтиши пешакӣ ирсол намояд», вале дар ин меъёр сараввал «парвандаи ҷиноятии айбдоркунии хусусиро оғоз менамояд» пешбинӣ нагардидааст, ки баъдан ба «баррасӣ»-и он шурӯъ намояд.

Пешниҳод мекардем, ки салоҳияти суд оид ба «баррасии судии парвандаи ҷиноятии айбдоркунии хусусӣ оғоз намояд» гирифта шуда, «парвандаи ҷиноятии айбдоркунии хусусиро баррасӣ намояд» иваз карда шавад **[12-М].**

**2.** Бо дарназардошти махсусияти пешбурди парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ дар сохтори мақомоти судии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷудо намудани воҳиди судяи оштидиҳанда мувофиқи мақсад аст **[15-М].**

**3.** Асоси оғози баррасии судии парвандаи айбдоркунии хусусиро судя бояд баъди санҷиши ариза ва баҳодиҳӣ ба маводҳои пешниҳодшуда муайян намояд **[1-М].**

**4.** Дар қ. 5 м. 354 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: «Санҷиши аризаи айбдоркунии хусусӣ (сабаб), воқеан ҷой доштани аломати таркиби ҷиноят (асос)» ва қарор «Дар бораи ба пешбурди суд қабул кардани аризаи айбдоркунии хусусӣ» қабул намояд, пешбинӣ карда шавад.

# РӮЙХАТИ АДАБИЁТ

## I. Санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ:

[1]. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 ноябри соли 1994 аз тариқи райъпурсии умумихалқӣ қабул шуда, ба он 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 тағйиру иловаҳо ворид шуданд [Матн]. – Душанбе : “Нашриёти Ганҷ”. 2016. – 135 с.

[2]. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2018 // Ҳақиқати Суғд аз 29 декабри 2018 –№104 (16710). – Хуҷанд, 2018. – С. 3.

[3]. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 28 декабри 2023 [Манбаи электронӣ]: URL: https://prezident.tj (санаи муроҷиат: 04.01.2024).

[4]. Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 феврали соли 2018, №1005 // Маҳзани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Манбаи электронӣ]: URL:http://mmk.tj/content/консепсияи-сиёсати-ҳуқуқии-ҷумҳурии-тоҷикистон-барои-солҳои-2018-2028#collapse-266 (санаи муроҷиат: 11.05 2020).

[5]. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 майи соли 1998 №574 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 1998. – №9. (дар ҳолати 15.04.2025 № 2163).

[6]. Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 августи 1961 (бо тағйиру иловаҳо: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон №576 аз 21 майи 1998).

[7]. Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 августи 1961 (дар ҳолати 18 марти 2008) // «Ҷумҳурият». – № 30 марти 2008.

[8]. Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 майи соли 2009 №574 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 1998. – №9. (дар ҳолати аз 03 январи 2024 № 2017).

[9]. Дар бораи милитсия: қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 майи соли 2004 №41 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2004. – №5. (дар ҳолати 17 декабри 2020 с., №1736).

[10]. Аз ҷониби судҳо татбиқ намудани қонунҳое, ки муносибатҳоро оид ба ухдадориҳо вобаста ба расонидани зарар ба ҳаёт ё саломатии шаҳрванд ба танзим медароранд: қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 июни соли 2013. – №3 // [Захираи электронӣ]. - Манбаи дастрасӣ: URL: **sud.tj** (санаи муроҷиат: 03.01.2025).

[11]. Таҷрибаи судии дида баромадани парвандаҳои ҷиноятӣ дар шакли протоколии тосудӣ: қарори Пленуми Суди Олии ИҶШС аз 24 декабри 1985. – №8 // БВС. 1986. – №3.

[12]. Таҷрибаи судӣ оид ба татбиқи қонунгузорие, ки иштироки ҷабрдидаро дар мурофиаи судии ҷиноятӣ ба танзим медарорад: қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №10 аз 23 декабри 2011. Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон – Душанбе: «СИФАТИ ОЛӢ», 2023. – С.157

[13]. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 : қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 декабри соли 2016, №636 // Портали интернетии иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

[14]. Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2022-2026: қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2021, №565 // Портали интернетии иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

[15]. Уголовно-процессуальный кодекс Республики Таджикистан от 17 августа 1961 (с изм. и доп. по сост. на 01 апреля 2010) // Ведомости Верховного Совета Таджикской ССР. 1961. №24. – С.126.

[16]. Уголовный кодекс Республики Таджикистан 1961. – Душанбе: «Ирфон», 1975. – 184 с.

[17]. Уголовно-процессуальный Кодекс Таджикской ССР (с изм. и доп. на 25 августа 1975 г.). – Душанбе: Изд-во «Ирфон», 1975. (ст. 3, 108, 257, 258).

[18]. Уголовно-процессуальный кодекс РСФСР от 27 октября 1960 года // Ведосости Верховного Совета РСФСР. 1960. – №40. – С.592.

[19]. Основы уголовного судопроизводства Союза ССР и союзных Республик от 25 декабря 1958 // Ведомости Верховного Совета СССР. 1958. – №1 – С.6.

[20]. Основы уголовного судопроизводства Союза ССР и союзных республик: Утв. Законом СССР от 25 декабря 1958 г. // Ведомости Верховного Совета СССР. – 1959. – №1. – С. 15.

[21]. Уголовно-процессуальный Кодекс РСФСР (с изм. и доп. на 1 января 1990 г.). – М.: Изд-во Юридическая литература, 1990 (ст. 3, 255, 256).

[22]. Безлепкин, Б. Т. Комментарий к Уголовно – процессуальному Кодексу Российской Федерации (Постатейный). 9-е издание. КноРус. 2010. – 688 с.

[23]. Постановление ВЦИК от 15 февраля 1923 Об утверждении Уголовно-Процессуального Кодекса Р.С.Ф.С.Р. «СУ РСФСР», 1923. – № 7, ст. 106, «Известия ВЦИК», № 37, 18 февраля 1923.

[24]. Уголовно – процессуальный Кодекс Кыргызской Республики с 2 февраля 2017 №20 (в законе Кыргызской Республики с 24 января 2017. – №10 с 1 января 2019) (В действии закона Кыргызской Республики с 15 мая 2019 N 62) [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: URL: https://base.spinform.ru/show_doc.fwx?rgn=136101 (санаи муроҷиат: 24.07.2019).

[25]. Уголовно – процессуальный Кодекс Кыргызской Республики с 28 октября 2021 №129 (в Законе Кыргызской Республики с 1 декабря 2021 г. в законе Кыргызской Республики с 28 октября 2021. – №126 с

изминениями и дополнениями от 02 августа 2023 г.) [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: URL: https://continent-online.com/Document/?doc_id=36639004#pos=5387;-9 (санаи муроҷиат: 21.09.2023).

[26]. Уголовно – процессуальный Кодекс Республики Белорусь ст. 51, 427, 428 с 16 июля 1999 г. № 295-З (с изминениями и дополнениями с 17 июля 2018) Закон Республики Белорусь с 09 января 19 г. – № 171-З. [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: URL: http://etalonline.by/document/?regnum=HK9900295. (санаи муроҷиат: 25.07.2019).

[27]. Уголовно – процессуальный Кодекс Республики Казахстан (с изминениями и дополнениями с 01 апреля 2019). [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: URL: https://online.zakon.kz/Document/?doc_id=31575852&pos=7442;-55#pos=7442;-55 (санаи муроҷиат: 24.07.2019).

[28]. Уголовно – процессуальный Кодекс Республики Казахстан с 07 ноября 2014г. № 248-V; Закон Республики Казахстан с 01 апреля 2019 № 240-VI [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: URL: https://online.zakon.kz/document/?doc_id=31575852 (санаи муроҷиат: 25.07.2019).

[29]. Уголовно – процессуальный Кодекс Республики Молдова с 14 марта 2003 №122-XV (с изминениями и дополнениями по состоянию на 14 апреля 2023 г.). [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: URL: https://continent-online.com/Document/?doc_id=30397729 (санаи муроҷиат: 23.09.2023).

[30]. Уголовно – процессуальный Кодекс Республики Молдова. [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: URL: http://base.spinform.ru/show_doc.fwx?rgn=3833 (санаи муроҷиат: 25.07.2019).

[31]. Уголовно – процессуальный Кодекс Республики Узбекистан ст.325, 582, 583, 584, 585, 586 (утвержден Законом Республики

Узбекистан от 22 сентября 1994 – № 2013-XII) (с изменениями и дополнениями по состоянию на 12 августа 2023). [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: URL: https://continent-online.com/Document/?doc id=30421101#pos=5309;-2 (санаи муроҷиат: 23.09.2023).

[32]. Уголовно – процессуальный Кодекс Республики Узбекистан с 22 сентября 1994. – № 2013-XII. [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: URL: http://fmc.uz/legisl.php?id=k_ug_pr (санаи муроҷиат: 25.07.2019).

[33]. Уголовно – процессуальный Кодекс РСФСР // Закон РСФСР от 27 октября 1960 «Об утверждении уголовно-процессуального Кодекса РСФСР» [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: URL: https://governmentussr.su/zakonodatelstvo-sssr/kodeksy/ugolovno-protsessualnyy-kodeks-rsfsr/ugolovno-protsessualnyy-kodeks-1960g/ (санаи муроҷиат: 08.05.2024).

[34]. Уголовно – процессуальный Кодекс Туркмении с 18 апреля 2009 г. (с изминениями и дополнениями по состоянию 03 июня 2023 г.). [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: URL: https://continentonline.com/Document/?docid=31344376#pos=4098;-60 (санаи муроҷиат: 23.09.2023).

[35]. Уголовно – процессуальный Кодекс Туркменистана с 18 апрели соли 2009. [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: URL: https://www.unodc.org/res/cld/document/tkm/turkmenistan-code-of-criminal-procedure_html/Turkmenistan_Code_of_Criminal_Procedure.pdf (санаи муроҷиат: 25.07.2019).

[36]. О мировых судьях в Российской Федерации: Федеральный Закон Российской Федерации с 02.12.1998. (изм. доп. с 05.04.2016. – N 98-ФЗ).

**II. Монографияҳо, китобҳои дарсӣ, тафсирҳо, васоити таълимӣ:**

[37]. Александрова, Л.А. Публичность как основание уголовно-процессуального права [Текст] / Л.А. Александрова. – М.: Юрлитинформ, 2007. – 138 с.

[38]. Альперт, С.А. Производство по уголовным делам, возбуждаемым по жалобе потерпевшего [Текст]: учебное пособие / С.А. Аьперт. - Харьков, 1976. – 46 с.

[39]. Багаутдинов, Ф.Н. Обеспечение публичных и личных интересов при расследовании преступлений [Текст] / Ф.Н. Багаутдинов. – М.: Издательство «Юрлитинформ», 2004. – 544 с.

[40]. Божьев, В.П. Виды уголовного процесса: исторический опыт и действительность // Уголовный процесс [Текст]: учебник для вузов / под ред. В.П. Божьева. – М., 1998. – 591 с.

[41]. Божьев, В.П. Конституционные принципы уголовного процесса. Уголовный процесс [Текст]: учебник / В.П. Божьев. – М., 2011. – 354 с.

[42]. Божьев, В.П. Уголовно-процессуальные правовые отношения [Текст] / В.П. Божьев. – М., 1976. – 238 с.

[43]. Божьев, В.П. Уголовный процесс [Текст]: учебник для студентов вузов, обучающихся по специальности «Юриспруденция» 3-е изд., испр. и доп. В.П. Божьев / под ред. В.П. Божьева. – М.: Спарк, 2002. – 704 с.

[44]. Буриев, И.Б. История государства и права Таджикистана [Текст]: Т. 1. Ч. 1 – 4 (от древнейших времен и до начала XX века) / И.Б. Буриев. – Душанбе, 2016. – 352 с.

[45]. Буриев, И.Б. История государства и права Таджикистана [Текст]: Т. 1. Ч. 1 – 2 (от древнейших времен и до начала XX века) И.Б. Буриев / отв. ред. Ф. Т. Тахиров. Душанбе: «Ирфон». 2007. – 243 с.

[46]. Володина, Л. Сидорова, Н.В. Уголовный процесс [Текст]: Учебное пособие / Л.М. Володина, Н.В. Сидорова. 3-е изд. Тюмень: Издательство государственного университета, 2010. – М., – 721 с.

[47]. Ғоибов, Р.Ғ. Ҳуқуқи ҷиноятӣ. (Қисми умумӣ) [Матн]: Дастури таълимӣ барои факултети ҳуқуқшиносӣ. Нашри 2 / Р.Ғ. Ғоибов. – Хуҷанд: «Ношир», 2007. – 180 с.

[48]. Гуськова, А.П. Личность обвиняемого в уголовном процессе (проблемные вопросы науки и практики) [Текст]: монография / А.П. Гуськова. – Оренбург изд. центр ОГАУ, 1996. – 174 с.

[49]. Гуценко, К.Ф. Формы уголовного процесса // Уголовный процесс [Текст]: Учебник для юридических вузов и факультетов. / под ред. К.Ф. Гуценко. – М.: «Зерцало». – 1997. – 707 с.

[50] Добровольская, Т. Н. Принципы советского уголовного процесса [Текст]: (Вопросы теории и практики) / Т.Н. Добровольская. – М.: «Юрид. лит», 1971. – 199 с.

[51]. Дорошков, В.В. Частное обвинение правовая теория и судебная практика [Текст]: монография / В.В. Дорошков. – М.: Норма, 2000. – 143 с.

[52]. Дорошков, В.В. Руководство для мировых судей. Дела частного обвинения [Текст] / В.В. Дорошков. – М.: Норма - Инфра, 2001. – 272 с.

[53]. Дурманов, Н.Д. Понятие преступления [Текст] / Н.Д. Дурманов. – М., Изд. АН СССР. 1948. – 311 с.

[54]. Искандаров, З.Ҳ. Конституционно - правовые основы защиты прав человека и гражданина в уголовном процессе Республики Таджикистан [Текст] / З.Ҳ. Искандаров. – Душанбе: «Эҷод», 2008. – 184 с.

[55]. Искандаров, З.Ҳ. Ҳуқуқи инсон ва механизми миллии ҳимояи он [Матн]: монография / З.Ҳ. Искандаров. – Душанбе: ЭҶОД, 2007. – 136 с.

[56]. Искандаров, З.Х. Защита прав человека в уголовном процессе Республики Таджикистан: история и современность [Матн] / З.Х. Искандаров. – Душанбе: «ЭР-граф», 2022. – 368 с.

[57]. Калашникова, Н.Я. Судебное разбирательство дел частного обвинения [Текст] / Н.Я. Калашникова. – М.: Госюриздат, 1953. – 90 с.

[58]. Калашникова, Н.Я. Судебное разбирательство дел частного обвинения [Текст] / Н.Я. Калашникова. – М.: Юрид. лит., 1962. – 197 с.

[59]. Катькало, С.И., Лукашевич, В.З. Судопроизводство по делам частного обвинения [Текст] / С.И. Катькало, В.З. Лукашевич. – Ленингр., 1972. – 208 с.

[60]. Кобликов, А.С. Исторические формы уголовного процесса [Текст] / А. С. Кобликов // Уголовный процесс. / под. ред. А.С. Кобликова. – М., 1999. – 348 с.

[61]. Кокорев, Л.Д. Потерпевший от преступления в советском уголовном процессе [Текст] / Л.Д. Кокорев. – Воронеж. 1964. – 138 с.

[62]. Кудинова, Н.Т. Законы царя Хаммурапи [Текст]: Методические указания по изучению первоисточника в курсе «История государства и права зарубежных стран» для студентов специальности «Юриспруденция» всех форм обучения / Н.Т. Кудинова. – Хабаровск: Изд-во Хабар. гос. техн. ун-та, 2002. – 36 с.

[63]. Қудратов, Н.А., Холхуҷаев, З.И. Ҳуқуқи мурофиавӣ - ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми умумӣ ва пешбурди тосудӣ [Матн]: маводи таълимӣ / Н.А. Қудратов, З.И. Холхуҷаев. – Душанбе, 2013. – 362 с.

[64]. Ларин, А.М. Расследование по уголовному делу: процессуальные функции [Текст] / А.М. Ларин. – М.: Изд-во Юридическая литература, 1986. – 159 с.

[65]. Лупинская, П.А. Типы (формы уголовного процесса) // Уголовно – процессуальное право Российской Федерации [Текст]: Учебник / Отв. ред. П.А. Лупинская. – М., 1998. – 591 с.

[66]. Маҳмудов, М.А., Менглиев, Ш.М. Ҳуқуқи хусусии румӣ [Матн] / М.А. Маҳмудов, Ш.М. Менглиев. – Душанбе: «ЭР-граф», 2013. – 176 с.

[67]. Ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ. Китоби дарсӣ [Матн] / Зери таҳрири Н.А. Қудратов. – Душанбе, 2016. – 528 с.

[68]. Раджабов, С. Развитие Советского уголовно-процессуального законодательства в Таджикистане [Текст] / С. Раджабов. – Душанбе: Изд. «ИРФОН», 1974. – 192 с.

[69]. Раҳматулоев, А.Э., Мухторов, К.Т., Қаҳоров, Н.М. Амалишавии меъёрҳои ҳуқуқӣ ва танзими муносибатҳои мурофиавии ҷиноятӣ [Матн] / А.Э. Раҳматулоев, К.Т. Мухторов, Н.М. Қаҳоров. – Хуҷанд: Хуросон, 2019. – 280 с.

[70]. Раҳматулоев, А.Э. Мурофиаи ҷиноятӣ. Китоби дарсӣ. [Матн]: Нашри 2. / А.Э. Раҳматулоев. – Хуҷанд: Хуросон, 2017. – 650 с.

[71]. Ретунская, Т.П. Институт частного обвинения в уголовном процессе России [Текст]: монография / Т.П. Ретунская. – М.: ЮНИТИ – ДАНА: Закон и право, 2006. – 144 с.

[72]. Савитский, В.М., Потеружа, И.И. Потерпевший в советском уголовном процессе [Текст] / В.М. Савитский. – М.: Госюриздат, 1963. – 169 с.

[73]. Смирнов, А.В. Состязательный процесс [Текст] / А.В. Смирнов. СПб.: «Альфа» 2001. – 315 с.

[74]. Строгович, М.С. Уголовный процесс [Текст]: учебник / М. С. Строгович. Ин-т права акад. наук СССР. – М.: Юридическое издательство «НКЮ», 1941. – 310 с.

[75]. Строгович, М.С. Курс советского уголовного процесса [Текст]: Том 1: Основные положения науки советского уголовного процесса / М.С. Строгович. М.: Изд-во «Наука». 1968. – 470 с.

[76]. Строгович, М.С. Курс советского уголовного процесса [Текст] / М.С. Строгович. – М.: Изд-во Акад. Наук СССР, 1958. – 703 с.

[77]. Строгович, М.С. Курс советского уголовного процесса [Текст]: т. 2. / М.С. Строгович. – М.: Наука, 1970. – 516 с.

[78]. Строгович, М.С. Курс советского уголовного процесса [Текст]: Т.1. / М. С. Строгович. – М. 1968. – 466 с.

[79]. Строгович, М.С. Уголовное преследование в советском уголовном процессе [Текст] / М.С. Строгович. – М.: Изд-во Академии наук СССР, 1951. – 191 с.

[80]. Строгович, М.С. Уголовный процесс [Текст] / М.С. Строгович. – М., 1946. – 511с.

[81]. Строгович, М.С. Уголовный процесс [Текст] / М.С. Строгович. – М.: Юрид. изд - во НКЮ СССР, 1941. – 312 с.

[82]. Строгович, М.С. Учебник уголовного процесса [Текст] / М.С. Строгович. – М.: Юрид. изд-во НКЮ СССР, 1938. – 246 с.

[83]. Таҷрибаи дар амал татбиқсозии қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тавсияҳо доир ба такмилсозии он [Текст] // А.М. Маҷитов ва Е.Ҷ. Камолова– Душанбе, 2012. – 288 с.

[84]. Таубер, Л.Я. Жалоба потерпевшего при преступлениях неофициальных [Текст] / Л.Я. Таубер, прив.-доц. Харьк. ун-та. – Харьков: тип. и лит. М. Зильберберг и с-вья, 1909. – 413 с.

[85]. Тихомиров, Ю.А. Публичное право [Текст] / Ю.А. Тихомиров – М.: Изд-во «БЕК», 1995. – 485 с.

[86]. Тоҳиров, Ф.Т. Инкишофи ҳуқуқ дар Тоҷикистон [Матн] / Ф. Т. Тоҳиров. – Душанбе: Ирфон, 1994. – 260 с.

[87]. Тоҳиров, Ф.Т. Инкишофи ҳуқуқ дар Тоҷикистон [Матн]: монография / Ф.Т. Тоҳиров. – Душанбе: Ирфон, 1994. – 192 с.

[88]. Тоҳиров, Ф.Т. Таърихи давлат ва ҳуқуқи дунёи қадим [Матн] / Ф. Т. Тоҳиров. – Душанбе: Дониш, – 2003. – 112 с.

